**КАЙҲОННАВАРДИ ТОҶИК**
чаро ӯро ҷаҳон эътироф карду Тоҷикистон не? с.14





**МУЛОҚОТ БО ПУТИН**
роҳро ба муҳоҷирону тоҷирон боз мекунад? с.11

**ПАРАСТИШИ МЕССИ**
Худо ё фиристодаи сайёраи дигар? с.16





# ТОҶИКИСТОН

№16 (1319) 17.04.19 Оғози нашр: марти 1992

*Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якмост!*

www.tajikistantimes.com


# Алвидоъ, ИНТЕРНЕТ!




**ЭЪТИРОЗИ МАРДУМ АЗ БОЛОРАВИИ НАРХ, ХОМӮШИИ ПАРЛУМОН ВА ҲУКУМАТ**

**Дар ин шумора:**


**Фурудгоҳ дар хона**
ё МОИ-и дар бандмонда ба кӣ лозим? с. 6

**Ҳоратгарӣ дар “Финка”**
пайравии Умеда аз Остап Бендер с. 10

**Мирзиёев ва Тоқаев**
сулҳро дар Афғонистон барқарор мекунанд? с. 4

**Бозори асъор**
ҷилави он дар дасти кист? с.7

**Озмун**
Панди Ҷаббор Расулов с. 8

**Ворисони Сино**
мизбони Конференсияи байналмилалии тиббӣ с. 12

**Амир Ҳусайни Пироеш**
садое, ки ӯро ба Тоҷикистон овард с. 19

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси «Сандуқи хайрияи Тоҷикистон», академик

**Ашӯрбой СОЛЕҲЗОДА,**
Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
президенти АИ Тоҷикистон, академик

**Маҳмадсаид ШОҲИЁН,**
раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи МНМО ҶТ

**Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,**
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик

**Шералӣ КАБИРОВ,**
доктори илмҳои иқтисод

**Масъуд МИРШОҲӢ,**
раиси Анҷумани «Рӯдакӣ», Фаронса

**Ғаффорӣ Назира АБДУЛЛОЗОДА,**
муовини раиси вилояти Суғд

**Ҳақназар ҒОИБ,**
Шоири халқии Тоҷикистон

**Абдумудассир АҲМАДЗОДА,**
сармуҳаррири сомонаи «Tajikistantimes»

**Далер ҶУМЪАЕВ,**
директори генералии ширкати «Помир Энержӣ»

**Масъуди СИПАНД,**
узви Анҷумани «Пайванд», ИМА

**Одили НОЗИР,**
мудири шуъбаи фарҳанг

**Шаҳло НИЁЗОВА,**
хабарнигор

**Саодат РОЗИҚЗОДА,**
хабарнигор

**Фарзона МУРОДӢ,**
хабарнигор дар вилояти Суғд

**Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ,**
шореҳи варзиш

**Маҳинаи ДАВЛАТ,**
хабарнигор

**Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,**
хабарнигор дар вилояти Хатлон

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНҲОИ ИДОРА:**
**238-54-51,**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ РЕКЛАМА:**
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
**44 601-35-95**
**director@tayron.tj**

**ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
**238-78-78, 44 640-99-88**
**ads@rg.tj**

**ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА**
**918-63-31-63, 221-41-11**
**furush@rg.tj**

**АДАДИ НАШР:**
**14 300**

# НДС 10 фоиз шуд, ОРД арзон мешавад?

**Истеҳсолкунандаҳо ва фурӯшандаҳои орд муваззаф шуданд, ки аз арзиши изофашуда танҳо то даҳ дарсад андоз супоранд.**

Вакилони Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон 15-уми апрел дар ҷаласаи худ ба қонуни буҷаи кишвар ислоҳот ворид карданд. Аз ҷумла, Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард, ки минбаъд аз тавлидкунандаҳо ва фурӯшандаҳои орд дар кишвар аз арзиши изофашуда на бештар аз 10 дарсад молиёт ситонида шавад. Тоҳир Ҷобирзода, узви Кумитаи иқтисод ва буҷаи Маҷлиси намояндагон гуфт, ки "лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади дастгирии молии истеҳсолкунандагони ватанӣ, бахусус дастгирии корхонаҳои соҳаи коркарди гандум, таъмини шароит барои рақобати солим байни чунин корхонаҳо ва амнияти озуқаворӣ дар кишвар пешниҳод шудааст". Зимнан, тибқи ин тарҳ ба моддаи 15-и қонун "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" иловаҳо ворид шуда, баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудае, ки ҳангоми хариди (воридоти) дигар молу маҳсулоти (кору хизматрасониҳо) барои таҳвили минбаъдаи гандум ва ё коркарду фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда истифодашаванда пардохта шудааст, наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад.

# Корхонаҳои ҚАРЗДОР. ПЕШСАФ кист?

**Қарзи умумии корхонаҳои Тоҷикистон (бе назардошти корхонаҳои соҳибкории хурд) соли гузашта ба миқдори 28,8 млрд. сомонӣ (беш аз 3 млрд. доллар) афзуд.**

Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, ба санаи 1 январи соли 2019 қарзи умумӣ аз рӯи уҳдадориҳои корхонаҳо наздики 73 млрд. сомониро ташкил додааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 қариб 28,8 млрд. сомонӣ зиёдтар мебошад.

Қарзи дебиторӣ (қарз ба худи онҳо)-и корхонаҳо ба аввали соли равон ҳамагӣ 21 млрд. сомониро ташкил дода, соли охир ба андозаи 6,7 млрд. сомонӣ афзудааст. Вазни қиёсии корхонаҳои зиёновари ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 25,4%-ро ташкил додааст, ки асосан аз корхонаҳои саноати коркард, сохтмону нақлиёт, хоҷагии анбордорӣ ва алоқа иборат мебошанд. Миёни корхонаҳои кишвар ШСХК “Барқи Тоҷик” аз ҳама бештар қарздорӣ дорад, ки ба аввали соли ҷорӣ 23,1 млрд. сомонӣ (наздики 2,5 млрд. доллар)-ро ташкил медиҳад.






*Нуриддин Саид, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ТОҶИКИСТОН дар РУСИЯ мактаб месозад

**Дар назар аст, ки барои кӯдакони муҳоҷир дар Русия чанд мактаби якшанбегӣ ифтитоҳ шавад. Дар ин бора вазири маориф ва илми кишвар Нуриддин Саид хабар дод.**

Ба гуфтаи вазир, дар ду шаҳри Русия - Маскав ва Челябинск феълан мактабҳои рӯзҳои таътилӣ фаъолият мекунанд. Онҳо бо кумаки диаспораи тоҷикон бунёд шуда, ва аз ҷониби вазорат бо китобу лавозимоти хониш таъмин гаштаанд.

"Нақша дорем дар ҳудуди Русия 5-6 мактаб бунёд кунем. Аммо ин ҳоло танҳо дар нақша аст", - афзуд вай. Мактабҳо дар манотиқҳое бунёд мешаванд, ки диаспораи тоҷикон ҳузур дорад.

# САРИ САБЗ



**Саидҷаъфар ИСМОНОВ, депутат:**

**-Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад бо як амали нодурусти худ бар зидди Ҳукумат як гурӯҳи мардумро норозӣ кунад. Баланд рафтани нархи Интернет танҳо ташаббуси Хадамоти зиддиинҳисорӣ нест ва манфиатбари асосии ин кор Хадамоти алоқа аст.**

*-Чӣ , Шумо ҳам нотарсона “бги дега...” гуфтаниед?*



**Олимҷон БОБОЕВ, депутат:**

**-Алоқа бахши инфрасохторӣ аст, ки ҳатто дар ҳолати зарурат нархаш набояд боло бурда шавад. Ин ба буҷаи оила таъсир мерасонад. Пасандозе, ки аз ҳисоби муътадил будани нархҳо ҷамъ мешуд, хароҷот мешавад ва пасандоз кам мешавад.**

*-...ва дигар ҳеҷ кас наметавонад аз Хадамоти алоқа хона харад.*



**Назар ОДИНАЗОДА, муовини аввали раиси Хадамоти зиддиинҳисорӣ:**

**-Ҳар як давлат сиёсати худро дорад ва дастрасӣ ба алоқаи барқӣ гуногун аст. Шароитҳое, ки дар Қирғизистон мавҷуд аст, дар мо нест. Аз ҷиҳати техникӣ мо вобастагии дигар давлатҳоро дорем.**

*-Қирғизистон худаш таҳҳизоти интернетрасонӣ истеҳсол карда, ба Аврупою Амрико мефурӯшад, гӯед...*

# Алвидоъ, ИНТЕРНЕТ...

## эътирози мардум аз болоравии нарх, хомӯшии парлумон ва ҳукумат



**Дар Тоҷикистон нархи истифодаи интернети мобилӣ, ки дар муқоиса бо кишварҳои Осиёи Марказӣ суръати аз ҳама паст дорад, якбора боло рафт. Аввалин шуда, ин болоравиро ширкатҳои мобилии кишвар тариқи паёмак ба муштариёни худ расониданд.**

Аммо муштариён инро чун шумхабар қабул карданд. Тасмими сохторҳои масъули қабулкунандаи қарор дар сомонаҳои иҷтимоӣ мавҷи эътирозҳоро ба миён оварда. Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ амали мазкурро як навъ холӣ кардани ҷайби бе ин ҳам тиҳии мардум ва маҳрум кардан аз донишу маърифат ва иттилоъ ном бурданд. Аммо намояндагони мақомоти давлатӣ, вазирон, парлумон ба таври ошкорову расмӣ ин тасмимро расман шарҳ надоданд. Гӯё бо ин амалашон бетарафӣ нишон доданд.

### Мақоми охири Тоҷикистон дар суръати интернет

*Дар паёмаки ширкати Мегафон чунин "мужда" дода шудааст:*

"Муштарии муҳтарам! Бо фармони Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон рақами 31 аз 04.03.2019 ба нархномаи хизматрасониҳои мобилӣ тағйиротҳо ворид гашта, тарофаатон моҳи ҷорӣ иваз мегардад.

Зимнан, қарори Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон дар мавриди афзоиши қимати интернети мобилӣ бояд ҳанӯз дар охирҳои моҳи марти соли ҷорӣ амалӣ мешуд. Вале ба далели музокироти ширкатҳои мобилӣ ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ ичрои ин қарор аз рӯзи 13 апрел шурӯъ гардид.

Тибқи муқаррароти нав нархи 1 мегабайт интернет бо андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз 6,2 дирам ва 1 гигабайт 62 сомонӣ арзиш дорад. Қаблан ин нархнома то 32 сомониро ташкил медод. Ин дар ҳолест, ки Индекси ҷаҳонии санҷиши суръат- Speedtest Global Index Тоҷикистон дар миёни 124 кишвари ҷаҳон дар зинаи охирин ҷой гирифтааст. Тибқи ин гузориш Қазоқистон дар заминаи суръати интернети мобилӣ дар ҷойи 74, Қирғизистон 94 ва Ӯзбекистон 110 қарор доранд. Тоҷикистон дар рӯйхати кишварҳои дорои интернети аз ҳама суст дар паҳлуи Афғонистон, Ирок, Алҷазоир ва Венесуэла ҷой гирифтааст.

### Ҳукумати электронӣ ва буҳрони интернет

Баъд аз як рӯзи эълони нархи интернет масъулини Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон, ки аслан тасмими ин ниҳод аст, қарори боло бурдани нархи интернетро дуруст хондааст. "Зарурати он аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ба шароити иқтисоди бозоргонӣ мусоидат намудани тарофаҳои алоқаи баркӣ аст. Дигар чиз нест. Яъне, ки тарофаҳои алоқаи баркӣ бояд пурра хароҷотро пӯшонанд ва фоидаи муайяни ширкати мобилӣ бояд бошад. Мутобиқ кардан ба шароити иқтисоди бозоргонӣ, яъне ба таври реалӣ тарофабандӣ кардани алоқаи баркӣ аст"-гуфтааст Назар Одиназода -муовини аввали раиси Хадамоти зиддиинҳисорӣ. Аҷиб, магар то ин вақт нархи интернет хароҷоти ширкатҳоро намепӯшонид? Агар чунин мебуд, чаро ширкатҳои хизматрасон ҷонибдори боло бурдани нарх нестанду Хадамоти зиддиинҳисорӣ чунин "инитсиатив" нишон медиҳад? Ҳол он ки рисолати ин сохтор танзимкунии нарх, назорат аст, на боло бурдани он мебошад. Чаро вақти қабули қарор имкониятҳои пардохти мардум ба инобат гирифта намешавад? Ҳол он, ки асри технология аст ва ҳукумати электронӣ дар мақомоти давлатӣ нав амалӣ мешавад, магар бо ин тасмими шумо ҳадафҳои пешгузоштаи давлат ичро мегардад? Не! Чунки ҳукумати электронӣ такя ба интернети босуръат ва барои мардум дастрас амалӣ шуда метавонад. Вақте ки нархи интернет баланд шуд, табиист,ки мардум аз он камтар истифода мебаранд ва ин зарба ба рушди технология мезанад.

Олимҷон Бобоев, вакили Мачлиси намояндагон ва раиси Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, гуфт, ки "алоқа бахши инфрасохторӣ аст, ки ҳатто дар ҳолати зарурат нархаш набояд боло бурда шавад. Зеро вақте нархҳо дар бахшҳои инфрасохторӣ боло мераванд, таъсири он ба бахшҳои дигари иқтисод мерасад. Ин ба буҷаи оила таъсир мерасонад. Пасандозе, ки аз ҳисоби муътадил будани нархҳо ҷамъ мешуд, хароҷот мешавад ва пасандоз кам мешавад".

### Нархи гуфтугӯ ҳам гарон шуд

Дар баробари интернет дақиқаи тамос ба кишварҳои хориҷӣ низ боло рафтааст. Дар асоси нархномаи нашркардаи Tcell як дақиқаи гуфтугӯ бо кишварҳои хориҷӣ аз 1,25 то 4,8 сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, як дақиқаи зангҳои содиротии байналмилалӣ ба Амороти Муттаҳидаи Араб – 2,7 сомонӣ, Арабистони Саудӣ – 2 сомонӣ, Арманистон, Афғонистон, Украина – 3,5 сомонӣ, Эрон, Қирғизистон – 3 сомонӣ, Беларус, Литва – 4,8 сомонӣ, Русия, Ӯзбекистон, Покистон – 1,25 сомонӣ муайян шудааст.

Аз рӯи маълумотҳои интернетӣ, айни замон дар муқоиса ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Ӯзбекистону Қирғизистон нархи интернет дар Тоҷикистон хеле баланд аст. Доираи истифодабарандагон низ дар кишварҳои ба мо ҳамсоя зиёдтар ба қайд гирифта шудааст, ки ин ба баланд будани суръат ва кам будани нарх далолат мекунад.

### Қирғизистон

Қирғизистон чанд соли охир кишвари лидер барои дастрасии интернети босуръат ва арзон дар минтақа ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз соли 2015 Сарвазири ин кишвар Темир Сариев гуфта буд, ки мавҷи интернет ба 90 фоизи ҳудуди Қирғизистон мерасад. Аҳолӣ низ бештар аз интернети мобилӣ истифода мебаранд, ки он хеле арзон аст. Мисол, тарифи ягонаи 20 Гб интернет ва зангҳои дохилии шабакаи ройгон ҳамагӣ 250 сом дар як мох, ки ин бо асъори мо 34 сомониро ташкил медиҳад. Ҳол он ки маоши миёна дар Қирғизистон беш аз 15000 сом баробар ба 2100 сомонӣ аст. Ҳамагӣ 1,5 фоизи маошро қирғизҳо барои истифодаи интернет сарф мекунанд. Ғайр аз ин, моҳи январи соли 2019 Агентии зиддимонополии Қирғизистон ширкатҳои мобилиро муваззаф кард, ки зангҳои гуфтугӯро дар дохили шабакаҳо 14 фоиз коҳиш диҳанд.

### Ӯзбекистон

Дар ибтидо мисли Тоҷикистон интернет дар Ӯзбекистон суръати сангпуштро мемонд. Аммо дар соли 2010 дар соҳаи алоқаи ин кишвари ҳамсоя ислоҳоти куллӣ сурат гирифт. Агар теъдоди истифодабарандагон интернет дар 2009 ҳудуди 2,1 миллион нафарро ташкил мекард, пас ин рақам дар соли 2011 ба 7,5 миллион нафар ва соли 2017 ду баробар зиёд 14,8 миллион нафар расид. Дар ин кишвар тарофаҳои интернети мобилӣ хеле арзону барои аҳолӣ дастрас аст. Пакети моҳонаи интернет дар Ӯзбекистон ҳамагӣ 20000 сум баробар ба 22,5 сомонӣ аст. Илова ба ин, дар дохили пакет 150-200 дақиқаи ройгон барои гуфтугӯ пешбинӣ шудааст. Маоши миёна дар Ӯзбекистон наздики 2 миллион сум баробар ба 2250 сомонӣ мебошад.

### Қазоқистон


Суръати интернети Қазоқистон баробар ба суръати интернети Русия аст. Қазоқистон дар қатори кишварҳое дохил мешавад, ки нархи интернети мобилиаш сол ба сол майли пастравӣ дорад. Ҳоло бастаи интернетӣ дар як моҳ 1300 тенге то 2500 тенге баробар ба 32-60 сомонӣ аст. Ин аз 5 то 20 Гб интернет, зангҳои ройгон дар дохили шабака ва аз 40 то 150 дақиқаи ройгон барои гуфтутугӯ бо дигар алоқаҳои мобилист. Маоши миёна дар Қазоқистон бошад, 150 000 тенге, ки баробар ба 3700 сомонӣ мебошад.

### Тоҷикистон

Тоҷикистон соли 2005 аввалин шуда, алоқаи мобилии стандарти 3G - ро тачриба кард. Дар ин давра теъдоди муштариён аз 3 ҳазори соли 2000-ум ба 3 миллион нафар расид. Ҳоло бошад, тарофаҳои интернетӣ як маротиба боло рафта, 1 гигабайт, ки 32 сомонӣ буд, ба 62 сомонӣ дакка хӯрд. Маоши миёна дар Тоҷикистон ҳамагӣ 700-800 сомониро ташкил медиҳад. Акнун худатон хулоса бароред, ки айби болоравии нарх дар "ош" аст ё дар "мош" ва кӣ сари ҳукуматро дар назди сокинон паст кардан мехоҳад?

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**"Тоҷикистон"**

МАВҚЕЪ



**Исмоил ЗАРИФӢ,**
**шоир**

## ДАР СӮГИ ИНТЕРНЕТ

*Доштам якумр бар ту иштиёқ,*
*Ту азизи ман будӣ бе тумтароқ.*

*Ин замон нархи ту аз гардун гузашт,*
*Ман чӣ месозам кунун бо ҷайби қоқ?*

*Дурии ту қалби моро бишканад,*
*Қалби моро кай тавон кардан қадоқ?*

*Киссаам холию ҷои кор нест,*
*Чун сарамро ман занам бар ҳар талоқ?*

*Хотирам осуда аз рӯи ту буд,*
*Рафтӣ аз пешам ту бар дигар равоқ.*

*Интернето, кунун ёдат ба хайр,*
*Ошиқат монам ҳамеша бе чатоқ.*

*Гарчи аз ҷон дӯст медорам туро,*
*Мекунам бо дилкашолӣ се талоқ.*

# «ТОЛИБОН»

## «бадтарин баҳор» ва қатъи фаъолияти Салиби Сурх

**Ин ҳафта, мутаассифона ҳафтаи «Толибон» буд, зеро аксари расонаҳои ҷаҳон аз қувват гирифтани ин гурӯҳи террористӣ навиштанд.**



### Салиби Сурх Афғонистонро тарк кард

Ҳафтаи равон Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх пас аз ҳушдори гурӯҳи «Толибон», фаъолиятҳояшро дар саросари Афғонистон қатъ кардааст. Дар ин бора «The Associated Press» хабар медиҳад.

Робин Ваудо, як масъули расонаҳои ин кумита санаи 11-уми апрел хабар дод, ки то вақте ки масъалаи ҳифзи ҷони кормандони Салиби Сурх ҳал нашавад, ин созмон фаъолиятҳояшро мутаваққиф хоҳад кард.

Ӯ афзуд, "бале, мо эъломияи «Толибон»-ро дидем ва тасмим гирифтем, ки фаъолиятҳои худро қатъ кунем. Ба ҳамин хотир, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх наметавонад, ки дар минтақаҳои мухталифи Афғонистон ба мардум хадамоти худро пешниҳод кунад". Оқои Ваудо мегӯяд, ки Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх талош мекунад, ки ин мушкилро аз тариқи гуфтугӯ бо «Толибон» бартараф намояд.

Ин дар ҳоле аст, ки гурӯҳи «Толибон» Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва Салиби Сурхро ҳушдор додааст, ки таъмини амнияти кормандони онҳоро замонат намедиҳад. Дар эъломияи гурӯҳи «Толибон» омадааст, ки «шуморе аз ниҳодҳо ва муассисаҳои кумакрасон фаъолиятҳояшонро дар ин кишвар ба таври дуруст пеш намебаранд». Гурӯҳи «Толибон» ҳамзамон гуфтааст, ки муассисаҳои дигари имдодӣ метавонанд ба фаъолияташон дар Афғонистон идома диҳанд.

Аммо ҳукумати Афғонистон то ба ҳол ба ин таҳдиди «Толибон» вокунише нишон надодааст.

Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх беш аз 30 сол мешавад, ки дар Афғонистон фаъолият мекунад. Кумак ба асирон ҷангӣ, маъюбон, қурбониёни ҷанг ва тақсими маводи хӯроквориӣ ва ҳамчунин кумак ба бечошудагони дохилӣ, аз ҷумлаи фаъолиятҳои ин созмон дар Афғонистон мебошад.

### «Толибон» дар марзи Тоҷикистон

Ҷангҷӯёни гурӯҳи «Толибон» дар Афғонистон ба канораҳои шимолии шаҳри Қундуз, ба марзи Тоҷикистон ҳамсарҳад аст, ҳамла кардаанд ва қасд доранд, чанд ноҳияи онро тассаруф кунанд. Дар ин бора Агентии «France-Presse» хабар медиҳад.

Ҳамла як рӯз баъд аз он шурӯъ шуд, ки «Толибон» гуфтанд, амалиёти баҳорӣ ба зидди неруҳои ҳукуматиро оғоз мекунанд. Ҳуҷуму хунрезӣ дар рӯзи 13-уми апрел дар замоне сурат гирифт, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико талош дорад, «Толибон»-ро ба музокироти сулҳ ва хотима додан ба ҷанг дар Афғонистон моил кунад.

Қарор аст, даври нави гуфтугӯ бо аъзои ин гурӯҳ охири ҳамин моҳ дар дар Қатар сурат бигирад. Наим Мангал, сартабиби бемористони марказии вилояти Қундуз ба хабаргузории «Франс Пресс» гуфтааст, ки дар натиҷаи ҷангҳо дар атрофи шаҳр 8 нафар кушта ва 62 тани дигар мачруҳ шудаанд.

«Толибон» ҳамчунин ба чанд ноҳияи Вилояти Бадахшони Афғонистон ва ҳаммарз бо Бадахшони Тоҷикистон ҳамла кардаанд, вале мақомот мегӯянд, ба ҳадафи худ нарасиданд. Некмуҳаммад Назарӣ, сухангӯи волии Бадахшон ба Радиои «Афғонистони Озод» гуфт, «Толибон» аз рӯзи 13-уми апрел ҳамалоти густурдаеро ба ноҳияҳои Зебок, Курон, Манҷон ва Ҷурм оғоз карданд, вале ба муқовимати неруҳои давлатӣ рӯ ба рӯ шуда, ақибнишӣ карданд.

### Бадтарин баҳор

Ҳамчунин, неруҳои «Толибон» тайи чанд рӯзи охир ба ду ноҳияи ҳаммарз бо Туркманистон ҳамла карданд, ки дар натиҷа, 15 нафар аз «Толибон» 2 хориҷӣ ва шаш неруи ҳукуматӣ ба қатл расонида шуданд. Теъдоди аҳолии фавтида маълум нест. Дар ин бора радиои «Афғонистони Озод» хабар медиҳад.

Теъдоде аз вакилони мачлиси Вилояти Бадахшон ба хабарнигори ин радио гуфтаанд, ки агар ҳукумат неруҳояшро дар минтақа тақвият набахшад ва ба ҳолати ҳуҷум нагузарад, баҳори имсол барои мардуми минтақа “бадтарин баҳор” хоҳад буд. Абдулло Сиддиқӣ узви мачлис мегӯяд: “Мо аз ин ҳамалоти «Толибон» сахт нигарон ҳастем. Мутаассифона, давлат аз ҳолати дифоъ набаромадааст. Мо ҳамеша ба давлат гуфтем, ки аз ҳолати дифоӣ баромада, ба ҳолати таҳоҷумӣ гузарад. Агар давлат ба ҳамин минвол бимонад, мо шоҳиди ҳодисаҳои бисёре мешавем.”

Баъди эълони амалиёти баҳорӣ бо номи “Ал-фатҳ” «Толибон», ҳамчунин ба дигар шаҳру минтақаҳои Афғонистон ҳамла карданд. Дар Кобул ба як идораи пулис норинҷак андохтанд ва як нафарро кушта, шаш тани дигарро мачруҳ карданд. Дар вилояти Ғур дар як ҳамлаи ғофилгиронаи «Толибон» камаш 7 сарбози афғон кушта шуданд. Дар Нангарҳор ва дигар вилоятҳои ҷанубии Афғонистон ҳам ҳамлаву хунрезӣ мушоҳида шуд.

Ҳарчанд «Толибон» ҳамлаву бомбагузориҳоро тамоми сол идома медиҳанд, аммо ҳар баҳор аз амалиётҳои баҳорӣ ва густурда эълон медиҳанд. Онҳо рӯзи 13-уми апрел бо нашри баёнияе бо 5 забон гуфтанд, ки ҷангро то замоне, ки неруҳои хориҷӣ аз кишвар нараванд, идома хоҳанд дод.

**ҲАМЧУНИН:**



## МИРЗИЁЕВ ва ТОҚАЕВ

### сулҳро дар Афғонистон пиёда хоҳанд кард?

**Раисҷумҳури Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев санаи 14 апрел бори нахуст ба сифати Президент ба Ӯзбекистон сафар кард.**

Ҷониби Ӯзбекистон Тоқаевро бошукӯҳ бо даҳҳо мошини зиреҳпӯш ва нигаҳбонон пешвоз гирифт. Коршиносон мегӯянд, ки қаблан ягон президенти дигарро Ӯзбекистон бо чунин тантана пешвоз нагирифтааст.

Зимни суҳбат Ӯзбекистон ва Қазоқистон барпо намудани сулҳро дар қаламрави Афғонистон ва пиёда кардани лоиҳаҳои гуногунро дар ин кишвар яке аз корҳои муҳим хонданд.

«Тарафҳо ҷанбаҳои муҳими ҷорӣ намудани сулҳ дар Афғонистонро қайд намуда, ҳамчунин пиёда гардонидани лоиҳаҳои иқтисодиро дар ин кишвар муҳим хонданд”, - қайд кардааст Мирзиёев ҳангоми ҷамъбасти гуфтушунидҳо.

Раисҷумҳури Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев гуфт, ки дар ҷараёни гуфтушуниди роҳбарони ду давлат, яке аз муҳимот, амали якҷояи кишварҳои минтақа баҳри созиш ва амният дар Осиёи Миёна дониста шуд. Баҳри суботи минтақа, пеш аз ҳама, бояд ба терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, маводи мухаддир, ташкили ҷиноятҳои транс миллӣ муқовимат кард.

Тоқаев ҳам аз мувофиқаи назарҳо ҳар ду ҷониб дар мавзӯи обу энергетика дар Осиёи Миёна дар асоси меъёр ва принсипҳои байналмилалӣ изҳори назар кардааст.

**МАЪЛУМОТНОМА**



### ҶУЛИАН АССАНЖ

**Ҷулиан Пол Ассанж (англ. Julian Paul Assange) – журналисти австралиягӣ ва эквадорӣ, асосгузори «WikiLeaks».**

Номбурда 3 июли соли 1971 дар Таунсвилли Австралия таваллуд шудааст. Ӯ аз ҷавонӣ ба программасозӣ машғул шуда, як муддат хакери калонтарин ба ҳисоб мерафт. Дар асоси ҳуҷҷатҳои махсуси махфии бадастовардааш соли 2006 сомонаи «WikiLeaks»-ро таъсис дод, ки баъдан ба ошкор кардани ҳуҷҷатҳои махфӣ ва амалиётҳои ҷангӣ машғул шуд.

Вақте аз ҷониби ИМА ва Британиё аз болои ӯ парванда боз шуда, зери таҳдиду фишор қарор гирифт, соли 2012 ба Сафоратхонаи Эквадор дар Лондон паноҳ бурд ва то 11 апрели соли 2019 дар он ҷо нигаҳдорӣ мешуд.

Санаи 11 апрел бошад, полиси Британия ичозаи ворид шудан ба Сафоратхонаи Эквадорро гирифта Ассанжро боздошт карданд. Расонаҳо боздошти ӯро «боздошти аср» арзёбӣ намуданд.

Полис мегӯяд, ки Ассанж баъди он ҳабс шуд, ки "ҳукумати Эквадор ҳаққи паноҳандагии Ассанжро бозпас гирифт ва сафир ичоза дод, ки ба дохили сафоратхона ворид шаванд".

Ассанж аз августи соли 2012 аз тарси ин ки боздошт ва ба Шветсия истирдод мешавад, дар дохили сафорати Эквадор зиндагӣ мекард.

Президенти Эквадор Ленин Морено гуфт, ки ҳаққи паноҳандагии Ассанж баъди он бозпас гирифта шуд, ки ӯ "чандин бор эъломияҳои байналмилалиро нақз кард".

Ассанж, шаҳрванди Австралия, инчунин метавонад барои нашри тахминан 500 ҳазор санади махфии низомӣ ва дипломатӣ дар робита бо низоъҳои мусаллаҳона дар Афғонистон ва Ироқ дар соли 2012 муҳокима шавад.

Вазорати адлияи ИМА эълон кард, ки Ассанж "дар робита бо фош кардани калидвожаҳои компютерҳои ҳукумати ИМА ва дастрасӣ ба санадҳои махфӣ" муттаҳам мешавад.

# ШАРФАИ ПО *ва* ТАЪНАИ МИЛИСА

## падари се фарзандро дар Наврӯз ба ҳалқаи дор бурд

**Овозаи даст ба худкушӣ задани ҷавонмарде дар ноҳияи Деваштич дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз баҳси мавзӯи гуфтугузори хурду калон гардид.**

Ҳодисаи маҳз дар рӯзҳои ҷашнӣ даст ба худкушӣ задани худкуш сару садоҳои зиёдеро дар пай дошт. Яке онро бухрони психологӣ мегуфт, дуюмӣ мушкилоти иқтисодӣ ва сеюмӣ муноқишаи оилавиро сабабгор мегуфт. Аслан, дар Мучун чӣ рух дод?



### Кош ба ҷои писарам ман мемурдам...

-Ман як омӯзгори одӣ ҳастам, собиқаи кориам дар соҳаи маориф 42 сол мебошад. Дар мактаб аз фанҳои физика, математика ва технология дарс медиҳам. Модари 6 фарзанд будам, лекин 22 январи соли 2019 фарзанди панҷумам Ёлқин дар оғиламон худовезӣ карда, ба ҳалокат расид. Се фарзандаш – Маъсумаи 6 - сола, Миҷгонаи 3 - сола ва Ганҷинаи 26 - рӯза ятим монданд. Кошкӣ ба ҷойи Ёлқин ман мемурдам, ӯ бошад, фарзандонашро калон мекард,-бо ашки шашқатор нақл кард модари Ёлқини ғӯрамарг Ҳукминисо Қучқорова.



-Ҳодисаро, ки сабаби марги писарам шуд, нақл карданӣ ҳастам. Ман фикр карда будам, ки иди Наврӯзро бо фарзандонам ҷашн мегирам, афсӯс дар ин ид хонаам мотамхона шуд. Писарам Ёлқин бо ман зиндагонӣ мекард. Ӯ феълан оромтабиат, меҳнатдӯст, сода, солим буд, дар деҳа ҳама ӯро ҳурмат мекарданд, чунки то имрӯз пашаеро озор надода буд. Мошинаш буд ва ба қавле барои ҳамдеҳагон “таксии бепул” буд. Бо илтимоси ҳаққу ҳамсоя ва шиносҳо якеро ба беморхона, дигареро ба бозор, сеюмиро ба маркази ноҳия ройгон мебурд ва мегуфт. “Дуо кунед, ки ба сари фарзандонам соябон бошам..., - ба нақлаш идома медиҳад холаи Ҳукминисо.

### Наврӯзамон ба мотам табдил ёфт

...Дар арафаи иду айём ҳамаи ҷавонмардон нишаст мекунанд ва ғояти шодию нишот майнӯшӣ. Вале санг боз омада ба сари камбағалу бечора мезанад. Ба муносибати иди Наврӯз шодӣ кардани писари ғӯрамаргам боиси бева мондани занашу ятим шудани се фарзандаш гашт.

19 март, бегоҳӣ соати 21:30 писарам Ёлқин мошинашро ронда аз хона рафт. Ман фикр кардам, ки ӯ кори касеро буд кардан рафт. Соати 22:30 ӯ ба хона баргашт, лекин дар кӯча овози шӯру мағал баланд шуд. Аз дар баромада бинам дар кӯча писарам Ёлқин, рафиқаш Кенҷабой, раиси маҳалла Расулов Баҳриддин ва Файзиев Қодир истодаанд. Раиси маҳалла Расулов ба ман фаҳмонид, ки писарам гӯё маст шуда, ба хонаи Гулноза (ном иваз карда шуд) даромадааст. Инро шунида, дар ҳолати “шок” афтодам. Муаллима бошам ҳам, сухан дар гулӯям дармонд. Бо шунидаам боварам набуд, ки писари ҳалолу таълимдидаи ман падари се фарзанд ба роҳи хато рафта бошад. Дар ҳамин фикру андеша будам, ки Қодир гуфт:

“Мо ба 2 нафар нозири минтақа занг задем, акнун писаратро бурда турма мекунанд”. Аз сабаби он ки Расулов Баҳриддин ва Файзиев Қодир шогирдони ман буданд, аз онҳо узр пурсидам. Гуфтам, ки агар писарам хатое кард гуноҳе кард, ман ба ҷои ӯ бахшиш мепурсам, аммо дар арафаи иду айём милисабозӣ кори хуб нест. Онҳо муаллимаашон бошам ҳам, ба суханони ман эътибор надода рафтанд.

### Аз зери борон ба зери новадон ...

Вақте ки онҳо рафтанд, ман писарам Ёлқин ва рафиқаш Кенҷабойро ба хона дароварда, пурсидам, ки чӣ ҳодиса рӯй дод. Кенҷабой нақл кард, ки ба ӯ писарам занг зада гуфтааст, ки «биё, ба ман ёрӣ дех, ман дар «толпа мондам». Вақте Кенҷабой барои ёрӣ меравад, Ёлқин аллакай дар роҳ омада истода будааст. Баъдан, ману Кенҷабой аз писарам чӣ воқеа рӯйдодагиашро пурсидем.

Писари ғӯрамаргам чунин нақл кард: “Баъди нишасти наврӯзӣ рафиқамро бо мошинам ба хонааш бурда мондам ва дар вақти баргаштан аз дур як мошинро дида, фикр кардааст, ки мошини корманди БДА аст. Азбаски дар вақти ҳамсинфон якчо будан каме нӯшида будем, хостам аз мошин фаромада, аз пеши ҷашми кормандони БДА дур шавам. Мошинамро монда, ба як хона даромада, пинҳон шуданӣ будам. Аз дарвоза даромада будам, ки соҳиби хона Гулноза маро дида, доду вой кард ва ҳамсояҳояшро, аз ҷумла Қодирро даъват кард. Ман ҳоло пурра ҳушёр набудам, ки ҳамакаса маро латукӯб карданд. Ман кӯшиш кардам аз чанги онҳо халос хӯрда, тезтар ба пеши мошинам расам. Аммо онҳо низ то назди мошинам омаданд. Ман зуд ба мошинам нишаста, онро рондан шудам. Пеши мошинро Гулноза гирифт.Аммо коре карда, аз он ҷо рафтам”.

### “Худашро надидам, аммо шарфаи пояшро шунидам”

Модар мегӯяд: Дидам, ки масъала ҷиддӣ нест,саҳар соати 7:00 ман ба хонаи Гулноза рафтам ва аз ӯ пурсидам, ки «Гулноза, духтарам, ту худат даромадани писарамро дидай?». Ӯ ҷавоб дод, ки дидагӣ нест, лекин овози пойро шунида, ба Хоҷиев Асрор занг задааст, дод зада ҳамсояаш Ахмедов Олимро ва додарарӯсаш Файзиев Қодирро ҷеғ задааст. Ман аз Гулноза узр пурсидам ва гуфтам, ки писарам Ёлқин низ узр мепурсад. Баъд ду нафар нозирони минтақавӣ оилаи моро ба идораи ассотсиатсия даъват карданд. Ман, ҳамсарам Тоҷибой, духтарам Юлдуз, писаронам Лазиз ва Ёлқин рафтем. Дар он ҷо додарарӯсони Гулноза, шоҳидон Хоҷиев Асрор, Ахмедов Олим ва боз як духтари додарарӯси Гулноза қарор доштанд. Мо аз Гулноза ҳамаамон узр пурсидем, ҳатто як калонсоли деҳа , мӯйсафеди 90 - сола Сайдулло бобо низ аз Гулноза узр пурсид ва, Ёлқин низ аз Гулноза узр пурсида гуфт, ки «апа, маро бубахшед, ман дар ҳолати мастӣ будам, нафаҳмидам, гурехта ба хонаатон даромаданӣ будам». Нозири минтақа ба берун баромад ва ба мо гуфт, ки боз аз Гулноза узр пурсем ва илтимос кунем, ки аз даъвояш даст кашад. Мо сарамонро ба пояш зада, узр пурсидем, илтимосу илтиҷо кардем, лекин Гулноза ариза навишт. Баъдан, нозири минтақавӣ Ҳомидов ва милисаи дигар, ки номаш Якубов Ҷаҳонбек будааст, мошинро ронда писарамро ва моро ба ШВКД-и Деваштич овардаанд.

### Таҳқири сардор

Дар ҳамон ҷо фаҳмидем, ки Гулноза дар беморхона бистарӣ гаштааст. Баъд аз 2 соат Гулноза бо додарарӯсаш омад. Моро, яъне ман, писарам Ёлқин, Гулноза ва додарарӯсашро ба утоқи сардори ШВКД даровардand. Сардор аз Гулноза ҳолати корро пурсид ва ба писарам Ёлқин нигоҳ карда «ба дастат чӣ кард, нишон дех гуфт». Ёлқин дастонашро нишон дод, дар дастонаш доғҳои сафедчатоб буд. Сардор бошад дағалона «ана, туро Худо зада будааст-ку!» гуфт ва дигар сухан нагуфта, аз утоқи кориаш баровард. Писарам хомӯш шуд, ман хомӯшии ӯро фаҳмидам. Якчанд сол пеш дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар Россия қарор доштанаш, ба дастони писарам доғҳои сафед баромада буд. Ёлқин аз ин доғҳо хеле изо мекашид, чандин маротиба дар Хуҷанд ва дар Тошканд табобат гирифта буд. Ҳатто ба тӯй хабар кунанд, намерафт, ки чӣ тавр бо мардум бо даст ош мехӯрам, гӯён. Ба ҳамсараш гуфта будааст, ки «ба ҷои ҳамин гапро гуфтан, сардори милитсия аз пешонем парронад, хубтар буд». Ӯ ба духтари холааш Якубова Лола низ гуфта будааст, ки «сардори милитсия одами бадфеъл будааст, золим будааст, ба ман суханӣ бад зад».

### Насиҳат кардем, аммо ...

Баъдан, аз писарам баёнот гирифта, ӯро ҷавоб доданд ва бегоҳӣ ба хона баргаштем. Рӯзи дигар писарам Лазиз ба молхона дарояд, Ёлқин арғамчин баста худашро овехтанӣ шудааст. Лазиз ба ӯ насиҳат кардааст, ки ин корро накунад, 3 фарзандашро фикр кунад, мошинашро ҳам, худашро ҳам халос мекунем. Ман ин хабарро шунида, ба писарам насиҳат кардам, ки ин корро накунад, гову гусола ҳаст, фурӯхта, ӯро халос мекунам. Ман гуфтам, ки «Ёлқин, худат гуфтӣ, ки Гулнозаро дар ҳавлияш дидагӣ нестӣ, Гулноза низ ҳамин тавр гуфт. Ин корро дигар накун, ҳамааш нағз мешавад». 21 марти соли 2019 писарам ба иди Наврӯз нарафт, ман низ хавотир шуда, бо ӯ дар хона мондам ва доимо дар наздаш будам. 22 март ба писарам хабар овардаанд, ки Сарвиноз Абдумавлонова, ҳамсари додарарӯси Гулноза гуфтааст, ки шавҳараи Гулноза аз Россия занг зада гуфтааст, ки «Ёлқинро додаронаш кушта партоянд». Писарам Ёлқин ин гапҳоро шунида, безобита шуд. Ёлқин ба консерт чипта харида буд, рафиқаш Кенҷабойро ҷеғ зада, чиптаро додааст ва гуфтаааст, ки ба ягон кас диҳад, ба консерт намеравад. Бегоҳӣ Ёлқин бо оилааш қарор дошт, хӯроки бегоҳиро якҷо хӯрдем, аммо соатҳои тахминан 8 шаб бароям, дар назди оилааш нест. Баъдан, бо писарам Лазиз ба молхона равем, дар чӯб овезон будааст. Ҳамин тавр, қиёмат шуд, писарамро ба ташхис бурдем, гӯручӯб кардем. Агар сардори милитсия ҳамин суханро намегуфт ва Сарвиноз хабари бад намефиристод, мумкин писарам зинда мемонд. Бигзор барои кирдораш (агар лоиқи ҷазо бошад) ҷазо гирад буд, лекин бар сари фарзандонаш зинда мемонд. . Сардори милитсия дар назди ман бемории писарамро таъна кард. Дар бораи кирдораш гап занад буд, лекин ӯ дастонашро таъна кард, дашном дод... Нозири минтақавӣ ақаллан ба фотиҳа наомад, тачрибаомӯзи ҳамроҳаш Якубов бошад, ба писарам дағал муносибат кард, ҳарчанд, ки ҳоло корманди милистия набудааст...”.

Ба гуфти як манбаъд аз ШВКД-и ноҳияи Деваштич, баъди Ёлқинро ба шуъба овардан нисбати ӯ протоколи ҳуқуқвайронкунӣ-маъмурӣ тартиб дода, ба андозаи 15 ҳазор сомонӣ ҷарима тартиб дода, протоколро ба ихтиёри суд ирсол кардаанд. Маблағе,ки кирои худкушӣ намекард. Аммо ин ҷо бояд сари он андеша кард,ки чӣ тавр як сухани бад ва ё як хабари нохуш метавонад сабаби худкушии падари се фарзанд, марди 32 - сола, ки фарзанди сеюмаш ҳанӯз якмоҳа нашудааст, гардад...

**Фарзона МУРОДӢ,**
**Хуҷанд-Деваштич**
**(Муҷун)-Хуҷанд**

БА ТАВАҶҶУҲИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ХУДОЁР ХУДОЁРЗОДА

# ФУРУДГОҲ ДАР ХОНА

## ё МОИ-и дар бандмонда ба кӣ лозим?

**Дар натиҷаи тармафароиву зиёд боридани барф имсол чанд нафар шаҳравандони кишварамон ҷони худро аз даст доданд, ки ду нафари онҳо падару писар аз як хонавода, кормандони Муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ишкошим буданд. Ишкошим дар натиҷаи боришоти зиёди барф дар моҳи январ ба муддати 10 рӯз ва дар моҳи феврал 13 рӯз ба дигар минтақаҳо роҳ надошт.**



Фурудгоҳи ноҳияи Ишкошим

Аммо истифодаи роҳҳои алтернативӣ, аз қабили хатсайри ҳавоӣ дар чунин лаҳзаҳои ҳолатҳои фавқулода, барои сокинони ин гӯшаи дурдасти мамлакатамон дастрас набуд.

Пилла Мубаширова, ки солҳои дароз дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ ва давлатӣ дар ноҳия кору фаъолият дошт, мегӯяд, ки “мушкилоти баста гардидани роҳи мошинагарди Ишкошим-Хоруғ-Душанбе, ки дар ин масир шаҳрвандони мамлакат- сокинони ноҳияи Ишкошим бо ҷасадҳои майит, ки аз хориҷи кишвар ба Ватан оварда буданд, нодида гирифтани ин мушкилӣ як гуноҳи нобахшидание мебошад. Рӯи даст гузаронидани ҷасадҳои майит дар ҳудуди чандин километр як ҳақиқати талх ва мушкилотест, ки бояд ҳатман роҳи ҳалли ҳудро ба зудтарин вақт ёбад”.

Ҳангоме ки ба сартанзимгари фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошим **Даврон Чоршанбиев**, ки собиқаи зиёда аз 45 соли корӣ дар ин фурудгоҳро дорад, мурочиат кардем, маълум гардид, ки кормандони фурудгоҳ айни замон дорои манзили корӣ нестанд ва бинои кории кормандони фурудгоҳ, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба ихтиёри мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ додани фурудгоҳҳои хатҳои ҳавоии маҳаллӣ” аз 26.01.2008, рақами 43 фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошим ба мувозинати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим вобаста карда шудааст. Комиссияи салоҳиятдори МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим аз рӯзи 18.04.2008 бо роҳбарии собиқ муовини аввали раиси ноҳияи Ишкошим, фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошимро ба мувозинати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии маҳалии ноҳияи Ишкошим қабул намудааст. Дар байни МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим ва Корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷикаэронавигатсия” шартномаи фаъолияти муштарак оид ба пешбурди кори фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошим ба имзо расида буд.



Дар асоси шартномаи мазкур КВД-и “Тоҷикаэронавигатсия” уҳдадор шуда буд, ки мутахассисони ҳаракати ҳавоиро бо таҷҳизоти даркорӣ, музди меҳнат ва омодасозии касбӣ таъмин намояд. МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим дар навбати худ уҳдадор гардида буд, ки фурудгоҳро аз қувваи барқ ва хати алоқа таъмин ва дигар шароити кории кормандонро таъмин намояд.

Дар суҳбати телефонӣ ба мо Бахтиёр Турғунов- сартанзимгари хати ҳавоии КВД-и “Тоҷикаэронавигатсия” иброз намуд, ки баъди таъсисёбии Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” аз соли 2012- ум ҳудуди 43 гектар замини гирду атрофи фурудгоҳ ва бинои кории танзимгарони хатҳои ҳавоии маҳалли фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошим бо розигии роҳбарияти МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим ба ихтиёри МОИ-и “Ишкошим” вогузор намудааст. Мутаассифона, роҳбарияти онвақтаи МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим дар бораи қатъ намудани шартномаи тарафайн аз 18.04.2008 ба КВД-и “Тоҷикаэронавигатсия” ягон маълумоти хаттие пешниҳод накардааст.

Дар ҳамин ҳол, Сурач Тоҳирҷонзода - сардори Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” ба суоли он, ки “Оё ҳудуди 43 гектар замини гирду атрофи фурудгоҳ ва бинои кории танзимгарони хатҳои ҳавоии маҳалли фурудгоҳи ноҳия дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё фақат бо розигии роҳбарияти МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим дар ихтиёри МОИ-и Ишкошим” вогузошта шудааст?”

Чунин ҷавоб гуфт, ки ҳудуди дар боло зикргашта танҳо дар мувофиқа бо роҳбарияти МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим дар ихтиёри МОИ-и Ишкошим” дода шудааст.

Аммо Бахтиёр Турғунов- сартанзимгари хати ҳавоии КВД-и “Тоҷикаэронавигатсия” мегӯяд, ки “Хати нишондод(взлётная полоса)-и ҳар як фурудгоҳи мамлакат, аз он ҷумла фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошим барои кишвари мо ҳамеша аҳамияти стратегӣ дорад ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лаҳзаҳои фавқулода, аз қабили зилзила, сел ва ё ба вуҷуд омадани ягон хавфу хатар аз беруни мамлакат ба кишвари мо, ҳудуди фурудгоҳҳо танҳо барои амалӣ гардидани мақсадҳои стратегии мамлакат истифода бурда мешавад. Мувофиқи қонунҳои амалкунандаи кишвари мо ба тариқи истифода додан ё ба ба иҷора додани хати назоратӣ(паласа)-и фурудгоҳ ва биноҳои зертобеи он мумкин нест”.

Сартанзимгари фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошим Даврон Чоршанбиев мегӯяд: “шурӯъ аз соли 2012 тамоми таҳҷизоти техникии КВД-и “Тоҷикаэронавигатсия”-ро мо- кормандони ин ниҳод дар ноҳияи Ишкошим, дар хонаи шахсии худ Ишкошим нигаҳдорӣ мекунем. Тамоми хароҷоти барқ ва сӯзишвориро аз ҳисоби худам пардохт менамоем ва ҳар рӯз ба шаҳри Душанбе аз вазъияти фурудгоҳ ба КВД-и “Тоҷикаэронавигатсия” ва дигар ниҳодҳо гузориш медиҳем”.



Дар ҳамин ҳол **Шерхонбек Наврӯзов**, собиқ депутати Шӯрои Олии ИҶШС ва аъзои Кумитаи иқтисоди Шӯрои Олии ИҶШС дар солҳои 1989-1991 мегӯяд, ки “Фурудгоҳи аҳамияти маҳаллии ноҳияи Ишкошим дар ҳудуди ВМКБ аз чиҳати масоҳат беназир аст ва имконияти то ба панҷ ҳазор метр зиёд кардани ҳудуди он ба дарозӣ ва 250 метр ба паҳноӣ вуҷуд дорад. Дар охири солҳои ҳокимияти шӯравӣ барномаи умумииттифоқии тақдид ва азнавсозии фурудгоҳи ноҳияи Ишкошим барои қабул кардани ҳавопаймоҳҳои бузургҳаҷм аз тарафи Вазорати авиатсияи граждании собиқ ИҶШС рӯй кор омада буд. Мутахассисони он ниҳод бо роҳбарии муовини аввали собиқ вазири авиатсияи граждании собиқ ИҶШС А.П.Рязанов бо ҳамроҳии кормандони Госплани ИҶШС ва намояндагони мардумии Шӯрои Олии ИҶШС аз Тоҷикистон барои дида баромадани ҷои амалӣ гардидани он барнома ба Ишкошим омада буданд.

Мутахассисоне, ки дар ҳайати комиссияи мазкур шомил буданд, муайян карданд, ки фурудгоҳи ноҳияи Ишкошим ҳатто дар он давра ҳам имконияти қабул кардани ҳавопаймоҳоеро, ки дар як соат суръати то ба 550 км парвоз карданро доранд, омода буд. Бо назардошти мавқеи ҷойгиршавии ноҳияи Ишкошим, ки дар самти ҷанубии мамлакат воқеъ гардида буд ва барои собиқ ИҶШС ҳам ин ноҳия дар он замон аҳамияти зиёди стратегӣ дошт ва барои ба минтақаи байналмилалии транзитӣ табдил додани ин ноҳия барномаҳое тарҳрезӣ гардида буданд, ки бояд аз тақдид ва азнавсозии фурудгоҳи ноҳия оғоз мегардиданд”.

Шерхонбек Наврӯзов мегӯяд, ”Агар дар баробари талошҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамеша барои сулҳу вахдат ва пешрафту саодати миллату ватанамон ҷонбозиҳое намудаанд, инчунин роҳбарони собиқи ноҳияи Ишкошим ва ВМКБ ҳиссае аз талош ва муборизаҳои Роҳбари давлатамонро барои ободонии ноҳия ва вилоят менамуданд,он гоҳ Ишкошим ба як нуқтаи транзитии мамлакатамон табдил меёфт, қисмате аз фурудгоҳи мазкур аз нав тақдид мегардид ва барои фаъолияти ҳамешагии МОИ-и “Ишкошим” шароити хубе пайдо мегардид”.

**Ҳумоюни САМИМӢ,**
**рӯзноманигор,**
**махсус барои “Тоҷикистон”**

## МАН ТОҶИКАМ, ТОҶИК!

**Муддати зиёдест, ки дар васоити ахбори омма атрофи номи тоҷик, таърихи пайдоиш, марзу ҳудуди ҷойгиршавӣ ва нақши он дар тамаддуни башарӣ баҳсу мунозираҳои мухталифе ба чашм мерасад ва дар ин баҳс аҳли фаҳм, зиёиён низ ширкат меварзанд.**

Ба ҷойи корҳои илмии муҳим анҷом дода, ба хонандагон пешкаш кардан, ба хаёҳӯй «ман хатлонӣ», «ман зарафшонӣ», «ман бадахшонӣ», «ман раштӣ» ороанд, ки магар ин ҳувияти миллист?

Ҳатто шоиронамон дар ашъорашон ба чудо кардани тоҷик пардохта, ибораҳои «тоҷики хатлонӣ», «тоҷики зарафшонӣ», «тоҷики бадахшонӣ», «тоҷики раштонӣ» - ро истифода мебаранд ва сарояндаҳо ҳам ин гуна сурудҳоро месароянд.

Чунин муносибати нодуруст на танҳо ба эҳсосоти вахдати миллӣ таъсири манфӣ мерасонад, балки бо чунин тарзи кӯр - кӯрона баръакс мо боз ба ҳамон бемории фочиабори солҳои 90 - уми асри гузашта, яъне маҳалгароӣ замина омода месозем.

Адибони мо айни замон ба адибони классик пайравӣ намуда, ба худ тахаллуси маҳалро гузоштаанд: Хучандӣ, Хатлонӣ, Ҳисорӣ, Раштӣ, Зарафшонӣ, Бохтарӣ ва монанди инҳоро, ки ин ҳам ҳисси маҳалгароиро бедор мекунад.

Мисле онҳо намедонанд, ки дар замони қадим адибони классикӣ ба хотири марзу ҳудудҳои васеъ ба ин амал даст мезаданд. Ҳоло чӣ? Дар сурати дар як давлати кӯчак зиндагӣ карданамон, ки он номи муқаддаси Тоҷикистонро дорад, чӣ ҳоҷат ба чунин тахаллусҳо?

Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Ғоиб, Гулрухсор, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва даҳҳо шоирону нависандагон магар наметавонистанд ба худ номи маҳалро часпонанд? Метавонистанд. Вале ин абармардони сухан, пеш аз ҳама, калимаи «тоҷик»- ро азизу муқаддас дониста, онро аз маҳал боло гирифтанд.

Мо бояд атрофи ин масъала андеша намоем, коре кунем, ки миллати моро – «тоҷик»-ро ҷаҳон бишносад, на маҳалгароиамонро.

**Зариф ҒУЛОМ,**
**нависанда**

# Бозори АСЪОР

## Ҷилави он дар дасти кист?



**Суҳбати ихтисосии хабарнигори рӯзномаи "Тоҷикистон" Усмон Раҳимзода бо раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, доктори илмҳои иқтисод Шариф Раҳимзода аз 3 апрели соли ҷорӣ маро водор сохт, то дар тақвияти гуфтаҳои олими варзида чанде аз назару андеша ва таҳлилу мушоҳидоти худро атрофи нархи бозору қурби асъор ва дигар печидагиҳо дар ин самт манзури хонандагони рӯзнома гардонам.**

### Бозор - сарчашмаи даромад?

Воқеан ҳам аз диду мушоҳидот дар соҳаи иқтисодиёт бармеояд, ки имрӯз иқтисодиёти кишварамон ниёз ба ислоҳоти ҷиддӣ дорад. Зеро як қатор омилҳои маъмуливу бештар сунъие пайдо шудаву аз ҷониби манфиатчӯёне эҷод мегарданд, ки иқтисодиёту молиёти мамлакатро мувоҷеҳ ба мушкилот гардонидаанд ва дар ноил шудан ба зиндагии шоистаи мардум таъсиргузоранд.

Ба касе пӯшида нест, ки имрӯз ягона сарчашмаи пешбурди рӯзу рӯзгори мардум ин бозор аст. Яке молу маҳсулоти аз хориҷи кишвар овардаашро пешниҳоди харидорон мегардонад, теъдоди дигар аз як гӯшаи бозор маҳсулот харидорӣ карда, гӯшаи дигар нишаста, болои он чанд тангае гузошта, бо ҳамин васила рӯз мегузаронанд. Яъне, қариб ҳар хонаводаи тоҷикистониҳо бозоршинанд ва рӯзии худро аз бозор пайдо мекунанд. Маҳз ҳамин омил, эҳтиёҷоти мардум ва рӯ овардан ба бозор нархи маҳсулот ва арзиши долларро боло бурдааст. Мусаллам аст, ки ҳар гоҳе нархи маҳсулоту қурби доллар дар Тоҷикистон ба боло дакка хӯрад, дигар он асло поён намефарояд. Чаро? Зеро сатҳи маърифати бозордории мо ва нафси теъдоде аз манфиатчӯи муассисаҳои молиёту иқтисодиёти кишвар, ки бозори асъорро ба худ монополия кардаанд, сабаби эҷоди чунин монеаи сунъӣ гаштаанд.

Одитарин маҳсулоти полезӣ дар бозор - гашничу шибит, пиёзи сабзу пудинаву дигар намуди кабудиҳост, ки як бандчаи ин намуд аз маҳсулоти хӯришӣ 50 дирам арзиш доранд. Чун сабаби гаронии нарх пурсед, фурӯшандаҳо бидуни андеша посух медиҳанд: "Доллар боло рафтааст." Дигар фурӯшандагони сабзавоту меваҷот низ болоравии қимати долларро омили боло рафтани нархи маҳсулот маънидод мекунанд. Аксар фурӯшандаҳои бозор, ки маҳсулоти полезиро аз дасти сеюму чорум харидорӣ мекунанд, омил пеш меоранд, ки нуриҳои минераливу тухмиву сӯзишворӣ воридотианд ва он ҳамаро бо доллар харидорӣ мекунанд. Магар чунин хулосарониро метавон омили боло рафтани нархи маҳсулот маънидод кард? То ҷое метавон ба ин гуфтаҳо розӣ шуд, аммо набояд аз мадди назар дур дошт, ки аксари бозоршинҳо ҳаннотонанд, маҳсулот мустақиман аз полезҳо вориди бозор намегардад. Саҳеҳтараш, деҳқон ҳаққу ҳуқуқе надорад, ки мустақиман маҳсулоти худро вориди бозор гардонад. Пас, кӣ нархи бозорро назорату ба танзим медарорад? Сарварони бозорҳо низ ба мисли фурӯшандаҳо дар ғами манфиати хешанд...

Дар Афғонистони ҷангзада вақте дар минтақае даргирӣ то чанд рӯз идома меёбад, нархи маҳсулот бинобар банд будани роҳҳо каме боло меравад ва чун даргирӣ хотима меёбад, нархи маҳсулот ҳолати авваларо мегирад, яъне поён мефарояд ва қурби асъори хориҷӣ низ танзим меёбад.

### Чаро доллар бологузар аст?

Воқеан ҳам тӯли чандсолаҳост, ки доллар дар қиболи пули миллӣ ҷойгоҳи баландеро ба худ касб кардааст ва масъулини муассисаҳои молиявӣ ҳарчанд ба қавли худ ҷаҳду талош меварзанд, то қимати пули миллиро боло баранд, аммо танзиму низоми ягонаи онро пайдо карда наметавонанд. Чаро имрӯз талаботи мардум нисбат ба доллар бештар асту аммо он дар бозори асъор камчин аст? Инро дастандаркорони Бонки миллии Тоҷикистон, бахусус Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушди ин ниҳод хуб медонанд ва онҳо дар машваратҳои ҳарҳафтаинаи худ аз қурби пули милливу вазъи нархи молу маҳсулот дар бозорҳои кишвар маълумот медиҳанд. Омилҳоро низ нишон медиҳанд, аммо ҷиҳати ҳаллу аз бунбаст берун гаштанро касе ба ёд ҳам намеорад. Осонакак омилҳои берунаро мисол меоранду бо ҳамин об ба лаби ҷӯ баробар мегардад. Бозор ҳамон бозор, молу маҳсулот ҳамон маҳсулот, фақат нархҳо осмонӣ.

Соле муқаддам як масъули Бонки марказии кишвар ба суоли хабарнигоре омилҳои баланд шудани қурби долларро "дар афзоиш ёфтани фаъолнокии иқтисодии соҳибкорон баъд аз мавсими зимистон" маънидод карда буд. Дигар фаслҳо чӣ, магар қурби доллар дар дигар фаслҳо ба боло дакка намехӯрад? Ҳатто масъулини Бонки миллӣ чанд соле қабл гуфта буданд, ки болоравии қурби доллар аз онҳо вобаста нест. Пас, он аз кӣ вобаста аст?

Хонандагон хуб дар хотир доранд, ки як муддат фурӯши нарху мошинаҳо бо доллар сурат мегирифт ва қариб аксарият дар ҷайб доллар доштанд. Иқдоми Бонки миллӣ долларро аз муомилот бардошт, нуқтаҳои табодули асъор низ барҳам хӯрданд, ҳар кӣ бо доллар додугирифт мекард, ба ҷавобгарӣ кашида шуд, доллар камчин гашт ва гумон мерафт, ки ин ягона роҳи баланд бардоштани қурби пули миллӣ мегардад. Аммо баръакс, қурби пули миллӣ дар сатҳи паст қарор гирифт, сатҳи таваррум дар бозорҳо ба нуқтаи баландтарин расид, аксари корхонаҳо муфлис шуданд, мавҷи ин баҳри пуртуғён ҳатто бархе аз бонкҳоро низ муфлис гардонд.

Ёдам ҳаст, замоне ки муомилоти доллар озод буд ва дар ин роҳ ҳеҷ садде вуҷуд надошт, фурӯшандаҳои нуқтаҳои табодули асъор ва ё ба қавли маъмул "валютчикҳо", аз Бонки миллӣ доллару евроро озодона харидорӣ мекарданд ва ба болои он 1 долларӣ гузошта, дар нуқтаҳои саррофӣ ба мардум мефурӯхтанд. Аз чунин фурӯши озоди доллару табодули асъор ҳам бонкҳо фоида медиданду ҳам саррофон. Ҳатто дар роҳраву кӯчаҳо низ афроде ба чашм мерасиданд, ки пинҳонӣ доллар табодул мекарданд ва коршиносон онҳоро фурӯшандаҳои бозори сиёҳ маънидод мекарданд.

Воқеан ҳам, агар воқеъбинона масъаларо таҳлил кунем, баръало он чиз аён мегардад, ки қаблан вақте мардум дар ҳамён доллар доштанд, дилхоҳ молу маҳсулотро аз хориҷи кишвар бидуни мушкилот вориди бозорҳо мегардониданд ва нархи молу маҳсулот низ то ҷое муътадил буд. Чун муомилоти долларӣ ба иборае "ба танзим" дароварда шуд, аксари тоҷирону соҳибкорон муфлис шуданд, мардум дар як ҳолати ногувори буҳрони иқтисодӣ қарор гирифтанд.

Ҳамагон огаҳӣ доранд, ки ҷиҳати коркарди молу маҳсулот дар корхонаҳои кишвар, ашёи хом аз хориҷи кишвар ворид мегардад ва гӯё чунин воридномӣ метавонад бозорро ба танзим дарорад? Замоне семент аз хориҷи кишвар ворид мегашт ва қимати як халтаи сементи навъи Покистон аз 33 то 36 сомонӣ буд. Аммо имрӯз, ки семент дар дохили кишвар истеҳсол мегардад, арзиши як халтаи он 40 сомониро ташкил медиҳад. Магар ашёи хоми семент хориҷ аз кишвар ворид мегардад? Ё иллат дар он аст, ки чиноиҳо ин бозорро аз худ карда, ҳаққи худро бо доллар мерӯёнанд?

### Чӣ бояд кард?

Вақте мегӯем қурби пули миллӣ коҳиш ёфтаву доллар болост ва нархи маҳсулот ҷавобгӯи кисаи мардум нест, пас чаро давлатмардони кишвар дар танзими нархи маҳсулоти бозор мусоидат намекунанд? Он рейду санҷишҳое, ки ба хотири худнамоишдиҳӣ дар бозорҳо гузаронида мешаванд, роҳҳи ҳалли масъала нест. Иқдомоти шаҳрдорӣ дар мавриди ташкилу таъсиси ярмаркаҳои фурӯши молу маҳсулоти деҳқонӣ бо нархи дастрас, воқеан ҳам, ба манфиати мардум аст.

Маҳз монеагузорӣ дар муомилоти асъори хориҷӣ, қурби онро баланд кардааст. Тоҷирону соҳибкорон молу маҳсулотро аз хориҷа бо доллар харидорӣ мекунанд ва баъд аз ворид кардани он ба кишвар, аз рӯйи қурби муайянкардаи худ онро ба сомонӣ табодул мекунанд, ки омили даҳчанд боло рафтани нархи молу маҳсулот мегардад. Чунин амалкард зарбаи ҷонкоҳе мегардад ба камари хамгаштаи қишри камбизоати ҷомеа.

Тавре дар боло ишора кардем, дар мо анъана шуда, ки болоравии қурби долларро мавсимӣ арзёбӣ мекунем. Мавсими мактаб фаро расад, формаи мактабӣ қимат мешавад, ҷашну идҳои миллӣ аз қабили идҳои Рамазону Қурбон ва дигар ҷашнҳои миллӣ баргузор шаванд, молу маҳсулоти ғизоӣ даҳчанд боло мегардад ва касеро парвое нест ва ҳеҷ гуна назорат дар бозорҳо дида намешавад. Дар маҷмӯъ мардум ин ҳамаро монополикунонии бозори асъор аз ҷониби афроди манфиатчӯ маънидод мекунанд, ки ба хотири пешбурди кори бонкҳои худтаъсисдодаашон роҳи гардиши долларро ба самти худ гардонидаанд.

**М. МУҲАММАДЗОДА,**
**коршинос**

## АЗ РӮЗГОРИ САРВАТМАНДОН

### ЛЕОНИД БЛАВАТНИК

**Дороии Блаватник 20,2 миллиард доллар буда, сарватмандтарин одами Британияи Кабир ба ҳисоб меравад.**



Вай бештар ба панҷ бахши тиҷорат: истихроҷи сарватҳои табиӣ, унсурҳои кимиёвӣ, журналистика ва таъсиси муассисаҳои коммуникатсионӣ, лоиҳаҳои илмӣ ва амволи манқул таваҷҷуҳ дорад. Блаватник таъсисдиҳандаи Ширкати сармоягузории «Аксесс» мебошад, ки соли 1986 ба қайд гирифта шуда буд. Ин ширкат дар кишварҳои Амрико ва Аврупо ба сармоягузорӣ машғул аст. Блаватник шаҳрвандии ИМА ва Британияи Кабирро доро мебошад. Вай зодаи СССР буда, соли 1978 ба ИМА муҳоҷир шуд ва соли 1984 шаҳрвандии онро дарёфт намуд. Хатмкардаи Донишгоҳи Колумбия ва Мактаби тиҷоратии Гарвард мебошад.

Вай соли 1957 дар оилаи яҳудиён, дар Одесса ба дунё омадааст. Соли 1947 мактаби ярославии физикаю математикаро бо медали тилло хатм намуд. Ӯ дар оилаи одии зиёии шӯравӣ, ки бо маош зиндагии худро пеш мебурданд, ба воя расидааст. Падараш профессор ва модараш омӯзгор буда, дар хонавода ба таълиму тарбия диққати махсус медоданд.

Леонид Блаватник дар корҳои хайриявӣ низ маблағи зиёд сарф намуда, барои рушди санъату фарҳанг саҳми худро мегузорад. Соли 2011 барои бунёди галареяи нав барои осорхонаи Tate Modern-и Лондон 260 миллион фунт-стрелингро ҷудо намуд, ки дар таърихи санъати муосири Британия ин ҳодисаи нодиртарин ба ҳисоб меравад. Вай бо журналистон суҳбат карданро чандон дӯст намедорад. Зеро, ҳар вақте ки ягон қаср ё хонаи боҳашамат ва ё меҳмонхонаи гаронтаринро харидорӣ мекунад, зуд ба сенсатсия табдил меёбад. Масалан, соли 2014 дар Ню Йорк хонаи 13 ҳуҷрагиро, ки 622 метри квадратӣ масоҳат дошт, ба 77,5 миллион доллар харидорӣ намуд ва ин боиси ҳайрату ҳангомаҳои атрофиён гашт. Вақтҳои охир ба соҳаи синамо таваҷҷуҳи зиёд пайдо намуда, ҳатто чанде аз ширкатҳои филмофариро дар Голливуд ва Москва харидорӣ ва сармоягузорӣ намуда истодааст.

**Таҳияи**
**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**



# НОН ҲАМ НОНУ НОНРЕЗА ҲАМ НОН

**озмун барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода**





# Панди Ҷаббор РАСУЛОВ

**Ин воқеа дар замоне рух дода, ки орд фаровон, нон арзон ва нарх дастрас буд. Ҳар оила медонист, ки дар давоми моҳ аз мағозаи деҳа меъёри орди барои таъмини зиндагию рӯзгори худ кофиро дастрас кунад.**

Ин фаровонӣ табиист, ки мардумро нозпарвар ҳам карда буд. Баъзеҳо пурталабу шартакигӯ шуда, гузаштаро аз сахфаи хотираҳо хат зада буданду ба оянда бепарво.

Ба ин воқеа чил сол пеш тасодуфан шоҳид гашта будам.

Тафсилоти он воқеа чунин аст.

Бегоҳии баҳорони соли 1978 аз мактаб бармегаштам. Чун одат ба мағозаи деҳаи ҳамсояи дар сари роҳ воқеъ як сари қадам медаромадам. Мағозачӣ Ҳикматулло Абдуллоев доимо дар хизмат буд. Он солҳо мағозаи деҳаҳо ва майдончаи назди нуқтаи танзими баркро одамони аз кори ҳаррӯза баргарданда ба таъбири ҳамсабақам Ҷӯракул "сӯгалмазор"ном гузошта буданд. Мардум баъди кор дар ин ҷойҳо бо мӯйсафедону нафақагирон ва бо ягон-ягон бекорчӣ вохӯрда, аз воқеаҳои давоми рӯзи деҳа бохабар мешуданд, барои фарзандону наберагон ширинире харида ва ё камбудии дар рӯзгор доштаашонро буд карда, ба хонаашон мерафтанд. Дар ин "сӯгалмазор" аксар маврид мӯйсафедони интизори азони намоз ба таъбири худашон "бо политинформатсия" машғул шуда, якдигарро аз навигариҳои дидаю шунидаашон шинос мекарданд.

Нав бо хозирин вохӯрда, ба пештахтаи мағоза наздик шуда будам, ки аз дар котиби якуми Ҳизби коммунисти Тоҷикистон-роҳбари аввали республика (он вақт касе ҷумҳурӣ намегуфт) Ҷаббор Расулов ва котиби якуми кумитаи райони (он замон ноҳия намегуфтанд) Ӯроқ Аловиддинов ворид шуданд.Онҳоро дида, ҳама ба истиқболашон шитофта ҳалқа гирифтанд.

Роҳбарони ҷумҳурию ноҳия бо ҳар яке дастӣ вохӯрда, аҳволпурсии маъмулӣ карданд ва сарвари ҷумҳурӣ мағозачиро наздаш хонд. Барои эҳтироми роҳбарон ва мӯйсафедон худро канор гирифта, андаке дуртар аз онҳо дар паси қатораҳои маводи мағоза истодам.

Ҷаббор Расулов ба фурӯшанда рӯ овард:

-Гӯгирд доред?

-Ҳаст, муаллим, - мағозачӣ бо чолокӣ куттии калони пургӯгирдро нишон дод.

Он солҳо мухотаби эҳтиромии "муаллим" хеле маъмул буд ва аксар роҳбаронро бо ин калима эъзоз ва бо он ба онҳо мурочиат мекарданд.

-Керосин чӣ?

-Дирӯз овардем.

-Собун, қанди сафед?

-Ҳаст, муаллим.

-Вазъи орд чӣ хел?

-Мерасад, муаллим.

Роҳбари ҷумҳурӣ номгӯи маводи талаботи ҳаррӯзаи рӯзгорро ба забон мегирифту мағозачӣ онҳоро нишон медод ва ё дар бораи дар кучо будани онҳо маълумот пешкаш менамуд.

Баъди муколама бо фурӯшанда Ҷаббор Расулов ба хозирин рӯ овард:

-Аз чӣ танқисӣ мекашед? Оё магазинчӣ рост мегӯяд?

Мӯйсафедон як ба ҳамдигар нигоҳ карданду бобои Солеҳ, ки дар ҳар мачлис музокирачӣ буду ба қавли худаш "ҳақталабӣ" мекард, дар ин ҷо ҳам пешдастиро аз даст надод:

-Магазинчӣ дурӯғ мегӯяд.

Тасаввур кунед, ҳолати фурӯшандаро. Рангаш кандаю интизори ҳукми сарвари ҷумҳурӣ пеши по хат мекашиду чашм аз даҳони роҳбари Тоҷикистон намеканд. Мушоҳида мекардам, ки аҳволи роҳбари ноҳия ҳам аз ҳоли мағозачӣ беҳ набуд.

-Орди ҳалол нест, рафиқ Расулов.

Котиби якум аз паси айнакаш ба мағозачӣ ва сипас ба Ӯроқ Аловиддинов теғ кашида, ба оҳанги савол нигоҳ кард. Дар навбати худ роҳбари ноҳия ба фурӯшанда итоб кард:

-Булбул барин ҷавоб додӣ, ба ин савол ҳам ҷавоб дех!

Мағозачӣ оби даҳонашро фурӯ бурда, нимғурма:

-Инҳо орди навъи аълоро дар назар доранд,-гуфта сар поён афканд.

-Ҳа, муаллим, орди виший сорт намеорад, - боз пешдастӣ кард бобои Солеҳ.

-Кадом навъи орд доред хола?- ба фурӯшанда рӯ овард Ҷаббор Расулов.

-Орди навъи якумро қариб тақсим карда шудем, як-ду оила монд. Орди дуюму сеюмамон аз моҳи гузашта истодааст.

-Намехаранд?

-Кам.

-Чаро?

-Мегирем, рафиқ муаллим, аммо мардум орди виший талаб дорад, -бобои Солеҳ бо дасти мачруҳи кучгаштаи аз майдони Ҷанги Бузурги Ватанӣ овардааш дастак зада байни роҳбарон меистод.

-Кадоматон рост мегӯед? - ба ҳар яке аввал ба мағозачӣ рӯ овард.

Ҳикматулло Абдуллоев, ки акнун хеле ба худ омада буд, ҷасорат пайдо карду барои халосии худ посух дод:

-Бисёр вақт орди навъи сеюмро барои хӯроки чорво мегиранд.

Мушоҳида кардам, ки рангу рӯйи Ҷаббор Расулов ҳам канд, айнакашро лаҳзае ба даст гирифта боз ба чашм гузошт ва аз дасти дастакзадаистодаи бобои Солеҳ дошта, ногаҳ ба сӯйи ман рӯ овард:

-Писар, ин ҷо биёед.

Ба ҳалқаи роҳбарону мӯйсафедон ноилоҷ ворид шудам. Котиби аввал бо дасти дигараш аз оринҷам дошт ва ба ман мурочиат кард:

-Шумо чикора?

-Муаллим.

-Ба чанд даромадед?

-Ба бисту ҳашт.

-Шумо чӣ? - ба бобои Салоҳ мурочиат кард.

-Таваллудам соли бисту шаш, дар фронти Украина будам, инвалиди гурӯҳи сеюмам...

- Шояд шумо рӯзҳои дароз гурусна ҷанг карда бошед?

-Ҳа, ҳатто ҳафтаҳо, - тақвият медод сухани роҳбари ҷумҳуриро бобои Солеҳ, - гӯшти аспи харомурдаро ҳам хӯрдаем...

Ҷаббор Расулов сухани ӯро бурид ва бо овози баланд ба хозирон рӯ овард, садояш тамоми бинои калони мағозаро пахш кард:

-Агар ана ин муаллим, ки касофати ҷангро надидааст, нонро, ордро ба ҳалолу ҳаром ҷудо мекард, фаҳмидан мумкин буд, зеро ӯ дар замони осоишта, дар замони серию пурӣ мактаб хондааст ба воя расидааст. Шояд ӯ ҳам норасоие дар рӯзгор дорад. Кӣ камбудӣ дар зиндагӣ надорад? Аммо шумо, ки дар байни оташу тир будед, ҳатто ярадор шудаед, ба гуфти худатон иштирокчии ҷанг ҳастед. Ман он вақтҳо дар Москва кор мекардам, аҳволи таъминоти фронтро бо хӯрок аз дигарони ин ҷо истода бештар медонам.

Ӯ сухан мекарду баробари овози баландаш панҷаҳояш дар бозуям фишурда мешуданд ва хаёл кардам, ки нохунҳояш то устухони бозуи дастам фурӯ рафтанд.

-Бале, ҷанг буд, ҷанг касофат аст, касофаташ ба ҳама расидааст, аммо намедонам, ки шумо чӣ хел ҷанг кардаеду ба қадри осоиштагии замона намерасед. Ҳайфи умратон, рафиқ ҷанговар!- ӯ чашм боло карда ба хозирон рӯ овард:

- Ба қадри замони осоишта ва нони фаровон расидан даркор, рафиқон!

Ҷаббор Расулов якбора дасти ману бобои Солехро сар доду роҳи баромадро пеш гирифт.

Ҳозирин ба бобои Салоҳ дарафтода ба коҳишаш сар карданд, аммо мӯйсафед дасти мачрӯҳашро афшонда аз онҳо дур шуд.

Баъди чандин соли ин воқеа, аниқаш соли 1994, ки он вақт дар маркази ноҳия кор мекардам, бобои Солеҳ дар роҳ ҳамроҳам шуд. Ӯ симои пажмурдаю афгор дошт ва барои як халта орд ба идораи ҷамоат мерафт. Изои муъмин ҳаром гуфта чизе нагуфтам, аммо худаш суханро оғоз кард:

-Ҳамон вохӯриро дар мағозаи мо, ки Расулов омада буд, ёд доред?

-Он сабақе буд, бобочон, аз ношукрии мо, ки дар ҳаёт исботашро бо чашми худ дидем.

-Ҳа, аз худамон гузашт, рост гуфтед шукрро аз ёд баровардем, ба қадри амонию арзонӣ нарасидем, ана оқибаташ, -бобои Солеҳ бо фаши саллаи нимдошташ оби дидагонашро пок кард.

Имрӯз Ҷаббор Расулов, Ӯроқ Аловиддинов, мағозачӣ Абдуллоев Ҳикматулло, бобои Солеҳ аз кулли иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании ҳамсоядеҳаамон дар байни мо нестанд, аммо он воқеа бо дидани нони зерипогаштаю дар партовҷойҳо хобида ҳар замон ба хотирам меояду чун Ҷаббор Расулов бонг задан мехоҳам:

-Ба қадри осоиштагии замон ва нони фаровон бирасед, азизон!

**Султонмуроди ОДИНА,**
**нависанда**


## БЕХАБАР НАМОНЕД!

**Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода дар соли 2019 шуморо интизор аст**



Хонандагони азиз! Озмуни «Нон ҳам нону нонреза ҳам нон» барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи «Тоҷикистон» - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода идома дорад. Шумо метавонед, матолиби худро то 20 апрели соли равон ба озмун пешниҳод намоед. Матлаби шумо бояд қадри нон ва ба ин васила сарфаву сариштакорӣ дар ҳаёти инсонро инъикос намояд. Ба насли нав бифаҳмонад, ки инсон дар мачрои зиндагӣ барои дарёфти қути лоямут чӣ қадар азият мекашад, ба чӣ душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад. Бояд хонанда дарк кунад, ки бо сӯзан ҷамъ кардану бо панҷшоха бод кардан гуноҳ аст...


Ғолиби озмун сазовори Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода ва 2000 сомонӣ маблағ мешавад.

**МАТОЛИБИ ХУДРО БА СУРОҒАИ ЗЕРИН ФИРИСТЕД:**

ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, Мачмааи табъу нашри «Шарқи озод», ошёнаи 11, идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ё почтаи электронии **tojikiston@pressa.tj.**

**ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР:**
**238-54-51, 93-350-70-20**

# Нон КЎР кунад, касеро, ки ХОРАШ мекунад



**Ин озмун мавзўи ниҳоят муҳиму доғи рўз ва айни муддаоро мавриди баҳс қарор додааст. Ташаббуси олиҷанобона, зарур, манфиатбахш, табобати бемории хавфноки гузаранда гўям, хато намекунам.**

Пешакӣ ба ташкилкунандагонаш изҳори ташаккур менамоям, зеро ки «дарди нонро табобат» бахшида истодаанд. Ман, муаллифи ин сатрҳо 85 - солаам. Дар мавзўи нон, бузургӣ ва хор шудани нон бисёр саргузаштҳо медонам. Як-ду лаҳзаи онро айнан ба хонандаи арҷманд пешниҳод менамоям:

Аввалҳои баҳори соли 1944 буду ҷанги дуюми ҷаҳонии солҳои 1939-1945 тамоми дороии мардумро ба комаш фурӯ бурда буд. Ҳатто дар кӯҳу саҳро решаи алафҳои хӯрданӣ намонда буду муриши одамон нисбати солҳои пешин бештар мегардид. Он замон ман 12 - сола будаму азобу уқубатҳоро бо чашми худ дидаву шоҳиди он будам.

Аз деҳаамон Зимтўд - ноҳияи Колхозчиёни ҳамонвақта мо як гурӯҳи қариб ҳамсиннусол духтарону писарон ба мавзеи Хуштокур ба ҷустуҷӯи тотин рафтем. Латофатхола «ҷои тотиндорро медонам» гуфта, моро пешакӣ дилпур карда буд. Ба ҷои хола гуфтагӣ - Талоқи сафеди болои оромгоҳи Ғазза расидем. Вале аз тотин ному нишоне набуд. Холаи Латофат бо ангушти ишоратиаш як ҳамвории миёнаи тола (шах)-ро нишон дода:

«Ана он ҷо тотин дорад, ҳамон ҷо мебароем»- гуфт. Вале мо он ҷо баромадан натавонистему ба ҷамъоварии ҳезум машғул шудем, то ки холӣ барнагардем.

Тахмин баъд аз ним соат як овози хавотиркунанда баромаду аз суфаи кӯҳ ба пеши мо пайкараи шалҳаю хунолуди Латофатхола фаромад. Як-ду (як навъи гиёҳ), ки нонамон асосан ҳамон буд, рафтем. Ҳанӯз ба макон нарасида, яке аз ҳамроҳамон, ки Рачаб ном дошт ва мо онро «Рачаби Назрӣ» мегуфтем, дар нимароҳ истоду «ман дигар роҳ рафта наметавонам» гуфта, дар ҷояш нишаст. Аз мо ҳамроҳонаш тотини хӯрданӣ пурсид. Вале дар ягон кас ин тӯшаи роҳ набуд. Мо ӯро ба ҳоли худ гузошта, болотар ба ҷустуҷӯи тотин рафтем. Вале ҳайҳот, ҳама ҷо шудгор кардагӣ буд. Ба ҷуз ду-се нафар як-ду бех ёфтанду дигарон бо дасти холӣ баргаштем. Аз бозгашт дидем, ки Рачаби Назрӣ дар ҷои нишастагиаш нест. Аввал гумон кардем, ки ӯ ба деҳа баргаштааст. Э-е, анна токиаш дар ин ҷо гуфт касе. Ба поёнтар нигоҳ кардем, ки ӯ дил ба замин хоб, ҷунбондем, намеҷунбид. Ӯ аз гуруснагӣ кайҳо ҷонро ба ҷаббор супорида буд...

Баъди чанд рӯзи дигар ман бо Латофати бевазан ва ду духтари ҳамсоя боз ба ҳамон мавзеи Хуштокур ба ҷустуҷӯи тотин рафтем. Латофатхола «ҷои тотиндорро медонам» гуфта, моро пешакӣ дилпур карда буд. Ба ҷои хола гуфтагӣ - Талоқи сафеди болои оромгоҳи Ғазза расидем. Вале аз тотин ному нишоне набуд. Холаи Латофат бо ангушти ишоратиаш як ҳамвории миёнаи тола (шах)-ро нишон дода:

«Ана он ҷо тотин дорад, ҳамон ҷо мебароем»- гуфт. Вале мо он ҷо баромадан натавонистему ба ҷамъоварии ҳезум машғул шудем, то ки холӣ барнагардем.

Тахмин баъд аз ним соат як овози хавотиркунанда баромаду аз суфаи кӯҳ ба пеши мо пайкараи шалҳаю хунолуди Латофатхола фаромад. Як-ду маротиба даҳон кушоду дигар наҷунбид. Ман ва ҳамсоядухтарҳо –Моҳбибию Норбибӣ ларзону гирён ба деҳа омада воқеаро хабар додем. Мардҳои калонсоли деҳа ҷасади хола Латофатро оварда ҳамон рӯз ба хок супориданд.

Ҳамин тавр ду маротиба ба Хуштокур рафта тотин наёфтам аз дасти гуруснагӣ ду нафар дар кӯҳ ҷон бохтанд...

Мо насли дар азият калон шуда, ҳамеша қадри нон медонем ва акнун ба пирӣ расида, ҷавононро насиҳат мекем, ки нонро хор накунанд. Аммо дар ҷомеа баръакси инро мебинам.

Ба наздикӣ бо сабабе ба пойтахт ба шаҳри Душанбе рафтам. Бисёр ободу зебо шудааст, ба шаҳрдорон офарину тасанно гуфтам, аммо ҳодисаеро дида, хеле мутаассир шудам.

Баъди аёдати беморе аз маркази саломатии шаҳр баромадаму аз тарафи ҷанубу ғарбии он, қад-қади наҳри об, ки дар тарафи росташ симхору девори баланд буд. Андаке роҳ рафта дар китфи чап хонаҳои баланди истиқомати пеш омад. Дар рӯ ба рӯи биноҳо 3 қуттии калони «мусор» меистод. Тасодуфан чашмон ба нон афтод. Наздиктар рафта, бинам дуто нони калони танӯрии сурху базеб ва тоза, як қисмаш ба даруни пӯчоқи тарбуз меистод. Нонҳо тозаю озода, қоқ ҳам не. Дар тааҷҷуб мондам. Айби онҳо дар чӣ бошад? Нонҳоро гирифта хуб аз назар гузаронида, бинам пушти яке каме сафед шуда буд, дигари он тозаву озода, лола барин сурх, ҳар ду ҳам андозаи як хела дошту ҳаҷман калон, элак барин гирд ва пурра. Ҳамон хел нонро дигар дар ҳеҷ ҷои Душанбе надидам. Нонҳоро дар газетаи дар дастам буда ба хона овардам, ду рӯз онҳоро бо иштиҳои том хӯрдам, хеле бомазаву хушхӯр буд. Боз чанд ҷои дигар дар партовгоҳҳо нони нимаву бурида, булкаҳои бутунро дидаму дилам реш, замони ҷанг давраи бачагӣ ёдам омад.

Намедонам, онҳое, ки нонро мепартоянд, киҳо бошанд? Бойзанҳои азхудрафта ё пули бедардимиёнмеёфтаҳо? Мусулмон бошад ё худобехабар, таълимдида бошад ё дипломдори бесавод, шеф бошад ё дастнигар? Касе, ки набошад, нон ӯро кӯр кунад...

**Нуралӣ ДЎСТАЛИЕВ,**
**собиқадори матбуот, аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон**

# ЛУЧӢ ба хонаву ГУРУСНАГӢ ба дарҳо

## Чаро Клавдия Григоревна аз хӯрдани нон даст кашид?

**Дар солҳои 90-уми асри гузашта, тариқи газетаи «Аргументы и Факты» расми занеро бо номи Клавдия Григоревна ба нашр расонида буданд, ки аз соли 1942 инҷониб мазаи нони гандумиро боре ҳам начашидааст.**



Сабаби начашидани нони гандумӣ дар он будааст, ки дар замони муҳосираи Ленинград, ки 900 рӯз идома дошт, падару модари ӯ аз гуруснагӣ мемуранд ва Клавдияи 7-сола бо бародараш, Гришаи 4-сола ятими кулл мемонанд. Баъди марги падару модар, бародари 4-солаи ӯ дар рӯи дастони Клавдияи 7-сола аз гуруснагӣ «нон»-гӯён ҷон медиҳад.

Пас аз ин фоҷиаи мудҳиш Клавдия низ аҳд мекунад, ки дигар ӯ нонро намечашад ва қасди ягонаи ӯ ҳамчун бародари дӯстрӯякаш Гриша мурдан будааст. Сипас, бо амри сарнавишт Ленинград аз муҳосира озод мешавад ва ба ҷуз аз нони гандумӣ, дигар маҳсулоти ғизоӣ низ пайдо мегардад. Клавдия аз дигар маҳсулоти ғизоӣ иҷборан истеъмол мекунад, ки табиати инсонӣ инро тақозо мекунад, вале замоне ки нони гандумӣ пайдо мегардад, ӯ нонро мебӯсаду дар дидагонаш мемолад, аммо аз муҳаббате, ки нисбати бародари дӯстрӯяки чорсолааш Гриша дошт, то кунун , ки аз он фоҷиаи барои ӯ мудҳиш наздики 50-сол гузашта буд, нонро боре ҳам начашидааст.

Дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ, ки вилояти Кӯлоб дар муҳосираи иқтисодӣ қарор дошт, ҳама намуди хӯрок амсоли гӯшту себу ҷаву ҷувериву дигару дигар гӯё мерасид, ба ҷуз аз нони гандумӣ. Вале ҷои нони гандумиро ҳеҷ як намуди маҳсулоти зикршуда иваз карда наметавонист. Мардуме, ки захираи гандум надоштанд, маҷбур мешуданд, ки ҷаву ҷуворимаккаву тухми ҷорӯбе, ки барои ҳайвоноти хонагӣ захира кардаанд, орд карда, истеъмол намоянд. Аз истеъмоли ин маводи ғизоии номусоид, мардум ба бемориҳои гуногун гирифтор мешуданд ва талафоти ҷонӣ низ бисёр зиёд буд.

Аз овони хурдиам, ки бо модарам дар майдони пахтазор кор мекардем, модарам ҳар замон мақоли халқиеро такрор ба такрор мегуфтанд, ки писарам «лучӣ ба хонаву гуруснагӣ ба дарҳо» ва ин мақолро дар асл дар солҳои 93-94-ум бо чашми сард дидам. Ёд дорам, ки гулдухтарони тоҷики бокираву шавҳардор аз навоҳии Москаву Восеъ барои эҳтиёҷи худу хонадонашон гадоӣ мекарданд.

Азбаски мо дар хона осиёби баркӣ доштем, барои ҳамин ҳам ба хонаи мо барои дарюзагӣ фаҳмидаю дониста зиёдтар меомаданд. Замоне ки модарам ба он талабандаҳо нон медод, падарам бо ашки сӯзон ба он гулдухтарон орд медоду хомӯшона ашк мерехт. Чунки падарам низ дар синни 7-солагӣ аз падар ятим монда, лаззати гуруснагиро чашида буданд. Боре ҳамсоязани ҷавон дар як дасташ кӯдаки хурдсолу дар дасти дигараш сатили нима зиёдтар аз тухми ҷорӯбу авёси нокӯфта, барои орд кардан омада гуфт, кӣ ако, ҳаминро орд карда ба ман диҳед. Ман сатили тухми ҷорӯбу авёсро дар дӯли осиёби баркӣ андохтам. Ҳарчанд мунтазир шудем, он маҳсулоти бесифат орд намешуд. Азбаски ҳамсоязан духтари деҳоти худамон буду нисбати ман ҷавон буд, ман ба ӯ гуфтам, ки Муқаддас, инҳо орд намешаванд. Муқаддасро гиря гулӯгир намуд ва хоҳиш намуд, кӣ ако, як бало кунед. Ман рафта аз ганҷурхонаамон як косаи пур аз гандум оварда, ба дӯли осиёб рехтам ва тухми ҷорӯбу авёс бо гандум якҷоя шуда, ба мушкилӣ орд шуд. Ҳоло писари калонии Муқаддас корманди милитсия мебошад ва дар ҳар куҷое, ки манро бубинад, нисбати ман лутфу меҳрубонии зиёд мекунад. Маълум аст, ки модар ба фарзандонаш аз он рӯзҳои барояшон сахту душвор нақлу қиссаҳо кардааст.

Ҳар субҳу шом қабл аз барномаи ахбор Сарвари давлат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Ҷаноби Олӣ тариқи оинаи нилгун башорат медиҳанд, ки: «Дўст бошед, иттифоқ бошед, шукронаи ин сарзамин кунед, шукрона кунед, ки чунин Ватани азизу маҳбуб доред», ки ин суханони Пешвои мардуми кишварамон саҳл нестанд ва барои ашхоси худшиносу худогоҳ, як ҷаҳон таассурот доранд, чуноне ки Ҳакими Тӯсӣ гуфтааст:

*Донӣ, ки зи одамӣ чӣ*
*мемонаду бас?*
*Меҳр асту муҳаббат асту*
*боқӣ ҳама ҳеҷ.*

Ва шоири зиндаёд, Лоиқ Шералӣ, ки шахсан шоҳиди он рӯзҳои бесарусомони Ватани азизамон буданд, гуфтааст:

*То ташна намонем,*
*нақӯем раҳи об,*
*То гушна намонем,*
*надонем, ки нон чист.*
*Ношукрии мо бар намаки*
*умр зиёд аст,*
*То ҷон набарорем, надонем,*
*ки ҷон чист.*

**Раҳмат ШЕРАЛИЕВ,**
**омӯзгор**

АЗ ТОЛОРИ СУД

# ҒОРАТГАРӢ дар «ФИНКА»

## ё пайравии Умеда аз Остап Бендер

**...Алабатта аксарият дар бораи "қаҳрамониҳои" Остап Бендер-қаҳрамони асосии романҳои ҳаҷвии "12 стул" ва "Гӯсолаи тиллоӣ"-и ҳаҷвнигорони рус Илф ва Петров хондаанд ва ё филмномаеро бо чунин ном тамошо кардаанд.**



Найрангбози бузург Остап барои дарёфти стуле, ки дар он ҷо ганҷ пинҳон гардидааст ва барои дарёфти пул чӣ корҳое намекунад...Аммо коре, ки Умеда Мегниева нисбати бонки "Финка" дар шаҳри Душанбе кард, ин кирдорҳои Остапро ба як нӯл мезанад.

Сокини шаҳри Душанбе Умеда Мегниева бо умеди дарёфти пули безаҳмат бори аввал аз ҷониби Суди ноҳияи Шоҳмансур соли 2017 дар асоси ду моддаи КҶ Тоҷикистон ба маблағи 22 ҳазор сомонӣ ҷаримабандӣ шуда, баъдан 22 январи соли 2019 ин ҳукм ба ҷазои маҳрум намудан аз озодӣ ба муддати 2 солу 5 моҳ иваз карда шудааст. Аммо маълум гардид, ки "қаҳрамонии" Умеда бо ин хотима наёфта будааст. Ӯ қаблан моҳи апрели соли 2018 бо Хосият Мусоева ном корманди Бонки қарздиҳии "Финка" бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳо соҳиби 70 000 рубли русӣ шуда буд. "Иштиҳо дар вақти хӯрок меояд" гуфтагӣ барин, моҳи майи ҳамон сол Умеда ба мудирияти бонки мазкур муроҷиат намуда, ба онҳо ҳуҷҷатҳи сохтаро ба номи Мобегим Суламаева пешниҳод намуда, боз соҳиби 70000 рубли дигар шуд.Албатта барои сохтакории ҳуҷҷатҳо низ муҳр лозим аст. Дар ин кор низ Умеда ҳамто надорад. Ӯ барои ин аз Муассисаи истифодабарии манзилии № 2-и ноҳияи Шоҳмансур маълумотномаи сохта ба номи Хосият Мусоева ва аз Кооперативи моликияти манзилии №6-иноҳияи Синои пойтахт ба номи Мобегим Суламаева ба даст оварад. Ба ҳамин тариқ, Умеда якбора соҳиби 140 ҳазор рубли русӣ шуд.

Чӣ тавр шуд, ки кормандони бонк аз ин сохтакорӣ огоҳ нагардиданд? Тавре худи Умеда дар мурофиаи судӣ гуфт, моҳи апрели соли сипаришуда Хосият Мусоева ба назди ӯ омада, хоҳиш мекунад, ки ба вай барои гирифтани қарз аз бонк кумак кунад. Умеда дар навбати худ ба назди шиносаш Дилафрӯз Умарова рафта, ба ивази 1000 сомонӣ маълумотномаи ҷои кор ва музди меҳнат мегирад. Минбаъд ба "Финка" рафта, худро ҳамчун Мусоева муаррифӣ мекунаду соҳиби 70000 ҳазор мешавад. Ин навбат Умеда боз бо ҳамин роҳ ба ивази 1000 сомонӣ аз шиносаш Дилафрӯз маълумотнома оид ба "фаъолияти корӣ ва музди меҳнати" Суламаева, ки шиносномаашро ба ӯ бовар карда дода буд, мегирад ва бо пайроҳаи қаблан тайнамудааш рафта, боз соҳиби маблағи "бесоҳиб" мегардад.

Онҳое, ки аз аз "Финка" "қарздор" буданд, яъне Мусоева ва Суламаева баъд аз он ки кормандони бонк ба манзилҳояшон омада, "қарзи" гирифтаашонро талаб намуданд, фаҳмиданд, ки чӣ гуна ба домиУмеда афтода, ноумед шудаанд. Дар ин ҷиноят боз як ҷанбаи дигаре мавҷуд аст, ки ба кушодани гирехи найранги Остап Бендери зан кумак мерасонад. Ин сохтакории ҳуҷҷатҳо бо кумаки Дилафрӯз Умарова мебошад. Суд бо назардошти он ки ин қазия тафтишоти иловагиро мехоҳад, рафтори Дилафрӯзро,ки ба ивази ду ҳазор сомонӣ аз кимкадом Мавлуда ба ҳуҷҷатҳои қалбакӣ дастрас намуда буд, ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо кард ва тафтишот идома дорад.

Албатта, оқибати ҳамаи найрангҳо "вой" аст ва ин бор низ чунин шуд. Суд бо назардошти ҳамаи нуктаҳои мавриди муҳокима қароргирифта Умеда Мегниеваро ба муддати 6 сол аз озодӣ маҳрум кард ва инчунин, вай бояд маблағи зарари ба "Финка" расонидаашро пардохт намояд.Чунин аст натиҷаи пайравӣ аз Остап Бендер...

**Назарзода Даврон ҚУВВАТ, судяи Суди ноҳияи Шоҳмансур, А. АҲМАДЗОДА, рӯзноманигор**

# ҶАҲИШИ охирини МАЛАХАК...

**Терроризм падидаест, ки дар ҳамаи кишварҳои олам маҳкум карда мешавад. Аммо баъзе кишварҳо ҳарчанд дар зоҳир ин тарзи ҷиноятро маҳкум кунанд ҳам, ба таври пинҳонӣ онро дастгирӣ мекунанд.**



Зеро агар ин террор ба муқобили кишваре,ки онро душман ва ё бадхоҳи худ мешуморанд, равона гардида бошад, ба манфиати онҳост. Аммо Тоҷикистон, нообаста ба он ки террор ба муқобили сокинони кадом кишвар равона гардидааст, онро маҳкум менамояд ва ҳамеша ба муқобили он мубориза мебарад. Зеро кишвари мо дар Осиёи Марказӣ ягона кишварест, ки аз ҳама бештар аз терроризм зарар дидааст. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳатто гурӯҳҳое бо роҳи террор мехостанд зимоми давлатдориро ба даст гиранд, ки худро ҳизби сиёсӣ меномиданд. Аз ҷумла ҲНИ (ҳизби дар Тоҷикистон мамнӯъ) аз оғози фаъолияти худ мехост танҳо бо роҳи террор ба сари қудрат ояд. Ҳатто баъд аз тамом шудани ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳи миёни тоҷикон низ ин ҳизб аз нақшаҳои бо роҳи террор ба даст овардани ҳокимият даст накашид. Мисоли барҷастаи онро мо дар шӯриши қумондони хоин Ҳалим Назарзода мебинем, ки аз ҷониби ин ҳизби террористӣ дастгирӣ ёфта буд. Бинобар ин, бо қарори Суди Олӣ ҳизби мазкур террористӣ эълон гардид ва ҳоло низ амалиёти террористии худро аз хориҷи кишвар истода роҳандозӣ кардан мехоҳад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба терроризм ва амалҳои террористӣ мувофиқи моддаи 179 КҶ Тоҷикистон, ҳамчунин Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386, аз 13.06.2013 № 965, аз 14.11.2016 № 1359 ҷазои сахт таъин гардидааст. Мутаассифона, новобаста ба ин, ҳанӯз ҳам ин ҳизб аз хостаҳои худ даст накашидааст ва даст кашиданӣ нест. Аз хориҷи кишвар истода, нисбати Ватани худ,ки онро ҳамчун модарандар мешиносад, бадгӯӣ намуда, ба ҳотаи сокинон сангандозӣ мекунад. Аммо дер ё зуд ҳатман дар назди қонун тавре ки то имрӯз борҳо шоҳиди он гардидем, ҷавоб хоҳад гуфт.Зеро тавре масали халқӣ садо медиҳад "Як бор ҷастӣ малахак , ду бор ҷастӣ малахак, охир ба дасти малахак..."

**Амонзода Намоз ШАРИФ, судяи суди ш. Душанбе**

## БОЗДОШТИ КИСАБУРОН ДАР СУҒД

**Вазорати корҳои дохилаи Тоҷикистон аз боздошти ду кисабур дар шаҳри Исфара хабар медиҳад.**

Бино бар иттилои манбаъ, баъди гирифтани ахбороти оперативӣ дар хусуси ворид шудани гурӯҳи ҷавонони кисабур ба минтақаи Суғд ба кормандони мақомоти милитсия муяссар шуд, ки дараки онҳоро дар худуди шаҳри Исфара биёбанд.

"Пайгириҳои оперативӣ ва назорати бозорҳо мусоидат намуд, ки нозирони минтақавии Шуъбаи 1 ВКД дар шаҳри Исфара дар худуди молбозори ҷамоати деҳоти "Чилгазӣ" ба ҳаракатҳои ба ҷомеа хавфноки ду кисабури моҳир Ғозиев Зубайдулло Шовалиевич, соли таваллудаш 1989, зодаи шаҳри Кӯлоб ва Одиназода Раҳмоналӣ Гадо, соли таваллудаш 1992, сокини ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, муваққатан истиқоматкунандагони шаҳри Бӯстони вилояти Суғд нукта гузоранд", - менависад манбаъ.



Айни ҳол тафтишот ду ҳолати кисабурӣ дар молбозорҳои шаҳри Исфараро бо далелҳо ба ин иттифоқ нисбат медиҳад, ки давоми моҳи март анҷом додаанд. Ҳамчунин, ному насаби шахсияти сеюм таъкид меравад, ки ҳалқаи ин иттифоқро мустаҳкам намудааст милитсия барои дастгир намудани ӯ чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ гузаронида истодааст. Гумонбаршудаҳо миёни тӯдаи одамон ҷой гирифта, ду нафарашон сайди интихобнамударо миёнгир мекарданд ва нафари сеюм даст ба ҷайби ӯ бурда, маблағи пулиро тасарруф менамуд.

# МУЛОҚОТ бо ПУТИН

## роҳро ба муҳоҷирону тоҷирон ва соҳибкорон боз мекунад?

**Субҳи дирӯз Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон озими сафари Россия шуд ва ӯро дар фурудгоҳ бо қаровули фахрӣ пешвоз гирифтанд.**



*Пешвои миллат Эмамалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин*

Дар худи ҳамон рӯз Президент бо Вячеслав Володин, раиси Думаи давлатӣ – Маҷлиси поёнии парлумони Россия мулоқот кард. Албатта ин бори аввалин ва охирин нест, ки Роҳбари давлати тоҷикон ба ин кишвари ба истилоҳ шарики стратегӣ меравад. Аммо ин бор онро сафари корӣ унвон карданд ва чунин сафарро Президент бори охир соли 2011 ба анҷом расонида буд. Яъне, ин дафъа Роҳбари давлат танҳо ба хотири анҷом додани корҳои муҳим ба Россия ташриф овардааст.

### Мушкилот сари чист?

Дар хабари расмӣ дар ин маврид гуфта шудааст, ки дар ҷараёни он роҳбарон ва узви ҳайатҳои корӣ ба бештар аз 15 шартнома имзо хоҳанд гузошт. Дар ҳамкориҳои сиёсӣ ва ҳарбии Россия ва Тоҷикистон ягон мушкилоти ҷиддие мавҷуд нест, ки мавриди нигаронӣ бошад, аммо айни замон барои ҳалли мушкилоте, ки дар муносибатҳои иқтисодии байни ду кишвар ҳаст, вохӯрии байни Владимир Путин ва Эмомалӣ Раҳмон хеле муҳим мебошад. Ҳамчунин, мушкилоти дигаре, ки домангири ҳам Ҳукумат ва ҳам сокинон аст, ин масъалаи муҳоҷирати тоҷикон ба Россия мебошад. Депортатсияи беш аз 200 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифз нагардидани ҳуқуқи онҳо дар ин кишвар сабаби нигаронии дигари Роҳбари давлат гардидааст. Чаро маҳз имрӯз ба муносибатҳои иқтисодӣ диққат дода мешавад?



*Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Думаи давлатии Федератсияи Россия Вячеслав Володин*

### "Тут нечего добавит..."

«Мо бар инем, ки ҳаҷми сармоягузориҳои Россия ба имконоте, ки дар ин соҳа мавҷуд аст, ҷавоб намедиҳад. Мо манфиатдорем, ки ба Тоҷикистон сармояҳои бузурги Россия ҷои по пайдо кунанд." гуфт Эмомалӣ Раҳмон дар аввалин вохӯрии худ бо Вячеслав Володин . Таври маълум, муносибатҳои иқтисодии мо бо Россия яктарафа аст, яъне аз онҳо меояду аз мо намеравад. Аз онҳо зиёда аз 1 миллиард меояду аз мо чанд миллионак. Албатта, ин аз иқтисоди кунди мо маншаъ мегирад, вале молҳои экспортии мо ба Россия иборатанд танҳо хушкмеваю пахта , ки он ҳам баъзан "аз сабаби ба талаботи стандарт ҷавобгӯ набудан" бозгашт мешавад. Аммо сармоягузории "шарики стратегӣ" ба ҳадде паст аст, ки ба гуфтанаш забон намегардад. Тасаввур кунед, агар Россия соли 2015 ба Тоҷикистон 1,4 миллиард доллар сармоягузорӣ карда бошад, ин рақам соле баъд ба 92 миллион доллар поин омад. Ҳоло бошад, он ҳамагӣ 21 миллион доллар аст.Чаро? Игор Лякин- Фролов , сафири Россия дар Тоҷикистон забони дипломатияро як сӯ гузошта мегӯяд: "Сатҳи ҳозираи сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон ҷавобгӯи талаботи ҳар ду ҷониб нест. Ҳам Россия ва ҳам Тоҷикистон мехоҳанд, ки ин нишондод афзоиш ёбад. Вале соҳибкоронро наметавон ба коре маҷбур кард. Вақте онҳо аз сармоягузории худ фоида намегиранд, чӣ гуна сармоягузорӣ мекунанд? Бо чунин фазое, ки шумо доред, набояд афзоиши сармоягузории хориҷиро интизор шуд." Сабаби инро дипломати рус дар баланд будани сатҳи андозбандӣ ва ягон имтиёз надоштани соҳибкорони рус мегӯяд. Албатта, ҳар кас " қӯрро рӯи кулчаи худ мекашад" , вале ин ҷо бо ӯ розӣ нашудан мумкин нест. Ҳатто ҳамин гуфтаҳои дипломатро Александр Князев, таҳлилгари масоили Осиёи Марказӣ дар Россия, "хеле дипломатӣ" гуфтааст. "Дар асл, вазъият душвортар аз ин аст. Шояд сафир нахостааст рӯйирост бигӯяд, вале дар асл шароити сармоягузорӣ дар Тоҷикистон то ҳадде бад аст, ки ҳеҷ соҳибкор омода нест сармоягузорӣ кунад. Зеро бовар надорад, ки аз ин кораш фоида хоҳад гирифт ё не", - мегӯяд ӯ. Ба қавли русҳо: "Тут нечего добавит..."



*Мулоқот бо роҳбарони ҷамъиятҳои тоҷикон, донишҷӯёну аспирантҳо, соҳибкорон - зодагони Тоҷикистон*

### Умед ба Конфронси 7-ум?

Тавре аз ҷониби Россия эълон гардид, дар доираи сафари кории Президенти Тоҷикистон дар Маскав на танҳо вохӯрии ӯ бо Владимир Путин баргузор мегардад, балки ҳамчунин Конфронси ҳафтуми байниминтақавии Тоҷикистону Россия дар назар аст, ки дар он шахсиятҳои таъсиргузор аз ҳар ду ҷониб ширкат хоҳанд намуд. Албатта, аксари он мушкилоте, ки дар муносибатҳои тиҷоратии байни ду кишвар мавҷуд аст, дар ин ҳамоиш мавриди таҳлил қарор хоҳанд гирифт ва шояд дар он шартномаҳое, ки баррасӣ ва имзо мегарданд, акси худро ёбанд. Вале танҳо бо "ҳусни тафоҳум" масъалаҳои мавҷударо ҳал кардан душвор аст. Аз ин рӯ, гуфтугӯи мустақими байни ду роҳбар нақши ҳалкунандаро хоҳад бозид. Ҳамчунин, дар доираи конфронс Анҷумани ҷавонони Тоҷикистону Россия зери унвони "Роҳи муштарак ба иқтисоди оянда" ба нақша гирифта шудааст. Дар он баррасии соҳибкории ҷавон ва дастгирии навкорону рушди сайёҳӣ дар назар аст. Яъне, ҳамаи умед ба ҷавонон...

### Доғе, ки дар дили ҳазорон нафар аст...

Аз ҳама бештар сафари Сарвари давлатро ба Россия муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо интизор буданд ва онҳо умедворанд, Президент бо он таҷрибаю кордоние, ки дорад, ҷониби Россияро муътақид бар он карда метавонад, ки ба муҳоҷирони мо сабукиҳо хоҳад расид. Хусусан онҳое, ки ба қавле "депорт" шудаанд ва имрӯз мардикорбозорҳои бе ин ҳам пурро пуртар кардаанд , аз вохӯрии ду роҳбар интизориҳои зиёде доранд. Умед бар он мебанданд,ки Президенти Россия Владимир Путин ин тоифаро афв мекунад ва "нобиёрони хона" боз ба ин кишвар рафта, аз паи таъмини рӯзгори худу фарзандони худ хоҳанд шуд.Қаблан ҳам бо дархости Президенти Тоҷикистон чунин иқдом сурат гирифта буд ва он замон зиёда аз 100 ҳазор нафар муҳоҷирон ба Россия баргаштанд ва ё мушкилоти тамдиди ҳузури худро ҳал намуданд. Ҳамчунин, аз рӯи хабарҳои қаблӣ , шароити будубоши тоҷикон дар худи Россия мавриди муҳокимаи байни ду роҳбар хоҳад гашт ва ҳатто имкон дорад, ки оид ба таъини нафақа ба муҳоҷирон низ гуфтугузор сурат гирад. «Мо ҳамчунин умед дорем, ки давраи навбатии афви муҳоҷирон барои муҳоҷирони кории мо доир карда мешавад"-изҳори умедворӣ намуд Президент. Бояд зикр намуд,ки Владимир Путин чунин шахсият ба Эмомалӣ Раҳмон эҳтиромии хоса дорад ва дар ин гуфтушунидҳо ҳатман ба сухани ӯ гӯш хоҳад кард. Гузашта аз ин, дар сатҳи ҷаҳон ҳоло Россия рейтинги худро бамаротиб аз даст додааст ва шарикони эҳтимолии он низ солҳои охир паи ҳам рӯ ба мухолифони ин кишвар меоранд. Дар чунин ҳолат ба Россия зарур аст, ки дӯстони худро дар ҳар шароите набошад, аз худ норозӣ накунад. Интизор мешавем...

**А.АҲМАДЗОДА,**
**шореҳи "Тоҷикистон"**

Ба муносибати XIV-умин Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии олимони

# ВОРИСОНИ СИНО

## мизбони конференсияи байналмилалии тиббӣ

**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино яке аз муваффақтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ буд ва имрӯз низ ин рисолати худро нигоҳ медорад. Имсол ин боргоҳи илму дониш 80-сола мешавад. Донишгоҳ аз аввали соли таъсис дар омода намудани кадрҳои соҳаи тандурустӣ, ташаккул ва рушди илми тиб, ҳифзи тандурустии аҳолии Тоҷикистон мавқеи назаррас дорад.**



ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дорои таҷрибаи мукаммали созандагӣ, навовариву ихтироъкорӣ ва эҷодиву майл ба инкишоф мебошад. Тӯли солҳои фаъолияти худ донишгоҳ беш аз 42 ҳазор нафар мутахассисони соҳаи тандурустӣ тайёр намудааст, ки онҳо на фақат дар ҷумҳурӣ, балки дар зиёда аз 40 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Федератсияи Россия, кишварҳои ИДМ, Англия, Олмон, Белгия, Австралия, ИМА, Эрон, Афғонистон, Хитой, Туркия, Ҳиндустон, Яман ва як қатор давлатҳои арабию африкоӣ кору фаъолият намуда, обрӯву нуфузи на танҳо тибби тоҷик, балки халқу Ватани азизи моро низ боло мебардоранд.

### Таълим дар ДДТТ

Дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино раванди таълим тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи 5 ихтисос — «1-790101 — Кори табобатӣ», «1-790102 — Педиатрия», «1-790103 — «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа», «1-790107 — Стоматология» ва «1-790108 — Фарматсия» ба роҳ монда шудааст.

Раванди таълим дар донишгоҳ бо 3 забон — давлатӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, айни замон дар доираи ихтисосҳои номбурда дар 562 гурӯҳ 10155 нафар донишҷӯён (духтарон 4045 (39,2%) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 1384 (13,4%)-ро донишҷӯёни хориҷӣ аз 16 давлати ҷаҳон ташкил медиҳанд. Теъдоди донишҷӯёни тибқи Квотаи президентӣ таҳсилкунанда — 988 (9,7%) нафар мебошад.

### Захираҳои кадрӣ дар донишгоҳ

Яке аз сарватҳои арзишманди донишгоҳ захираи кадрии он ба ҳисоб меравад. Дар донишгоҳ иқтидори бузурги кадрии соҳаи тибби кишвар кору фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 3 нафар академик, 4 нафар узвҳои вобастаи Академияи илмҳо ва илмҳои тиб, 85 нафар доктори илм, профессор, 234 нафар номзади илм, дотсентон ва 345 нафар муаллимони калон ва ассистентон мебошанд. Дараҷанокии илмии омӯзгорони донишгоҳ 10 сол қабл 42,5%-ро ташкил мекард, ки айни замон 5,8% афзуда, ба 48,3% расидааст. Ҳайати умумии профессорону омӯзгорон аз 664 нафар кормандони асосӣ (занҳо 345 — 51,9%) ва 202 нафар кормандони ҳамкор иборат аст. Синну соли миёнаи ҳайати профессорону омӯзгорон ба 48 сол баробар аст. Таълиму тадриси донишҷӯёну муҳассилини баъдидипломӣ дар 62 кафедраи донишгоҳ ба роҳ монда шуда, аз 38 кафедраи клиникӣ, 16 кафедраи тибби назариявӣ, 8 кафедраи умумитаълимӣ иборат мебошанд. 39 кафедраи клиникии донишгоҳ дар 27 пойгоҳи муассисаҳои тиббии ҷумҳуриявию шаҳрии Душанбе ҷойгир шудаанд. Кабинетҳо ва пойгоҳҳои фаннӣ пурра бо компютер таъмин буда, дар умум донишгоҳ дорои 1106 адад компютер буда, таносуби компютерҳо бо донишҷӯён 1:7-ро ташкил медиҳад, ки яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин дар байни макотиби олии кишвар ба ҳисоб меравад.

ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дорои биноҳои таълимию маишӣ ва маъмурӣ буда, раванди таҳсилот, корҳои илмиву клиникӣ дар биноҳои таълимии донишгоҳӣ, 27 марказ ва беморхонаҳои клиникии шаҳриву ҷумҳуриявӣ ба роҳ монда шудааст.

### Китобхона ва анъанаҳои хосаи китобдорӣ

Китобхонаи донишгоҳ соли 1939 ташкил шуда, дар давоми 80 соли фаъолият ба ташаккули анъанаҳои хосаи китобдории худ соҳиб гардида, маҳсули зиёди нашриётиро дастраси мухлисони адабиёти тиббӣ дар Тоҷикистон ва хориҷи он гардонидааст. Соли 2017 Китобхонаи илмии донишгоҳ ба бинои нави таълимӣ, воқеъ дар шаҳраки Шифобахш кӯчонида шуда, барои донишандӯзии хонандагони китобхонаи илмӣ толорҳои зебову барҳаво ва шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Фонди умумии китобхонаи донишгоҳ 744 252 нусхаро ташкил медиҳад, ки 498882 (67%) нусхаи он адабиёти чопии таълимӣ, илмӣ, бадеӣ ва 245370 (33%) захираҳои электронӣ мебошад.

Дар донишгоҳ ду мачаллаи илмӣ-амалӣ бо номи «Авҷи Зуҳал», бо забони давлатӣ, ки дар КОА ҶТ ба қайд гирифта шудааст, «Паёми Сино» бо забони русӣ, ки дар КОА ФР ба қайд гирифта шудааст ва як рӯзнома бо номи «Ворисони Сино» нашр мегардад, ки ба ғайр аз паёму хабарҳои донишгоҳӣ инчунин мақолаҳои илмиву тахассусӣ чоп мекунад.

### Хобгоҳҳои замонавӣ дар хизмати донишҷӯён

Донишгоҳ дорои 7 хобгоҳи замонавӣ буда, 1957 нафар донишҷӯён бо ҷойи хоб таъмин карда шудаанд, ки аз ин шумора 775 нафарашон духтарон мебошанд. Донишҷӯёни ятими кулл ва маъюб аз пардохти маблағи зист озоданд. Хобгоҳ дорои ҳама шароит барои зист буда, як хобгоҳи чорошёна танҳо барои онҳое чудо карда шудааст, ки бо Квотаи президентӣ таҳсил мекунанд.

Дар оғози соли таҳсили 2018-2019 Пешвои миллат ба бинои нави хобгоҳ асос гузоштанд, ки бояд то соли 2021 мавриди истифода қарор дода шавад.

### Фаъолияти илмиву эҷодӣ

Дигар ҷабҳаи асосии фаъолияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино фаъолияти илмиву эҷодӣ ва табобативу инноватсионӣ муайян шудааст. Саҳми олимони донишгоҳ дар татбиқи Барномаву стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи илм ва технология назаррас аст. Аз ҷумла, дар доираи “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” ва самтҳои афзалиятдоштаи илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Ҳукумати ҶТ муайян кардааст, 12 лоиҳаи аз тарафи буҷаи давлатӣ маблағгузоришаванда ва 27 мавзӯи ташаббусии илмии кафедраҳоро роҳандозӣ намудаанд. Яке аз самтҳои афзалиятдоштаи илм ва фаъолияти инноватсионӣ дар ҶТ тибқи Барномаи зикргардида — ин ташаккули усулҳои табобат тариқи ҳуҷайрадармонӣ ва пайвандсозии узвҳо мебошад. Олимони донишгоҳ дар ин самт пешоҳанг буда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Бо ибтикори ректори донишгоҳ дар соли таҳсили 2016-2017 дар пойгоҳи Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон кафедраи трансплантология ва ҷарроҳии инноватсионӣ таъсис дода шуд. Таъсиси кафедра баҳри вусъат ёфтани корҳои илму инноватсионӣ саҳм гузошт. Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд олимони донишгоҳ тавонистанд аввалин маротиба пайвандсозии ҷигар ва мағзи устухонро дар Тоҷикистон ба роҳ монанд, ки ин дастоварди намоёни олимони тоҷик ба ҳисоб меравад.

Кормандони озмоишгоҳи селулаҳои бунёдӣ корҳои тадқиқотиву озмоишии худро мукаммал намуда, усулҳои муосири табобатиро тариқи ҳуҷайрадармонӣ ба роҳ мондаанд. Дар маркази ташхисию табобатии донишгоҳӣ бахши ҳуҷайрадармонӣ таъсис дода шуда, танҳо тайи 2 соли охир ба бештар аз 50 нафар беморон бо ин усул табабат ба роҳ монда шудааст.

### Пешравиҳо дар донишгоҳ

Яке аз дастовардҳои бузург дар соли 2017 ба истифода дода шудани Маркази таълимӣ-илмӣ ва истеҳсолии “Фарматсия” дар масоҳати 383 метри мураббаъ буда, бо иштироки вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Насим Хоҷа мавриди истифода қарор дода шуд. Дар ин марказ тайёр кардани 52 номгӯи доруворӣ ва гиёҳҳои шифобахши ҶТ ба роҳ монда шудааст.

### Шӯроҳои диссертатсионӣ

Ҳамасола бештар аз 30 то 40 рисолаҳои илмӣ аз тарафи аспирантону унвончӯён таҳия ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад. Дар донишгоҳ 5 Шӯрои диссертатсионӣ дар назди КОА Федератсияи Россия ва 4 Шӯрои диссертатсионӣ дар КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Таъсири шӯроҳои мазкур баҳри фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи рисолаҳои илмӣ нақши созанда гузошта, омодасозии кадрҳои илмӣ таъмин мегарданд, ки дастоварди назаррас арзёбӣ мешавад. Дар соли 2018 дар шӯроҳои диссертатсионӣ 40 рисолаи илмӣ ҳимоя карда шудааст, ки аз онҳо

# ҷавон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино




6 рисоларо рисолаи илмии докторӣ ва 34 рисолаи илмии номзадӣ ташкил медиҳад.

Дар давраи солҳои 2008-2018 бештар аз 12000 таълифоти илмӣ, аз ҷумла, 5900 мақолаи илмӣ, ки 400 мақола дар хориҷа дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ ба табъ расонида шудааст ва 119 монография таҳия гардидааст.

Ихтироъкориву навоварӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти олимони донишгоҳ



муайян гардида, теъдоди умумии ихтироот ва пешниҳоди навоварӣ дар самти мукаммал намудани усулҳои табобати бемориҳои мураккаби ҷарроҳӣ зиёд гардиданд. Дар давраи солҳои 2008-2018-ум 157 ихтироот ва 424 пешниҳоди навоварии олимони донишгоҳ ба қайд гирифта шудааст.

## Фаъолияти байналмилалии ДДТТ

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо пешрафтатарин муассисаҳои олии тиббии ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин самт низ донишгоҳ муваффақ аст ва дар марҳилаи имрӯза ин ҳамкориҳо бо бештар аз 114 муассисаи таълимиву илмии хориҷа ба роҳ монда шудааст. Ин имконият дод, ки яке аз талаботи дигари системаи таҳсилоти муосир — мубодилаи академикии омӯзгорону кормандон комилан ба роҳ монда шавад. Ҳамасола тибқи мубодилаи академикӣ зиёда аз 40 нафар донишҷӯёни донишгоҳ дар донишгоҳҳои Қазоқистон ва Федератсияи Россия ба таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта мешаванд. Ҳамчунин, пайваста муҳассилини донишгоҳҳои хориҷӣ дар ДДТТ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, ки аз сатҳи байналмилали системаи таҳсилоти Донишгоҳи тиббӣ шаҳодат медиҳад. Дар доираи лоиҳаи мазкур танҳо дар соли 2018-ум 87 нафар донишҷӯёни ватанӣ дар 8 донишгоҳи хориҷӣ (Италия, Эстония, Россия, Белорусия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Бошқирдистон) ва 102 нафар донишҷӯён аз 10 донишгоҳи хориҷӣ ба Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ҷалб карда шудаанд.



Инчунин, 3 нафар аз омӯзгорони ДДТТ дар 3 донишгоҳи хориҷӣ ва 45 нафар омӯзгорони хориҷӣ аз 14 донишгоҳ ба ДДТТ омада, ба донишҷӯён дарс гуфтаанд.

Донишгоҳи тиббӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ монда, аз ҷумла лоиҳаи “Tajik Aid Medical Care”, лоиҳаи «Диабети гестатсионӣ дар байни ҳомилагони Осиёи Марказӣ» (GESDICA, Олмон), лоиҳаҳои Пажӯҳишгоҳи Роберт Кох, IncoNetCA ва Вазорати федералии маориф ва илми Олмон — “Биобехатарӣ ва биомуҳофизатӣ — тадқиқоти реши сибирӣ ва туляремия дар Тоҷикистон” ва “Таҳким ва ташхиси бехатари бактерияи ниҳоят хатарнок Bacillus anthracis дар Тоҷикистон”, Лоиҳаи USAID «Тандурустии босифат», DAAD ва ғайраҳоро амалӣ намудааст.

Шарикони байналмилалии Донишгоҳи тиббӣ Ташкилоти умумичаҳонии тандурустӣ, Раёсати Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ, барномаи Эрасмус+, Клиникаи Донишгоҳи Гётеи Франкфурти лаби Майн (Олмон), Донишгоҳи илми тибби Литва, Донишгоҳи тиббии Қарағанда (Қазоқистон), Донишгоҳи тиббии Белорусия, донишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Москва, Самара, Оренбург, Томск, Қазон, Ижевск ва Воронеж ба ҳисоб мераванд.

## Нахустин конференсияи байналмилалии табибон

3-юми июли соли 2018 дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бори аввал конференсияи байналмилалии илмии табибон, фарҳангшиносон ва забоншиносон — «Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии кишварҳои Аврупову Осиё» бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бо ташаббуси раёсати Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи пажӯҳишҳои фарҳангии Ҷумҳурии Корея баргузор гардид ва он имкон дод, ки намояндагони соҳаи тиб ва илми фарҳангу забоншиносӣ бо ҳам вохӯрда, онлайн-презентатсияҳо доир намоянд, якҷоя фаъолият намуда, доир ба натиҷаи таҳқиқотҳои соҳаи тибби ниёкон, фарҳангшиносию забоншиносӣ мубодилаи мутақобилан судманди афкор намуда, баҳрабардорӣ кунанд.

Басо рамзист, ки миқдори ширкаткунандагон ва доираи ҷуғрофии онҳо васеъ гардида, дар кори он олимони маъруфи 12 муассисаи таълимию илмии Тоҷикистон, 7 муассисаи таълимию илмии Корея, 3 муассисаи таълимию илмии Россия (Бошқирдистон, Волгоград, Уфа), Донишгоҳи давлатии Қизил-Ӯрда ба номи Коргит-Атаи Қазоқистон, Донишгоҳи давлатии Қирғизистон ба номи И. Арабаев, Донишгоҳи давлатии Самарқанди Ӯзбекистон, Донишкадаи забони ба номи Р. Ачаряни Арманистон, Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва ҳунари Белорусия ширкат варзиданд.

17-уми июли соли 2018 инчунин Конференсияи илмӣ-амалии VIII-умин Мактаби тобистонаи байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Экология, сайёҳӣ ва саломатӣ» дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино баргузор гардид. Дар кори конференсия ба ғайр аз олимони тоҷик беш аз 60 нафар олимону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Тамбов (Россия), Академияи давлатии тиббии Ижевск (Удмуртия — Россия), Донишгоҳи давлатии тиббии Воронеж ба номи Н. Н. Бурденко (Россия), Донишгоҳи давлатии тиббии Қарағанда (Қазоқистон), Донишгоҳи байналмилалии Вестминстерский дар Тошканд (Ӯзбекистон), Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро ба номи Абӯ алӣ ибни Сино (Ӯзбекистон), Донишгоҳи қирғизу славянии Бишкек ба номи Б. Н. Елтсин (Қирғизистон) ва ғайра ширкат варзиданд.

## XIV-умин конференсияи байналмилалӣ дар донишгоҳ

Ҳамасола дар донишгоҳ конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯён бо иштироки намояндагони хориҷӣ баргузор мегардад, ки баҳри ҷалби ҷавонон ба корҳои илмиву эҷодӣ ва муаррифии корҳои илмии онҳо ба олимони ватаниву хориҷӣ нақши босазо мегузорад. 19 –уми апрели соли равон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон XIV-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо иштироки намояндагони хориҷӣ баргузор мегардад. Мавзӯи конференсия «Мубоҳисаи илмӣ: масъалаҳои мубрам, дастовардҳо ва инноватсия дар тиб» буда, ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (2019-2021) бахшида мешавад. Дар барномаи конфронс масъалаҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:

- *Тадқиқотҳои фундаменталӣ ва амалӣ дар тиб;*
- *Ҷанбаҳои афзалиятноки рушди илми тиб;*
- *Технологияи муосир дар тибби назариявӣ ва амалӣ;*
- *Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар раванди таҳсил.*

Дар кори конференсия табибон ва олимони маъруфи Тоҷикистон, Лаҳистон, Россия, Украина, Беларус, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ширкат намуда, доир ба масоили таҳқиқотҳои фундаменталӣ ва амалӣ дар тиб, дастовардҳои соҳаҳои мухталифи илми тиб, технологияи олии муосир дар тибби назарӣ ва клиникӣ, татбиқи дастовардҳои навини илмӣ маърӯза хоҳанд кард.

**Гузориши бештар аз ҷараёни конференсия дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба чоп мерасад.**

# КАЙҲОННАВАРДИ

## чаро ӯро ҷаҳон эътироф





**12 апрели соли равон ҷаҳон Рӯзи кайҳоннавардонро таҷлил кард. Маҳз дар ҳамин рӯзи соли 1961 аввалин маротиба Юрий Гагарин – кайҳоннаварди шӯравӣ меҳвари заминро убур карда, ба кайҳон баромад.**

Парвози Гагарин 1 соату 48 дақиқа идома кард ва ин ба кайҳоннавардии ҷаҳон асос гузошт. Дар бораи Гагарин зиёд хондаему медонем, аммо кам касон маълумот доранд, ки баъди 37 соли ин, 23 январи соли 1998 ҳаммиллати мо Солиҷон Шарифов бо киштии «Индевор STS-89» ба кайҳон парвоз кард ва сафари ӯ 8 рӯзу 19 соату 46 дақиқа идома ёфт. Бори дувум бошад, соли 2004 Солиҷон 192 рӯзу 19 соату 2 дақиқа дар кайҳон буд, ки аз ин 10 соати онро ӯ дар фазои боз сипарӣ намуд. Дар ин сафар Солиҷонро ҳамеша байрақи Тоҷикистон ҳамроҳӣ мекард...

### Аз пайи як акс

Чандин сол аст, ки дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои мухталифи интернетӣ аксе чарх мезанад, ки дар он Қаҳрамони Русия, кайҳоннавард Солиҷон Шарифов дар даст Парчами Тоҷикистон дар дохили киштии кайҳонӣ қарор дорад. Ағлаби корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ин аксро фотошоп арзёбӣ мекунанд ва касе бовар надорад, ки ин кайҳоннаварди рус, ки дар Қирғизистон валодат ёфтаву дар маълумотҳои расмӣ миллаташ ӯзбек нишон дода шудааст, ба кайҳон Парчами Тоҷикистонро бурда бошад.

Ин акс чандин сол аст, ки диққати муаллифи ин сатрҳоро низ ҷалб кардааст ва банда қарор додам, ки доир ба кӣ будани Солиҷон Шарифов маълумот ҷамъ оварам. Маълумот дар бораи ин кайҳоннавард зиёд аст, аммо барои ман дарёфти ҳақиқати як нукта муҳим буд: «Солиҷон Шарифов кист?»



**АЗ НАҚЛИ СОЛИҶОН ШАРИФОВ:** «Ман 24 августи соли 1964 дар шаҳри Узгени вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон таваллуд шудаам. Дар шаҳре, ки ман зода шудаам, миллатҳои мухталиф зиндагӣ мекунанд: уйғурҳо, тоҷикон, ӯзбекон ва қирғизҳо, аммо дар шиносномаи аксарият миллаташон «ӯзбек» нишон дода шудааст, аз ҷумла дар шиносномаи авлоди мо. Бобои ман дар Тоҷикистон зода шудаву ба воя расидааст ва миллаташ тоҷик мебошад. Солҳои ҷавонии бобоям Узген маркази тиҷорат буд ва ӯ бештар дар ин шаҳр кору зиндагӣ мекард. Маҳз дар ҳамин ҷо ӯ бо бибиям, ки миллаташ ӯзбек аст, оиладор шуд ва дар ҳамин шаҳр падари ман ва бародарону хоҳаронаш зода шуда, ба воя расиданд. Гарчанде дар шиноснома авлоди мо «ӯзбек» буд, аммо ҳама бо забони тоҷикӣ ҳарф мезадем ва худро тоҷик медонистем.

Дар асл, дар замони шӯравӣ кӣ ба кадом миллат тааллуқ дорад, моҳият надошт ва мо ҳам зери таъсири тарбияи интернатсионалистӣ ба воя расидем.

Яъне, ман дар Қирғизистон зода шудам, мактаби русиро хатм кардам, дар Шарқи Дур хизмати аскариро ба ҷо овардам, ҳавонавардиро дар Украина омӯхтам, айни замон шаҳрванди Русия ҳастам. Ман лётчик-космонавти Русия, Қаҳрамони Русия ва Қаҳрамони Ҷумҳурии Қирғизистон мебошам»...

### Роҳи кайҳон

Солиҷон аз кӯдакӣ орзуи ҳавонавард шуданро дошт. Дар яке аз мусоҳибаҳояш мегӯяд: «Каме дуртар аз хонаи мо тайёраи АН-2 ё ба қавле «кукурузник»-ҳо парвоз мекарданд. Аз ҳамин ҷо меҳри идора кардани тайёра дар дили ман пайдо шуд. Ҳамин тавр, аз синни 6-7 солагӣ ман худро рӯҳан барои ин пеша омода менамудам. Баъд аз он ки дар мактаб таҳсил мекардам ва каме дар бораи ҳавонавардӣ маълумот пайдо кардам, қарор додам, ки лётчики ҳарбӣ шавам. Чун дар қалбам орзуи кайҳонавард шудан пайдо шуд, қарор додам, ки лётчик-ҳамлагар (летчик-истребитель) шавам, зеро кайҳоннавардонро бештар аз ҳамин соҳа интихоб мекарданд».

Ҳамин тавр, орзуҳои кӯдакӣ Солиҷонро ба Омӯзишгоҳи олии авиатсияи ҳарбии шаҳри Харков овард, ки онро бо сари баланд хатм кард. Муддате дар полки ҳавоӣ сарнишинӣ кард ва баъдан ба сардори маркази тайёрии кайҳоннвардон Владимир Шаталов ариза навишт, то ки номи ӯро ба рӯйхати номзадҳо ба отряди кайҳоннавардон ворид кунанд.

«Дере нагузашта маро даъват карданд ва ман душвортарин талаботро иҷро карда, билохира соли 1990 ба отряди кайҳоннавардон ҳамроҳ шудам. Он замон 27 - сола будам», - қадамҳои нахустини худро ба ёд меорад Солиҷон Шарифов.

### Парвози нахустин

Баъд аз он ки Солиҷон Шарифов ба отряди кайҳоннавардони Маркази омодагии кайҳоннавардони ба номи Ю. А. Гагарин гузашт, душвориҳо оғоз шуданд. Дар ин давра омодагиҳо барои парвози силсилаи киштиҳои кайҳонии «Союз ТМ» ва истгоҳи “Мир” идома доштанд. Солиҷон курси омодагии командири киштиро дар ин ҷо гузашт ва дар баробари ин факултаи «Аэрокосмоэкология» -и Академияи давлатии нафту газро бо ихтисоси «Коркарди амиқи материалҳои аэрокосмоэкологӣ» хатм кард.

Тобистони соли 1997 билохира заҳмату талоши ӯ самар оварданд ва ӯро ба ИМА барои омодагӣ ба парвоз дар силсилаи киштиҳои амрикоии «Space Shuttle» фиристоданд.

22 январи соли 1998 аввалин парвози Солиҷон тариқи киштии кайҳонии«Endeavour» сурат гирифт, ки он то 31 январи соли 1998 идома ёфт. Ин сафари кӯтоҳ, аммо барои Солиҷон муҳим буд, зеро вай супориши муҳимеро иҷро кард, ки баъдан барои парвози дарозмуддати киштиҳои стансияи «Мир»-и Русия мусоидат кард.

«Парвози нахустин барои ман туҳфаи сарнавишт буд. Ним сол қабл аз парвоз амрикоиҳо барои намояндаи Русия як ҷой ҷудо карданд. Аммо талаботи ҳатмӣ донистани забони англисӣ буд. Хушбахтона, аз байни 5 номзад, ки миёнашон Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ ҳам буданд, ман интихоб шудам»- мегӯяд, Солиҷон Шарифов.

Tajikistantimes.com

*Орзу дорам, Парчами Тоҷикистонро, ки ҳамроҳи ман 193 рӯз дар кайҳон буд ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон супорам...*

### Ним сол дар фазои боз

Баъди парвози нахустин қарор буд, ки парвози дувуми ӯ соли 2001 сурат гирад, аммо як моҳ қабл аз амалӣ шудани ин амр ин қарор бекор карда шуд. Баъди ин Солиҷон Шарифовро ба ҳайати гурӯҳи дигар шомил карданд, аммо ӯро мебист тамоми раванди омодагиро аз сари нав гузарад, зиёда аз сад имтиҳон супорад ва тамринҳои вазнинро пушти сар намояд.

Ҳамин тавр, парвози дувуми Солиҷон Шарифов соли 2005 сурат гирифт. Ин парвоз ниҳоят душвор ва муҳим буд, зеро он зиёда аз ним сол идома меёфт ва дар давоми ин муҳлат кайҳоннавардон бояд 2 маротиба аз киштӣ ба фазои кайҳони боз мебаромаданд.

«Парвози дувуми ман ниҳоят сангин буд. Илова бар ин, мо ба ҳолати ногувор афтодем, киштии боркашоние, ки барои мо бояд хӯрок ва дигар лавозимот меовард, бо сабаби ба экипажи қабл аз мо омада кумак карданаш, аз мо дур шуд. Баъди ду ҳафтаи парвози он барои мо рӯзҳои душвор шурӯъ шуданд, хӯрокамон ба охир мерасид. Бинобар ин мо реҷа чорӣ намудем: дар як рӯз барои ҳар як аъзои экипаж як қуттии хурди консерва медодем. Ин реҷа ду моҳ идома кард, то он даме ки киштии боркашон омад. Аммо бо вуҷуди омадани киштӣ вазъи саломатии мо тағйир ёфта буд, зеро агар аз рӯйи меъёр хӯрок хӯрем, худро бад ҳис мекардем»,- ба ёд меорад он рӯзҳои душворро Солиҷон Шарифов.

Аммо устуворӣ ва ҷасорати аъзои ин экипаж сабаб шуд, ки душвориҳоро пушти сар кунанд, вагарна, ҳар рӯз имкон дошт, ки онҳоро дастур бидиҳанд, ки амалиётро ба охир нарасонида, ба замин баргарданд.

Худи ӯ он лаҳзаҳоро чунин ёд мекунад:

«Мо тоқат мекардем, то ки моро барнагардонанд. Ҳатто як маротиба хоҷатхонаамон шикаст ва моро зарур омад, ки онро аз нав дуруст кунем, гарчанде баъзе қисматҳояш намерсиданд, аммо мо онро ихтироъ ҳам кардем, зеро дар кайҳоннавардӣ ҳатто одитарин чиз сабаб шуда метавонад, ки амалиёт ба анҷом нарасида, қатъ карда шавад».

Аммо экипаже, ки Солиҷон Шарифов аъзои он буд, аз ухдаи супориши ба дӯшдоштаашон баромаданд: аз рӯйи нақша ду маротиба барои экспедитсия аз киштӣ ба фазои боз баромаданд ва дар кайҳон, зиёда аз 50 таҷрибаи тиббӣ, астро ва геофизикӣ, биотехнологӣ ва ғайра гузарониданд.

### Туққумшулук дар кайҳон

Инак, чанд нуктаи ҷолибро аз мусоҳибаҳои Солиҷон Шарифов меорем, ки то чӣ андоза душвор ва нозук будани кори кайҳоннавардонро бозгӯ мекунад:

Мо зимни таҷрибаҳои илмӣ дар кайҳон туққумшулук (улитка) парвариш мекардем. Вақ-

# ТОҶИК

## карду Тоҷикистон не?

те норасоии маҳсулоти хӯрока шурӯъ шуд, хислати ҳамаамон тағйир ёфт. Инсони гуруснаро одати ачибе ёр мешудааст, ҳамарӯза хӯрокаро ҳисоб мекардем, ки касе пинҳонӣ нахӯрад. Ман бошам, ҳар рӯз туққумшулукҳоро ҳисоб мекардам, то ки яке аз ҳамроҳонамон, ки амрикоии хитоинажод буд, онҳоро нахӯрда бошад.

***

Кор дар фазои боз ҳамагӣ 5-6 соат давом кунад ҳам, омодагӣ ба он қариб 20 соат идома меёбад. Ин бисёр ҷолиб аст, вақте аз киштӣ берун мешавӣ. Ҳиссиёти одам тағйир меёбад. Зеро вақте дар дохили киштӣ ҳастӣ, худатро амнтар эҳсос мекунӣ, аммо вақте ба фазои боз мебароӣ, одамро тарс фаро мегирад. Зеро як ҳаракати одӣ метавонд, туро аз васлак канда кунад ва ту аз экипаж ҷудо шуда, ба спутники сунъӣ мубаддал шавӣ. Ин эҳсосро бо сухан тасвир карда намешавад.

***

Омодагии қабл аз парвоз ниҳоят душвор аст, аммо барқарор шудан баъди он ҳам осон нест. Баъди фаромадан ба замин аз 6 моҳ то 3 сол зарур аст, ки организми кайҳоннавард барқарор шавад. Шахс дар кайҳон калтсии зиёдеро масраф мекунад, бинобар ин баъди фаромадан ба замин устухонҳо хеле ҳассос мешаванд. Ҳолатҳое ҳам шудааст, ки бачаҳо баъди парвоз дар вақти пӯшидани ҷӯроб ангушти пояшонро ҳам шикастаанд...

### Дар орзуи Тоҷикистон

Полковник Солиҷон Шарифов айни замон ба тарбияи кайҳоннавардони ҷавон машғул аст.

Дар мавриди парвози сеюм ба кайҳон бошад, мегӯяд:

«Омодагӣ ба парвоз ниҳоят душвор аст. Дар ин давра инсон бояд худашро пурра ба кор бахшад ва оиларо фаромӯш кунад. Бинобар ин, фикр мекунам, ки барои ман ду парвоз кифоя аст. Акнун бояд ҷавонҳоро тарбия кард»

Оилаи Солиҷон Шарифов оилаи тоҷикона аст, ҳамсараш Насиба иқтисодчист ва ҳамроҳаш кор мекунад. Духтараш Нигора ва писараш Ҷаҳонгир хатмкардаҳои МГИМО буда, ҳар яке машғули зиндагии худ...

*Омадан ба Тоҷикистон орзуи деринаи кайҳоннавард аст. Ӯ мегӯяд:*

«То соли 1982 мо ба Тоҷикистон зиёд мерафтем. Хешовандони мо дар Истаравшан ва Хуҷанд зиндагӣ мекунанд. Ҳеҷ гоҳ кӯчаҳои танги ин ду шаҳри



қадимиро фаромӯш намекунам, зеро маҳз дар ҳамин ҷо ман бори аввал ошиқ шуда будам, ошиқи як духтараки тоҷик...»

### Парчами Тоҷикистон дар кайҳон

Муаммои тоҷик будан ё набудани Солиҷон Шарифовро кушодем ва то андозае дар бораи ӯ маълумот ҳам пайдо кардем. Акнун биём ба сари мақсади аслӣ: «Оё Парчами Тоҷикистон ба кайҳон рафтааст?»

**АЗ НАҚЛИ СОЛИҶОН ШАРИФОВ:** «Бале, Парчами Тоҷикистон ҳамроҳи ман дар кайҳон буд. Ман ба хотири шод кардани рӯҳи бобоям ва эҳтиром ба миллатам Парчами Тоҷикистонро ҳамроҳам ба кайҳон бурдам. Онро барои ман дӯстони тоҷикистониам туҳфа карда буданд.

Дар баробари Парчами Тоҷикистон, чун рамзи эҳтиром ба зодгоҳам Парчами Қирғизистонро ҳам гирифта будам, ки онро ба Президенти Қирғизистон туҳфа кардам, ки ҳоло дар Осорхонаи миллии Қирғизистон маҳфуз аст. Аммо Парчами Тоҷикистон ҳанӯз ҳам бо ман аст ва ман орзу дорам, ки онро ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон супорам».

Ин нукта аз мусоҳибаи Солиҷон Шарифов аст, ки соли 2011 дар маҷаллаи «VIPzone»-и Тоҷикистон ба нашр расидааст, аммо тавре мебинем ягон нафар аз давлатмардони кишвари мо то имрӯз барои даъват кардани ин кайҳоннавард ба Тоҷикистон кӯшиш накардааст, чӣ расад ба ордену медал ва қадрдонӣ.

Ҳол он ки дар Тоҷикистон даҳҳо кӯча ба номи кайҳоннавардони рус Гагарин ва Терешкова аст...

### Ҷӯрабек Муродов: «Солиҷон бояд қадрдонӣ шавад!»

Бо вуҷуди ин қадрношиносӣ Солиҷон Шарифов мекӯшад, ки бетамаъ бо тоҷикон алоқаи дӯстӣ барқарор кунад ва дар чорабиниҳои онон дар шаҳри Маскав ширкат намояд.

Ноҳид Зайналпур, скрипканавози тоҷик, ки феълан дар Маскав аст, мегӯяд:

«Дар яке аз чорабиниҳои Ҷамъияти тоҷикони Русия дар шаҳри Москва шарафёб шудам, ки бо Солиҷон-ако шиносоӣ пайдо кунам. Ӯ ошиқи Тоҷикистон ва дӯстдори тоҷикон аст. Дар чорабиниҳо ширкат мекунад ва доир ба фарҳанги тоҷикон бо меҳру муҳаббат ҳарф мезанад»...

Артисти халқии СССР устод Ҷӯрабек Муродов низ бо Солиҷон Шарифов робитаи дӯстӣ дорад ва афсӯс меҳӯрад, ки ӯ аз ҷониби Тоҷикистон қадрдонӣ нашуд:

«Солиҷон бародари ман аст. Ӯ ҳамроҳи худ ба кайҳон дар баробари Парчами Тоҷикистон суруди ман «Дар фазо парвоз кардам»-ро ҳам бурда буд. Ман ҳар гоҳ, ки ба Маскав равам, ҳатман бо ӯ вомехӯрам. Айни замон Солиҷонро ҳама қадрдонӣ карданд, ӯ Қаҳрамони Русия ва Қирғизистон аст, Ӯзбекистон низ ба ӯ орден дод, аммо Тоҷикистон не. Ман фикр мекунам, ки ӯ бояд аз ҷониби Тоҷикистон сазовор қадрдонӣ шавад ва пешниҳод мекунам, ки ӯ бо ягон унвони баланди давлатӣ сазовор гардад»-мегӯяд устод Ҷӯрабек Муродов.

Воқеан, соли 2005 ҳукумати Русия Солиҷонро бо унвони олии ин кишвар – Қаҳрамони Русия, Ҷумҳурииии Қирғизистон низ бо унвони олии Қаҳрамони Қирғизистон ва Ӯзбекистон бо Ордени Амир Темур қадрдонӣ карданд, дар ин кишварҳо ба номи ӯ кӯча ва мактабҳо гузошта шудаанд.

Тоҷикистон бошад, Солиҷон Шарифове, ки парчамашро ба кайҳон бароварда, ӯро ҳатто даъват накард, ки орзуи худро ҷомаи амал пӯшонад ва Парчами Тоҷикистонро ба Осорхонаи миллӣ супорад.

## Мавлудномаи Тоҷикистон

### 17 апрел

**Галина Азизқулова** (1934), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи ҳуқуқ.

**Наталя Содиқова** (1924-1997), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Султон Эргашев** (1929-1973), 95-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ.

### 18 апрел

**Фаиня Абдураҳмонова** (1939), 80-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика.

**Абдушукур Абдусаттор** (1954), 65-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Ғуломҳайдар Ғуломалиев** (1904-1961), 115-солагии зодрӯзи мутриб, оҳангсоз, Артисти халқии СССР, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Фирӯза Маҳмудова** (1954), 65-солагии зодрӯзи забоншинос (русӣ).

**Фотеҳ Ниёзӣ** (1914-1991), 105-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти чумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

### 19 апрел

**Муҳаббат Абдуназарова** (1944), 75-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи иқтисод.

**Сангимад Даминзода** (1934), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Пирак Нуров** (1929-1999), 90-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 20 апрел

**Абдусалом Атобоев** (1934-1985), 85-солагии зодрӯзи нависанда, драматург.

**Абдумаҷид Бердизода** (1959), 60-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Абдуҷалил Сангинов** (1944), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Ҷамолиддин Тошматов** (1939-2012), 80-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Ҷӯрабой Ҷӯраев** (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Шодон Ҳаниф** (1934-2007), 85-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон.

**Қутбиддин Эшонов** (1949), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Тошматов Ҷамолиддин** (1939), 80 - солагии зодрӯзи адиб, нозади илмҳои таърих.

### 21 апрел

**Ҳомидҷон Сангинов** (1924), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Абдулло Ашӯров** (1904-1976), 115-солагии зодрӯзи рассом.

**Содиқов Саттор** (1959), 60 - солагии зодрӯзи сармуҳаррири рӯзномаи «Садои Конибодом».

### 22 апрел

**Назира Додихудоева** (1959), 60-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика.

**Абдусамад Самиев** (1949), 70-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

### 23 апрел

**Иолантис Агабабовян** (1944), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**Ҳорис Маликов** (1934), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Орифҷон Раҳматов** (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Садриддин Сайфиддинов** (1939), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Александр Ҷабборов** (1954), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Таҳияи Ё. СУЧОНӢ**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ зодрӯз доранд? Пешопеш моро огоҳ кунед.**
**ТЕЛ: 238-54-51**

# ПАРАСТИШИ МЕССИ

## Худо ё фиристодаи сайёраи дигар?

**Маҳбубият ва парастиши Лионел Месси дар назари мухлисони ашаддии футбол - фанатҳо то андозаест, ки аз ӯ Худо сохтанӣ мешаванд. Дар ин хусус шабакаҳои иҷтимоӣ андешаҳои мухлисонро ба табъ мерасонанд.**




Ниҳоят ба ин масъала Папаи Рим Франсиск таваҷҷуҳ зоҳир намуда, андешаи худро иброз намудааст. Ин ҳангоми сафараш ба Барселона, дар мусоҳиба бо шабакаи телевизионии Каталония La Sexta, ба вуқӯъ омад. Роҳбари католикҳои дунё ба мақоми худовандӣ доштани Лионел Месси зид баромад. Вақте аз ӯ пурсиданд: магар таҳқир нест, ки баъзеи фанатҳо Мессиро Худо ҳисоб мекунанду ба ӯ сачда меоранд? Папа дар посух гуфт: «Магар ӯ Худост? Чунин гуфтан нашояд. Ман ба ин зид ҳастам».

Франсиск – дар таърихи дайри католикии Рим аввалин роҳбар аз Дунёи нав ба шумор меравад. Ӯ аргентинии решаҳои итолёвидошта буда, мухлиси ашаддии футбол ва дастаи «Сан-Лоренсо» мебошад. Ба пораи суҳбати журналист Ҷорди Эволе таваҷҷуҳ фармоед:

**Ҷорди Эволе: - Магар таҳқир аст, ки Мессиро Худо мегӯянд?**

*Папа Франсиск: - Албатта, таҳқири кулл аст. Шумо наметавонед ин тавр гӯед. Ман, масалан, ба ин бовар надорам. Шумо бовар доред?*

**Ҷорди Эволе: - Бале!**

*Папа: - Ман- не. Албатта, одамон метавонанд бигӯянд, ки ӯ Худост. Аммо онҳо метавонанд инро дигар хел ба забон оранд: «Ман туро мепарастам, Лионел», вале фақат ба Худо бовар кардан мумкин аст, ин андешаи одии мухлисон аст. «Месси Худоест бо тӯб дар майдон» - як усули ибрознамоии андешаҳо ба бозии ӯст.*

**Ҷорди Эволе: - Аммо вай хеле хуб бозӣ мекунад, ҳамин тавр нест?**

*Папа Франсиск: - Бешубҳа, ӯ беҳамтост, вале Худо нест.*

Папа дар андешаи худ танҳо нест. Масалан, Пеле гуфтааст, ки Месси бозигари ҳамаҷониба нест ва Марадона нисбат ба ӯ хеле беҳтар аст. Мураббии «Барселона» Валверде ва футболбози «Барселона» Малком чунин меҳисобанд, ки Месси Худо нест, шояд фиристодаи сайёраи дигар бошад.

Худи Лионел Месси дар бораи аз ӯ Худо тарошидани фанатҳояш дар ягон расона чизе нагуфтааст. Шояд оқибат дар ҷавоб чизе бигӯяд?

Tajikistantimes.com
*Криштиануро ёд мекунам. Бар зидди ӯ, ҳарчанд душвор бошад ҳам, бозидан хушу гуворо буд...*

### Иқрори Месси: «Бе Роналду зиқ шудам»

Лео Месси бо журналистон аҳён-аҳён суҳбат меорояд. Аммо чанде пеш дар радиошоуи Club Octubre 94.7 FM суҳбати муфассали ин футболбози ҷаҳонӣ пахш гардид. Мо мухтавои ин суҳбатро манзури ихлосмандони варзиш мегардонем.

Дарду алами асосии Месси – мунтахаби Аргентина ва гапу калоча дар бораи ӯ мебошад. Лео дар мунтахаб бо Марокко ба бозӣ набаромад, ки ин амалаш боиси қаҳру ғазаби дастандаркорони африқоии вохӯрӣ гардид. Дар хона бошад, навиштанд, ки Месси аз бозӣ дар мунтахаб саркашӣ мекунад.

Лео ниҳоят барошуфт: «Ҳар хел гапбофӣ дар бораи ман кори муқаррарист. Ҳақиқат дар он аст, ки ман гирифтори бемории пубалгия ( чурраи варзишӣ) ҳастам, ки гоҳ-гоҳе азиятам медиҳад. Бояд худро эҳтиёт кунам».

Лео мегӯяд, ки танқид на танҳо ба ӯ, балки аҳли оилаашро низ азият медиҳад. «Писараки шашсолаам ҳайрон мешавад, ки чаро маро дар Аргентина бадном мекунанд?». Видеои Ютубро тамошо карда, мепурсад, ки барои чӣ дар он ҷо маро чашми дидан надоранд? Ман дӯстону бародарон дорам, ки аз дурӯғҳои дар ҳаққи ман бофта ранҷ мекашанд.

Месси бисёр мехоҳад, ки Чемпионати ҷаҳонро дар Россия фаромӯш намояд. Аргентина танҳо дар як бозӣ ғолиб омада, дар марҳилаи ҳаштякфинал ба Фаронса (4:3) бой дод. «Ин бароям зарбаи сахттарин дар ҳайати мунтахаб буд. Аз бозии аввал (бо Исландия - 1:1) корамон омад накард. Мо инро намехостем».

Месси иқрор мешавад, ки мунтахаби Аргентина аз лиҳози сифати бозӣ ва ҳайат бадтар аз «Барселона» мебошад: «Дастаи мунтахаб ба мисли «Барселона» бозӣ карда наметавонад, зеро сабки бозии «Барса» –фалсафаи худро дорад. Мунтахаби Аргентина на бозигар дораду на вақт, ки тамрин намояд».

**Маълум мешавад, ки Лео бе Роналду зиқ мешудааст:** «Криштиануро ёд мекунам. Бар зидди ӯ, ҳарчанд душвор бошад ҳам, бозидан хушу гуворо буд. Бароям буридани ҷоизаҳо, вақте ки Роналду дар «Реал» буд, хеле хуш меомад. Агар ӯ дар Мадрид мебуд, хеле хуб мешуд».

Лео ба савол дар бораи футболбози беҳтарини ҷаҳон посухи аҷибе додааст: «Футболбозони хуб амсоли Неймар, Мбаппе, Суарес, Азар ҳастанд. Ҳар яки онҳо метавонанд беҳтарин бошанд. Вале ман Роналдуро аз ин гурӯҳ ҷудо кардам – ӯ бо ман аст».



ҶУДО »

# ЭМОМРИЗО АНВАРЗОДА ҒОЛИБИ ҶОМИ ҶУДОИ ОСИЁ ШУД

**Варзишгари ҷавону умедбахши тоҷик Эмомризо Анварзода ғолиби Ҷоми ҷудои Осиё миёни наврасон гардид.**




Мусобиқаи анъанавии Ҷоми ҷудои Осиё миёни наврасону ҷавонон 12-15 апрел дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир гашт. Дар мусобиқа 245 варзишгар аз 6 кишвар – АМА, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иштирок карданд. Варзишгарони мо дар ин мусобиқа сазовори 5 медал – 1 тилло, 1 нуқра, 3 биринҷӣ шуданд.

Эмомризо Анварзода дар вазни -90кг миёни наврасон соҳиби медали тилло шуд. Медали нуқраро Шоҳида Қаландарова дар вазни -57кг миёни ҷавонон сазовор гашт. Медалҳои биринҷиро Аҳлия Муъминова дар вазни -52кг миёни наврасон, Муҳаммадризо Қувватов дар вазни -60кг ва Шарифҷон Назриев дар вазни -100кг миёни ҷавонон ба гардан овехтанд.

ТАЭКВОНДО »

# СЕ МЕДАЛИ ТИЛЛОИ ТАЭКВОНДОЧИЁНИ ТОҶИК АЗ ҚАЗОҚИСТОН

**Варзишгарони тоҷик дар 2-юм мусобиқаи байналмилалӣ оид ба таэквондои ҷаҳонӣ миёни кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон сазовори се медали тилло шуданд.**

Мусобиқа ба ифтихори иди Наврӯз 12-14 апрел бо иштироки варзишгарони кишварҳои Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор шуд.

Ба иттилои Федератсияи таэквондо (WT)-и Тоҷикистон, дар мусобиқаи мазкур аз ҷумҳурии мо се варзишгар иштирок карда, соҳиби се медали тилло шуданд. Муниса Ойматова дар вазни -49кг миёни духтарон, Абубакр Фатҳуллоев дар вазни -49кг миёни писарон ва Алиҷон Фатҳуллоев дар вазни -26кг миёни кӯдакон ғолиби мусобиқа гардиданд.

Ба иттилои раиси Федератсияи таэквондо (WT)-и Тоҷикистон Ҷаҳонзеб Қармишев, варзишгарони мо дар мусобиқаи мазкур таҷрибаи иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалиро гирифтанд ва зери роҳбарии мураббӣ Шамс Қодиров барои иштирок дар мусобиқаҳои рейтингӣ омодагӣ мебинанд.

ЛИГАИ ОЛӢ »

# ПАНҶШЕР» ДАР САДРИ ҶАДВАЛ АСТ

**11 ва 12-уми апрел чор бозии даври дуюми Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуданд, ки бозии марказии ин давр «дербии суғдӣ» бо ширкати дастаҳои "Истаравшан" ва «Хуҷанд» буд, аммо «Панҷшер» ҳангома кард.**

"Дербии Суғд" дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан, дар шоҳидии 15000 мухлис бо ҳисоби 2:1 анҷом ёфт. Қаҳрамони бозӣ ҳамлагари истаравшаниҳо Бахтовар Зокиров гардид, ки ду гол зад. Голи дастаи меҳмонро Манучеҳр Аҳмадов ба ҳадаф расонд.

Дар бозии дигар "Истиқлол" дастаи "Хатлон"-ро шикаст дод – 3:1. Голҳоро дар ҳайати дастаи ғолиб Алишер Ҷалилов ва Шериддин Бобоев заданд. Як голи дигарро бохтариҳо худашон заданд, ки Алишер Баротов онро вориди дарвозаи худ кард. Голи "Хатлон"-ро Худойдод Узоқов ба номаш сабт кард.

Футболбозони "Панҷшер" дар даври дуюм дар меҳмонӣ КМВА "Помир"-ро бо ҳисоби 1:0 шикаст доданд. Голи ягонаро Собирҷон Холматов дар дақиқаи 40-уми дидор ба ҳадаф расонд.

"Регар-ТадАЗ"-и Турсунзода дар майдони худ ба дарвозаи "Кӯктош" 3 голи бечавоб зад. 3 имтиёзи аввалро "Регар-ТадАЗ" тавассути зарбаҳои нишонраси Ҳасан Рустамов (20-ум дақиқа), Алишер Холмуродов (45+2) ва Нозим Бобочонов (47) ба даст оварданд.

«Истиқлол» ва "Панҷшер" бо ба даст овардани шаш имтиёз дар ҷадвали мусобиқа пешсафанд.

ФУТБОЛ »

# ВИТАЛИЙ ЛЕВЧЕНКО САРМУРАББИИ «ХУҶАНД» ШУД

**Баъд аз шикасти «Хуҷанд» дар «дербии суғдӣ» аз «Истаравшан» сармураббии хуҷандиҳо Нуъмонҷон Юсуфов аз вазифа барканор шуд ва ба ҷойи ӯ Виталий Левченко таъин гардид.**

Виталий Левченко дар арафаи бозии даври дуюми Ҷоми КФО имрӯз ба футболбозони даста муаррифӣ мешавад.

Виталий Левченко чанде пештар дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистонро машқ дода, ба сармураббии дастаи миллӣ Ҳаким Фузайлов ба ҳайси мураббии тайёрии ҷисмонӣ ёрӣ мерасонд.

Виталий Левченко ба ҳайси сармураббӣ "Хуҷанд"-ро ба муқобили дастаи "Дордой"-и Қирғизистон дар доираи вохӯриҳои гурӯҳии Ҷоми КФО-2019 ба майдон баровард.

Виталий Левченко соли 1972 дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омада, ҷавониашро дар Тоҷикистон паси сар карда, ҳамчун бозингар дар дастаи «Хуҷанд» номвар шудааст. Ӯ дар 19-солагиаш ба ҳайати дуюми клуби машҳури «Динамо»-и Киев шомил гардид. Аз соли 1994 то 2000-ум шарафи дастаи ССКА-ро ҳимоя карда, баъдан ба дастаи «Таврия»-и Симферопол гузаштааст.

Левченко давоми панҷ сол дар 9 бозии дастаи мунтахаби Тоҷикистон иштирок карда, шарафи Тоҷикистонро дар бозиҳои Осиёии соли 1998 ва бозиҳои интихобии Ҷоми ҷаҳон-1998 ҳимоя кардааст.

Баъд ба ҳайси мураббӣ ва сармураббӣ дар дастаҳои «Княжа», «Арсенал», «Десна», «Еднист», дастаи мунтахаби ҷавонони Украина, Тоҷикистон, ёвари сармураббии дастаи мунтахаби Тоҷикистон ва пеш аз ба дастаи "Хуҷанд" омаданаш дар КФ "Криля Советов"-и Русия фаъолият кардааст.



# ЧИДААХБОРИ ВАРЗИШӢ

**23-28 апрели соли равон дар шаҳри Сиани Чин Чемпионати гуштии озод ва юнонӣ-римии Осиё баргузор мегардад, ки дар он дастаи мунтахаби Тоҷикистон иштирок мекунад.**

Қувваозмоиҳо дар намуди тарзи озод миёни мардҳову бонувон ва юнонӣ-римӣ миёни мардон дар 30 категорияи вазн сурат мегиранд. Ҷумҳурии моро дар ин мусобиқа 13 варзишгар - 10 нафар дар намуди тарзи озод, 3 нафар дар намуди юнонӣ-римӣ намояндагӣ хоҳанд кард. Чемпионати Осиё барои варзишгарон як замина барои Чемпионати ҷаҳон, ки моҳи сентябр дар Нурсултон (Остона) мегузарад, маҳсуб меёбад.

***

**Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар мусобиқаи "Ҷоми баҳор-2019" («Futsal Week Spring Cup – Porec 2019»), ки аз 13 то 16 апрел дар шаҳри Поречи Хорватия баргузор гардид, ширкат кард.**

Дар ин мусобиқаи бонуфуз дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо дастаҳои Маҷористон (3:5), Шведтсия (6:7) ва Черногория (16 апрел) бозӣ кард. Мусобиқа тибқи системаи даврӣ дар як давр баргузор шуд. Сармураббии дастаи мунтахаби футзали кишвар Ҳусейн Шодиев барои ширкат дар мусобиқаи "Ҷоми баҳор – Пореч-2019" 13 бозигар даъват кардааст. Иштирок дар мусобиқаи мазкур барои тими футзали Тоҷикистон як марҳилаи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Чемпионати Осиё, ки 16-27 октябр баргузор мешавад, ба ҳисоб меравад.

***

**Қуръакашии марҳилаи финалии Чемпионати футзали Осиё-2019 ҳарифони дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистонро муайян кард.**

Футболбозони ҷавони мо дар гурӯҳи "С" бо Ҷопон ва Ветнам бозӣ мекунанд. Дар ҷараёни қуръакашӣ 4 гурӯҳи иборат аз седастаӣ ташкил ёфт. Дудастаӣ аз ҳар гурӯҳ ба даври плей-офф роҳҳат мегиранд ва мусобиқаро тибқи системаи олимпӣ идома медиҳанд. Даври финалии мусобиқа 14-23 июни имсол дар шаҳри Табрези Эрон баргузор мешавад.

*Гурӯҳи «А»: Эрон, Афғонистон, Ҳонг Конг.*

*Гурӯҳи «В»: Тайланд, Лубнон, Қирғизистон.*

*Гурӯҳи «С»: Ҷопон, Ветнам, Тоҷикистон.*

*Гурӯҳи «D»: Ироқ, Индонезия, Тайпэйи Чин.*

# ТУРИЗМ

## баҳои “The Independent” ба Душанбе ва National Geographic ба роҳҳои Помир

**Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.**



Тоҷикистон дорои табиати зебоманзар, кӯҳҳои сарбафалак, диёри обҳои мусаффо ва ҷолиб барои саёҳат ва туризм ба ҳисоб меравад. Ҳукумати кишвар аҳамияти туризм ва муаррифии кишварро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба инобат гирифта, туризмро самти афзалиятнок меҳисобад ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дар арсаи ҷаҳонӣ низ эътибори Тоҷикистон ҳамчун кишвари бехатар ва ҷолиби тамошо боло меравад. Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (WTO) Тоҷикистонро дуюмин кишвар дар ҳоли рушди туризм ҳисоб мекунад. Мутахассисони Форуми иқтисодии ҷаҳонӣ (WEF) Тоҷикистонро кишвари аз ҳама бехатар дар Осиёи Миёна ҳисоб карданд. Маҷаллаи бонуфузи британӣ “The Independent” бошад, пойтахти Душанберо яке аз шаҳрҳои бехатар барои гаштугузори шабона муаррифӣ мекунад. National Geographic роҳи кӯҳии Помирро ҳамчун яке аз зеботарин роҳҳои куҳӣ дар миёни даҳгонаи роҳҳои кӯҳӣ қайд кардааст. Ин гуна дастовардҳо шаҳодати он аст, ки Тоҷикистон бо манзараҳои дилфиреб, мардуми меҳмоннавозаш диққати сайёҳонро бештар ба худ ҷалб намудааст.

**Зайдулло МИРЗОЕВ,**
**омӯзгор аз шаҳри Ваҳдат**

# Нидои дил

**(Назира ба ғазали Фурӯғӣ)**

*Чӣ гуноҳ рафт аз мо, дару дидаро бубастӣ,*
*Бо рақиб ту нишастӣ, қавлу аҳд бишикастӣ.*

*Дар барат аҷаб нишастам ба баҳонаи тановул,*
*Нигарад ҳарифу асло накунад дароздастӣ.*

*Касе аз баҳои ҳуснат наситонд боҷ ҳаргиз,*
*Дил ба сад хироҷ баста, ба сифоти ӯ нишастӣ.*

*Ба садоқати муҳаббат ба касе нагуфтаӣ роз,*
*Ҳама карда бас тавалло, ба касе дилат набастӣ.*

*Ба ҳазор лутфу эҳсон напазирӣ арзу додам,*
*Ту ба нозу бо карашма бикунӣ сипоси ҳастӣ.*


*Чу ба буткада биоӣ, нагузорӣ гар ибодат,*
*Ҷоми май бинеҳ бар каф, ту ки бут намепарастӣ.*

*Амалу калом гашта сифати ҷамоли зебо,*
*Бишавад мақом-т воло, нарасӣ дигар ба пастӣ.*

*Боқӣ аст чун зи соқӣ ҷуръае шароб, в-арна,*
*То саҳар кунем бо ҳам тарабу нишоту мастӣ.*

*Зи ғамаш хирад бурун гашт ба нақди ҷон, Ниҳонӣ,*
*Бувад ин гувоҳ, бингар, зи раҳи амон гусастӣ.*

**НИҲОНӢ**


Пурсанда, кулоҳ кунанда
Пушак, чӯма, боллорӣ
Ҳурмо
Унвони давраи нав дар Институт
Курсӣ
Ҳалқ, дар уқёнуси Ором
Ҳалқи сокини пойтахт
Пойтахти Дания
Ҳамсояи дар ғарбӣ
Оҳанрабои наълмонанд
Мухолифи нозим
Радифи зебо
Зодгоҳи шоира Робиа
Мевае тираҳмой
Ҳамсояи дар ҷанубӣ
Марказ, пойтахт дар Русия
Наълҳои мори заҳрнок
Ҳайвони ҳашарот
Ҳайвони ҳашарот
Ҳайвони ҳашарот

# САДОЕ, ки маро ба ТОҶИКИСТОН оварД...

## мусоҳиба бо рассом **Амир Ҳусайни Пироеш**

**Санаи 9 апрели соли равон дар меҳмонхонаи «Сирена Душанбе» намоиши асарҳои рассоми эронӣ Амир Ҳусайни Пироеш оғоз шуд, ки онро метавон рамзӣ «Манзараҳои Тоҷикистон» номид. Зеро оғои Пироиш солҳои тӯлонист, ки атрофу акнофи сарзамини моро қадам зада, манзараҳои зебои онро ҷолиб ва ҷозиб тасвир кардааст...**



**-Ҷаноби Пироеш, суоламро ба қавли тоҷикон кундаланг медиҳам: чаро маҳз Тоҷикистон?**

- Барои он ки ман ошиқи Тоҷикистон ва шефтаи манзараҳои ин кишвар ҳастам. Чаро Афғонистонро намекашам? Ба хотири он ки он ҷоро надидаам ва мутаассифона, ҷуз хабари ҷангу ҷадал чизе нашунидаам. Дар эҷодиёти ман фақат Тоҷикистон ва Эрон инъикос ёфтаанд.

**-Чӣ боис гардид, ки шумо ошиқи Тоҷикистон шудед?**

- Ман бо номи Тоҷикистон дар 6 - солагӣ тариқи радио ошно шудам. Он замон дар Бирҷанди Эрон радиои Тоҷикистон мавҷ паҳн мекард ва аввалин бор ман ин садоро шунидам: «Ин ҷо Душанбе, радиои Тоҷикистон». Он замон аз падарам пурсидам, ки бобочон (мо ба падар чунин муроҷиат мекунем) Душанбе куҷост? Падарам гуфт, ки инҳо мардуми мо ҳастанд, ки дар тарафи шӯравӣ мондаанд. Падар ҳамин қадар маълумот дошт ва хуб шуд, ки ман ҳам ҳамнажод буданамонро фаҳмидам. Баъдан, тариқи антенаҳои махсус мо ба телевизиони Тоҷикистон дастарасӣ пайдо кардем, ки он гоҳо консертҳои дилнишини Ҷӯрабек Муродов, Давлатманди Хол, Нигинаву Муқаддас ва дигар сарояндагони тоҷикро пахш мекард. Ин садоҳоро мешунидем ва шефтаи Тоҷикистон мешудем. Баъдан сарнавишт маро ба Тоҷикистон овард ва аҷиб он, ки як рӯз дар кӯчаи марказӣ ман соҳиби он садое, ки аз радио шунида будам, пайдо кардам, исмаш хонум Зевар (Зевар Қандиловна Ҷӯраева – О.Н.) аст. Баъдан, бо устодон Ҷӯрабеку Давлатманду Афзалшоҳу дигарон низ дӯст шудем, як ҷо нишаставу суҳбатҳо доштем.

**-Аввалин тасвире, ки аз Тоҷикистон кашидед, манзараи кучо буд?**

-Яке аз манзараҳои Варзоб. Ман як муддат ба тиҷорат машғул шуда, наққоширо канор гузошта будам, аммо манзараҳои Тоҷикистон ба ман такон бахшиду баъди танаффус дубора ба ин кор даст задам ва то имрӯз қариб 500-600 асари хурду калон аз Тоҷикистон тасвир кардам.

**-Асарҳои шумо ва манзараҳои кишвари моро киҳо бештар харидорӣ мекунанд?**

-Мушаххасан намедонам, зеро асарҳои ман ба ҳар шакле фурӯхта мешаванд. Аммо то он ҷое медонам, корҳои ман дар Русияву Амрикову Эрону Аврупо ва қариб дар ҳама гӯшаи ҷаҳон ҳаст.

**-Аз корҳои рассомони тоҷик огоҳед?**

-Албатта, дар Тоҷикистон рассомони хуб зиёданд ва ҳар яке сабку саликаи худро доранд. Корҳои Сабзалӣ Шарифов ва Вафо Назаровро меписандам.

**-Айни замон дар Тоҷикистон ҷавонҳо бештар ба сабки мудерн, ки печидаву муғлақ аст, асар эҷод мекунанд, аммо чӣ тавре мебинем, шумо реализмро нигоҳ доштаед.**

-Бале, ман бештар бо реализм ва ҳамчунин импрессионизм, миниатюр ва сюрализм кор мекунам. Нависандаи рус Лев Толстой дар бораи ҳунар китобе дорад ва дар он мегӯяд, ки ҳунаре арзиш дорад, ки оммаи мардум онро дарк кунад ва ҳунаре, ки омма аз он баҳра бурда наметавонад, фахш аст. Бубинед, ҳунар он нест, ки ман 4 - то хатро бикашам ва бигӯям мудерн шуд, ин монанди онест, ки маъзарат мехоҳам, - парандае аз осмон рӯйи шишаи мошин ахлот мепартояду он шакли зеборо мегирад. Имрӯз ба ин ҳам мудерн мегӯянд. Сабаби ба чунин сабк рӯй овардани ҷавонҳо он аст, ки мудерн меҳнати зиёд талаб намекунад, академизм бошад, дақиққорӣ ва заҳмат мехоҳад. Ман борҳо аз рассомон пурсидаам, ки шумо бо ин асаратон чӣ гуфтан мехоҳед, ин ҷо ҳама печида аст. Онҳо худашон посух дода наметавонанд ва мегӯянд: «Аврупоиҳо чунин асарҳоро бештар харидорӣ мекунанд», яъне онҳо ба хотири пул кор мекунанд ва ҳақ ҳам доранд, зеро рангу қобу қаламу матоъ хеле гарон аст, илова бар ин зиндагиро бояд ба навъе бичархонд.

**-Ин раванд дар Эрон чӣ гуна аст?**

-Дар Эрон миниатюр ва реализм бештар аст, аммо ҷавонони мо ҳам ба мудерн майл доранд. Дар Эрон рассомони бузурге зиндагӣ мекунанд ва кишвари мо дар миниатюр дар ҷаҳон дар ҷойи аввал қарор дорад.

**-Шумо ба гӯшаҳои Тоҷикистон сафар мекунед ё аз рӯйи аксу навор манзараҳоятонро мекашед?**

-Не, ман нуқта ба нуқтаи Тоҷикистонро аз Бадахшон то Зарафшон ва аз Хатлон то ба Суғд гаштаам ва ҳар ҷоеро ки тасвир мекунам, омӯхтаам.

**-Шумо айни замон дар ду давлат зиндагӣ мекунед?**

-Бале, аммо аз 22 соли охири умрам бештар ин ҷо будам, зеро ман аз дӯстони ҷавонии худ дур ва дӯстони ҳақиқиам ин ҷо ҳастанд.

**-Бо сард шудани муносибатҳои Тоҷикистон ва Эрон барои шумо мушкиле пеш омад?**

-Хушбахтона не, зеро ман фикр мекунам, ки сардии равобити давлатмардон ба мо ҳунармандон набояд дахл кунад. Ман қонуни Тоҷикистонро риоя мекунам ва онҳо ҳам ба ман мушкил пеш намеоранд.

**-Айни замон кадом манотиқи Тоҷикистонро тасвир кунед?**

-9 моҳ аст, ки Эрон нарафтаам ва иншооллоҳ баъди намоиш меравам ва агар умр вафо кунаду баргардам, манзараҳои Чилдухтаронро тасвир мекунам.

**Мусоҳиб О. НОЗИР**

# «ГАВҲАР»

## филме, ки киносозони тоҷику ӯзбекро ба ҳам меорад



**Режиссёри тоҷик Собир Собиров дар ҳамкорӣ бо филмсозони ӯзбек ба сабти филми бадеии «Гавҳар», ки аз рӯзгори чилдухтарони Самарқанд ҳикоят мекунад, оғоз кард. «Гавҳар» филме хоҳад буд, ки баъди сӣ соли ҷудой кинематографистони ӯзбеку тоҷикро ба ҳам меорад.**

-«Гавҳар» ягона филме нест, ки бо филмсозони ӯзбек мо ба навор мегирем. Дар асл мо сабти ду филмро дар нақша дорем. Ин лоиҳаи мо баъди хуб шудани муносибатҳои ду кишвар роҳандозӣ шуд ва барои боз ҳам бехтар шудани ҳамкориҳои фарҳангӣ мусоидат мекунад. Зеро дар гузашта мо – тоҷикон ва ӯзбекон дар кино ҳамкориҳои самарабахш ва таърихи муштарак дорем, - мегӯяд Собир Собиров.

Мавриди ёдоварист, ки маблағгузори ин лоиҳаҳо директори генералии Ширкати «Vendo» Хайрулло Мамасолиев аст. Ин ширкат дар Самарқанд ва умуман Ӯзбекистон лоиҳаҳои калони фарҳангиро дар сатҳи баланд баргузор кардааст.

*Дар мавриди филми бадеии «Гавҳар» бо Собир Собиров ҳамсуҳбат шудем:*

-«Гавҳар» филми бадеии калонметраж буда, аз рӯзгори чилдухтарони Самарқанд ҳикоят мекунад, чилдухтарони ҷасури суғдиён, ки Афросиёбро ҳимоя мекарданд.

Филми мазкур бо истифода аз техникаҳои мухталиф ба навор гирифта мешавад. Чун ман даст-парвари мактаби кинои советӣ ҳастам, мо филмро на дар монтаж, балки дар майдони сабт омода мекунам. Бинобар, ин қариб як соли аввал мо барои сабт омодагӣ мебинем. Айни замон мо ба интихоби духтарон машғулем ва баъди ин ба онҳо машқ мекунем, то аспсаворӣ, истифодаи силоҳ ва давидану ҷаҳиданро омӯзанд.

Дар қиссаи чилдухтарони Самарқанд як чеҳраи барҷаста ҳаст, ки Гавҳар ном дорад. Ин зан хеле ҷасур аст ва то лаҳзаи охирин бо душман мечангад. Дар филм як эпизоди ҷолибе хоҳад буд: вақте Гавҳар бо душман мечангад, дар охир тоскулоҳ аз сараш меафтад ва рақибаш мебинад, ки ӯ то ин вақт бо зан муҳориба мекардааст. Ӯ ба матонати Гавҳар қоил шуда, ба наздаш меояд ва дасташро бӯсида, ба шаҳр намедарояд. Баъди ин Гавҳар ҷон медиҳад.


Ман бо ин филм мехоҳам нишон диҳам, ки дар гузашта занони миллати мо ҷасур буданд ва ҳатто ба даст шамшер гирифта, муқобили душманон мечангиданд.»

Филми дувуме, ки ин режиссёри тоҷик сабт мекунад, ҳаҷвӣ аст ва аз рӯзгори чор ҷавони самарқандӣ қисса мекунад. Яке аз он ҷавонҳо ба духтари тоҷикистонӣ дил мебандад.

«Зимни тамрину омодагӣ ба филми бадеии «Гавҳар» мо филми дувумро ба навор мегирем. Айни замон дар бораи сужети ин филм чизе намегӯям, дар охир достони ишқи як ӯзбекистонӣ ва як тоҷикистонӣ чӣ мешавад, тамошобин хоҳад дид»,- мегӯяд Собир Собиров.

Собир Собиров фарзанди режиссёри маъруфи синамои тоҷик Тоҳир Собиров мебошад. Ӯ худ дар Самарқанд зода шуда, хатмкардаи ВГИК – Институти кинематографияи Маскав аст. Қаблан ӯ дар мавриди чандин навъи варзиш филмҳои ҳуҷҷатӣ ба навор гирифтааст. Ҳамчунин сабти даҳҳо клипи ҷолиб махсули эҷодиёти ӯ ҳастанд. Ду филми бадеие, ки сабташон дар ҳамкорӣ бо киносозони ӯзбек оғоз шудаанд, дебюти Собир Собиров дар филми бадеӣ хоҳад буд.

**О. СОҲИБЗОДА**




## БОЗОРИ МАНЗИЛ МЕФУРЎШАМ

### ► 4-ҲУҶРАГӢ

► 4-ҳуҷрагӣ, 80 м.кв., қабати 3, таъмиршуда, ориентир: "Милано мода", 84 мкр. Тел: 8888-58-865.

### ► ҲАВЛӢ

► Хона дорои 4 ҳуҷра, 4 сотих замин, суроға Гулбутта, КДС-11/1. Тел: 915-06-55-06, 987-729-802.

► Хонаи 2-ошёна дорои 6 ҳуҷра ва коридор 21м., барқу об доимӣ, суроға посёлкаи Шапкин, нархаш - шартномавӣ. Тел: 904-45-52-55.

► Хона дорои 5 ҳуҷра, 8.5 сотих замин, таъмиршуда, барқу об доимӣ, суроға к/з Россия, уч. Якката 259. Тел: 900-07-82-28.

## ХИЗМАТРАСОНӢ

► Сантехник, ивази қубур, насби термексҳо ва ғайра. Тел: 917-66-04-11.

► Панҷараҳои оҳанин, навесҳо, пешайвон, дарҳо ва дигар ашёҳои металисохт бо тиреза ҳои пластикӣ. Азнавсозии панҷараҳои кухна. Тел: 934-30-65-16, 909-11-55-16, 91-903-32-77

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтарчаи имтиҳонии Д 61142-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2016 ба Сафолов Аминҷон Шамсиддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии №03-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода соли 2014 ба Абдуллозода Шукрона Наби додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2016 ба Саидов Шоҳсафар Маҳмуродович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи МВ-1 №043666 бо рақами қайди №3237-и гумшуда, ки онро Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон соли 1986 ба Воҳидов Абдувалӣ Аҳадович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгохи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ соли 2018 ба Меҳровари Ҳикматулло додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патен бо РЯМ 0930137744, РМА 096204579-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор 16.01 соли 2017 ба Боев Фарҳодҷон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва варақаи бақайдгирии №5422-и гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев, бинои 72/5, ҳуҷраи 44 ба номи Шабозова Лола Ғарибшоевна беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи туҳфаи квартира таҳти реестри №1Ш-268-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 06.02 соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев, бинои 72/5, ҳуҷраи 44 ба Шабозова Лола Ғарибшоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А4072253-и гумшуда, ки онро ШКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14.03 соли 2006 ба Юнусов Маҳмуд Ғуломович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техники гумшуда, ки онро соли 2005 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи. Н.Қарабоев, гузаргоҳи 3, бинои 12, ҳуҷраи 71 ба Паллаева Мохотун Манзаршоевна дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2014 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 113, ҳуҷраи 51 ба Темуров Меҳроҷиддин Файзалиевич додааст , беэътибор дониста шавад.

► Муҳри ШСХК "Барқи Тоҷик" барои корбари бо гумрук, РМА 040000011-и гумшуда беэътибор дониста шавад.

► Билет донишҷӯии № Г14397-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2014 ба Сорбони Қурбон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи даҳуми гумшуда, ки онро мактаби миёнаи умумии №2-и ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон соли 1968-1969 ба Азизуллоев Ҷамшед додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи нуҳуми Т-АТА №0650464-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансур соли 1993 ба Раҳмонова Назира Курбоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А0092675-и гумшуда, ки онро ШМД Навобод ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 24.05 соли 2017 ба Ҳомидова Муҳаббат Лутфуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа соли 2008 ба Талбаков Абдухолиқ Ҳокимович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Манзилнома №126 оиди ба ҳуқуқи гирифтани манзил дар шаҳр бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А.Навой, бинои 15/3, ҳуҷраи 39 ба номи Қаюмов И.Р, ки он 12.05 соли 1993 дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Муҳри ҶДММ "Unipay" бо РМА 030026838-и гумшуда, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шандӣ бо серияи А6680021-и гумшуда, ки онро, ШКД-и ноҳияи И.Сомонӣ 23.05 соли 2011 ба Гулов Шамсидин Воқиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносомаи шаҳрвандӣ бо серияи А00258749-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Сино 11.08 соли 2015 ба Ҳакимов Машҳур Қудбидинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А1797462-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Роҳи оҳани шаҳри Душанбе 12.09 соли 2001 ба Диловаров Зиёродчо Ғайратович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии № Г 15623-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2015 ба Раҳимов Меҳроб Муҳриддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А01024167-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи И.Сомонӣ соли 2017 ба Бибисорои Ҷамахон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии Д 14250-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2014 ба Муҳаммадраҳимов Шаҳбоз Умедҷонович додааст, беэътибор дониста шавд.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми АБ 269222-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №5-и ноҳияи Дарвоз соли 1998-1999 ба Алимаҳмадов Абдурасул Абдураҳимович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии №Д17528-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2014 ба Зоиров Эмомали Абдухолиқович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А 00728598-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Рӯдакӣ 27.12 соли 2016 ба Зоиров Эмомали Абдухолиқович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А00734470-и гумшуда, ки онро ШВКД-и шаҳри Роғун 30.12 соли 2016 ба Махсудов Усмон Саидакбарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2016 ба Бурҳанов Парвиз Қобилович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2016 ба Хушназаров Раҳматулло Рустамович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш таҳти реестри №1Ш-1570-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ 06.08 соли 2005 бо суроғаи шахри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев, гузаргоҳи 3, бинои 12, ҳуҷраи 71 ба Паллаева Мохотун Манзаршоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон соли 2018 ба Камолзода Сафархон Амирхон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А00346708-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 03.12 соли 2015 ба Ашурова Умеда Рустамовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Маълумотнома бар ивази диплом, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, факултети механиконии кишоварзӣ соли 1999 ба Баёнов Абдубақо Бидонович додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.


► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А 7364829-и гумшуда, ки онро ШКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24 сентябри соли 2012 ба Султонов Умед Султонович додааст, беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ "Таблиғоти Эҷодкоронаи Мерос" бо №0280997, РЯМ 0210026777, РМА 020051445, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Автомобилҳои Россия "РМ ГАЗ Сервис" бо №0258496, РЯМ 0210016327, РМА 020039061, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.







# НУҚТАҲОИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОН

**ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

*- Кӯчаи Бохтар 3. Назди бинои «Рӯдакӣ-Плаза». Тел. 223-01-10*
*- «Услуги населению». Рӯ ба рӯи СУМ, назди "Спорт Бар". Тел. 227-20-17*
*- "Марказ". Кӯчаи Пушкин 24. Назди бинои «Вефа-центр». Тел. 223-00-54*
*- «Информационный Центр Недвижимости». Кӯчаи Валаматзода 6 (назди сафорати Туркия ).*
*- «Садбарг». Гузаргоҳи зеризаминӣ.*
*- Кӯчаи Беҳзод 7А. Назди «Шабакаи аввал», дӯкони рӯзномафурӯшӣ.*
*- «Зима-Лето». Маҳаллаи 82, кӯчаи Шамсӣ 26. Назди «Тиб барои шумо».*
*- Маҳаллаи 33. Рӯ ба рӯи бозор.*
*- Кӯчаи Маяковский 46*
*- Маҳаллаи бозори «Ҷал-Ҷам», пушти истгоҳ.*
*- Кӯчаи Гипрозем, Шаҳраки ҳарбиён, дӯкони рӯзномафурӯшӣ*



**ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД**

*- ш.Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои «Кохи Матбуот», 7ошёна.*

**ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

*- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, назди меҳмонхонаи "Қӯрғонтеппа", дӯкони рӯзномафурӯшӣ.*
*- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, рӯ ба рӯи «Маорифи вилоятӣ».*



## БАРОИ ОНҲОЕ, КИ ДӮСТАШОН МЕДОРЕД ВА АЗ ҶОН АЗИЗТАР МЕҲИСОБЕД

***Мехоҳед табъи падару модар, хоҳару бародар, фарзандон, хешу табор, наздикон ва дӯстдоштаатонро болида созед?***

***Ба хурсандии онҳо хурсандӣ зам кунед?***

***Амалатон ба хотирашон нақш бандад ва бо шумо фахр кунанд?***

**Пас, онҳоро бо зодрӯз, маросими арӯсӣ, ҷашнҳои оилавӣ ба воситаи рӯзномаҳои машҳур «Оила», «Тоҷикистон», «Рекламная газета» табрик кунед. Дар ҳар куҷое бошед ин кор бароятон хеле содда ва арзон меафтад.**

***Барои ин ба шумо лозим аст:***

1.Ба рақами **44-640-99-88** занг занед, матни табрикот ва номи рӯзномаро гӯед;
2. Оператор ба шумо код медиҳад;
3. Ба назди терминали пардохтҳо оед, дар он рамзи «Рекламная газета»-ро пайдо кунед ва маблағи табрикотро пардохт намоед.

***Оё аз хурсандии онҳое, ки дӯсташон медореду бароятон омода ҳастед ҷонатонро фидо кунед, аз ин дида ширинтар, гуворотар, писандидатар чизе ҳаст?***

***Пас, фурсатро аз даст надиҳед, онҳо интизори табрикот ва лутфу меҳрубонии шумо ҳастанд.***

**Телефон барои маълумот: 238-61-61**

TMC EDUCATION GROUP SINCE 2004
ТАҲСИЛИ МУОСИР ВА САМАРАНОК

**МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ «TMC EDUCATION GROUP» INTELLECT**

**ТАВАҶҶУҲ!!!**

**ҲАМАИ ДОВТАЛАБОНРО БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР КУРСҲОИ КУТОҲМУДДАТ:**

- Баҳисобгирии молиявӣ ( 1 – 2 )
- Баҳисобгирии муҳосиботӣ
- Андоз ва ҳуқуқ
- 1С ( барномаи муҳосиботӣ )
- TOEFL – preparation
- Business English

Даъват менамояд.

Дар ин курсҳо шуморо барои супоридани имтиҳон ва соҳиб шудан бо сертификати

- CAP
- CIPA
- TOEFL
- ETS



93-561-36-36
Sunat-51@mail.ru
www.tahsil.tj



# ТОЛЕЪНОМА




*Дар ин ҳафта ғуруру такаббурро кам карда, ба мушкилиҳои молиявӣ диққат диҳед. Агар нисбати худ танқидро ҳис кунед, оқилона рафтор намуда, сар ба ҷайби андеша кашед, шояд танқид заррае ҳақиқат дорад ва шумо бояд ислоҳ шавед. Ба ғайр аз ин, пули калон ба даст меоред, маош мегиред ё нафаре ба шумо пул медиҳад ва чизеро, ки кайҳо дар орзуи хариданаш будед, ба даст меоред. Агар фарбеҳ шудан нахоҳед, хӯроки худро ба низом дароред, дар ин давра иштиҳоятон кушода мешавад ва хӯроки серғизо боиси вазни зиёдатӣ гирифтанатон мегардад.*




*Ҳафтаро дар танҳоӣ гузаронед. Ба ҳолати яъсу ноумедӣ афтида ба дилатон тарсу ҳарос роҳ меёбад. Аз доираи нафарони беинтизом дурӣ ҷуста, шабона ба берун набароед. Эҳтимоли бад шудани вазъи саломатӣ имкон дорад, ки ба қобилияти кориятон таъсири манфӣ расонад. Барои ба дӯши худ гирифтани масъулиятнокӣ натарсед. Ба мушкилиҳое, ки байни шумову дӯстдоштаатон вуҷуд доранд, хубтар диққат дода, роҳи ҳаллашро меёбед.*




*Хуб мебуд, ки дар ин ҳафта аз маъракаҳои дилхушкунанда дурӣ ҷӯед. Ҳар қадаре бо атрофиён робитаи кам кунед, ҳамон андоза хуб аст. дар акси ҳол муноқишае рух медиҳад, ки бо сабаби он бо яке аз дӯстонатон қаҳрӣ мешавед. Нисбати атрофиён хайрхоҳ бошед, мувофиқи имкон хайру саховат намуда, барои одамон холисона кумак расонед. Дар сурати норасоии витаминҳо эҳтимоли бемор шуданатон меафзояд. Ҳафта барои бо варзиши машғул шудан хуб аст, вале рӯзи 27 апрел хатари ҷароҳат бардоштанатон зиёд мегардад.*




*Дар ин ҳафта рафти корҳоятон набояд ба зиндагии оилавӣ таъсир расонад. Агар шумо гумон кунед, ки ба хотири хушбахтии оилавӣ ба кор диққати бештар медиҳед, ин на ҳамеша ба ҳақиқат наздик аст. Ҳамсафари ҳаётӣ аз дуриву беаҳамиятии шумо меранҷад. Ҳафта барои саратонҳои муҷаррад бобарор ҷараён мегирад. Дар ин рӯзҳо қобилияти пешгӯӣ карданатон зиёд гашта, ҳодисаҳои дар пеш истодаро беғалат эҳсос мекунед. Амалиётҳои пешгирикунандаи саломатӣ аз қабили парҳез ва маҳс фоидабахшанд.*




*Дар ин ҳафта сафарҳои дарозмуддат ва робита бо нафарони бегона тавсия дода намешавад. Барои нафароне, ки бо омӯзиш машғуланд, душвориҳо ва муноқиша бо омӯзгорон пеш меоянд. Дар оилаатон оромиву нишот дида мешавад. Масъалаҳои марбут ба тақсими мерос, ва баргардонидани қарз ба фоидаи шумо анҷом меёбанд. Мушкилӣ дар фаъолияти нафароне сар мезанад, ки ба роҳи дур, ба шаҳрҳои дигар сафар мекунанд. Охири рӯзи ҳафта маблағи калони пулиро сарф мекунед.*




*Дар ин ҳафта муносибатҳои ошиқонаатон фаъол мегарданд. Агар шумо ба наздикӣ ошиқ шуда бошед, ба саросемагӣ роҳ надиҳед. Ҳама кор вақту соати худро дорад. Барои он ки ба ҳолати яъсу ноумедӣ ва рӯҳафтодагӣ гирифтор нашаведу рӯҳатон болидаву табъатон вайрон нашавад, бо тоату ибодат машғул шавед. Эҳтимоли хоболуд шудану хобҳои даҳшатнок дидanатон вуҷуд дорад.*




*Ҳафта барои ба эътидол овардани муносибатҳои заношавҳарӣ созгор нест. Эҳтимол ҳамсафари ҳаётӣ аз сусткориву ноуҳдабароии шумо шиква мекунад. Агар шумо бо волидон зиндагӣ мекарда бошед, муноқишаи калон ба амал меояд. Кӯшиш намоед, ки наздикон ба зиндагиятон дахолат накунанд, вагарна вазъият душвортар мегардад. Ба мушкилиҳои зиёд гирифтор шуда, аз об хушк мебароед. Хатари хурӯҷ намудани беморихои гулӯ зиёд аст, аз ин рӯ гӯшу гарданро аз шамолхӯрӣ эҳтиёт кунед.*




*Ақрабҳои оиладор дар ин ҳафта бояд ба ташаббус ва маслиҳати ҳамсафари ҳаётии худ гӯш андозанд. Агар шумо дар фикри оиладор шудан бошед, ҳафтаи мазкур барои сар кардани маъракаҳои арӯсӣ созгор аст. Корҳоятон бобарор мешаванд, вале ташвиши зиёд, хавотирӣ ва фишори рӯҳӣ асабатонро хароб месозад. Нафароне, ки аз беморихои музмини гурда ва рӯда азият мекашанд, бояд худро эҳтиёт намоянд. Бо сабаби риоя накардани гигиенаи шахсӣ ё истеъмоли ғизои носолим нотоб гаштанатон имкон дорад. Охири ҳафта хабари хуш мешунавед.*




*Диққати худро барои рафъ намудани мушкилиҳои молиявӣ равона созед. Корҳои зиёди ҳалталаб доред, ки мунтазам ба таъхир мегузоштед. Вақте расидааст дар корҳоятон тартиботро қорӣ намоед. Қувваву имкониятатон зиёд мешавад. Рӯзҳои охири ҳафта хатари ҷароҳат бардоштанатон зиёд аст. Қавсҳои оиладор аз рӯйи фарзандон асабонӣ мешаванд. Ба инҷиқиҳои кӯдакон гӯш надиҳед ва туҳфаҳои қиматбаҳоро харидорӣ накунед.*




*Дар ин ҳафта мушкилиҳои оилавӣ ва муноқиша бо наздикон табъатонро хира мегардонад. Сабру таҳаммулро пеша намоед. Барои хона харидани мебел ва дигар ҷиҳозро маслиҳат намедиҳем. Агар шумо дӯстдошта дошта бошед, муҳаббататон бештару ба якдигар наздиктар мегардед. Ҷаддиҳои муҷаррад дар фикри издивоҷ мешаванд, вале дар интихоби бахт ба дудилагӣ роҳ дода, ҳайрон мемонанд. Охири ҳафта аз лат хӯрдану афтидан эҳтиёт шавед.*




*Тамоми диққати худро ба оила равона созед. Корҳои нотамоматонро ба ёд биёред. Дар ин ҳафта бо нафаре шинос шуданро тавсия намедиҳем, вагарна дӯсте, ки дар ин рӯзҳо пайдо мекунед, дар оянда шуморо дучори нохушиҳо мегардонад. Фаъолияти далвҳое, ки бо кори савдо машғуланд, барор оварда, маблағи хуб ба даст меоред. Барои он ки ба фиребу ғалатҳои ногувор роҳ надиҳед, дурандешона амал карда, ҳар маълумотеро, ки ба даст меоред, нағзакак санҷед.*




*Дар ин рӯз атрофиён ба суроғатон омада, дар мушкилашон аз шумо маслиҳат мепурсанд. Аз сафарҳои якҷоя бо дӯстон сарпечӣ накунед. Барои рафъи мушкилиҳои молиявӣ ҳафтаи созгор нест. Аз харидани чизҳои қиматбаҳо худдорӣ намоед, ҳар чизе ки дар ин ҳафта харидорӣ мекунед, бесифат ё бо нархи гарон ба даст меояд. Пою зонувони худро эҳтиёт карда, аз ҷойҳои намӣ дурӣ ҷӯед. Эҳтимоли сар задани дарди сар, фишорбаландӣ, асабоният, беморихои гурда вуҷуд дорад.*



# Устод ҒОИБНАЗАРЗОДА

## аз муҳосиби хоҷагӣ то декани факултет

**Азамату шукӯҳи омӯзгор дар он аст, ки ӯ инсонсоз аст. Омӯзгори асил онест, ки ҳамвора баҳри зеҳну малакаи шогирд талош меварзад.**

Номзади илмҳои иқтисодӣ Саид Ғоибназарзода аз шумули чунин омӯзгорони асил ва фидоист, ки пас аз хатми муассисаи таълимии зодгоҳаш ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2008 аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ,таҳлил ва аудит бо дипломи аъло хатм намудааст. Маълумоти дуюми олиро бошад, соли 2018 аз рӯи ихтисоси идоракунии давлатӣ дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиб шудааст.

Саид Ғоибназарзода фаъолияти меҳнатиашро аз муҳосиби хоҷагии ба номи Ниёзмуҳаммад Бегови ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ оғоз намудааст. Шурӯъ аз соли 2009 то соли 2015 дар вазифаҳои муҳосиби музди меҳнат, муҳосиби моддӣ, ҷонишини сармуҳосиб, сариқтисодчӣ ва раиси Иттифоқи касабаи кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар кор кардааст. Аз моҳи майи соли 2015 то соли 2016 фаъолияти худро ба ҳайси мудири кафедраи “Таҳлили иқтисодӣ ва омор”-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур идома додааст. Моҳи майи соли 2016 мудири кафедраи “Идоракунии иқтисодиёт ва молия”-и Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мегардад. Айни ҳол декани факултети идоракунии давлатии донишкадаи мазкур мебошад.


Устод Саид Ғоибназарзода муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илмӣ, ду монография ва дастурҳои методиву таълимӣ мебошад. Самти таҳқиқоти илмии устод иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ, иқтисодиёти ҷаҳон, рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва татбиқи стратегия ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврaҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат мебошад.

Саид Ғоибназарзода 22-юми апрели моли 2015 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи иқтисодиёт ва хоҷагии халқ (иқтисодиёти меҳнат) ва иқтисодиёти ҷаҳон бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби унвони номзади илмҳои иқтисодӣ гардид. Барои хизматҳои шоён ва пажӯҳишҳои арзишмандаш дар соҳаи илм, устод Саид Ғоибназарзода бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 ба Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ дар бахши илмҳои иқтисодӣ мушарраф гардонида шудааст. Рӯзгори устод барои шогирдон ва ҳамкасбон намунаи барҷастаи як инсони комил ва олими пуркор аст, ки месазад аз ҳар нафаси зиндагияш ибрат бардорем.

**Худойдод АВҒОНОВ,**
**донишҷӯи курси 2-юми**
**Донишкадаи идоракунии**
**давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАРО кӣ ВНМО кард?

**Волидонам бомуҳаббат оиладор шуданд. Онҳо дар яке аз идораҳои бонуфуз фаъолият мекарданд. Модарам баъди маро таваллуд кардан, дигар фарзандор нашуд.**



Падарам аз он ки модарамро зиёд дӯст медошт, дигар оиладор нашуду аз пайи тарбияи ман шуданд. Бисёр мехостам мисли дигарон хоҳару додар дошта бошам, ҳар вақте аз модарам мепурсидам, мегуфт, ки ту калон шав ва баъд бароят чизеро, ки мегӯй мехарем. Мактаби миёнаро хатм кардам, вале саводи хуб надоштам, чунки дугонаҳоям дарс намехонданд ва маро низ бо ҳар хел суханҳо ором намегузоштанд, ки дарсҳоямро омода кунам. Орзуи волидонам ин буд, ки ман бояд духтур шавам ва ҳамин тавр ҳам шуд. Донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиббӣ гаштам. Чӣ қадар душвор буд, вале тоқат мекардам. Аз он ки забони русиро хуб намедонистам, супоридани санҷишу имтиҳонҳои бо забони русӣ бароям мушкил буд ва натавонистам аз курси дуюм ба курси сеюм гузарам. Баъди такроран хондани курси дуюм хеле чизҳоро омӯхтам ва риштаи ҷарроҳиро интихоб кардам. Дар яке аз беморхонаҳои кишварамон ба ҳайси духтури ҷарроҳ ба фаъолият шурӯъ намудам. Муддати 12 сол кор кардам. Мо - кормандони соҳаи тандурустӣ ҳар шаш моҳ аз муоинаи тиббӣ мегузарем ва ҳар як корманд худаш медонад, ки то омадани чавоби таҳлилҳои хун диламон дар ларза аст, зеро мо - ҷарроҳон бо хун сарукор дорем. Дар соҳаи худам ҷарроҳи касбӣ шуда, маризони зиёдеро ҳам муолиҷа карда будам.

Ҳамеша кӯшиш мекунем, ки ягон ҷои дастамон захмӣ набошад. Ҳангоми барои нохунҳои пою дастамро тоза кардан ба кошонаҳои ҳусн мерафтам, дастгоҳҳои худамро мебурдам. Бонуе, ки ба ин кор машғул буд, пешниҳод кард, ки асбобҳоямро нав овардааму касе онро истифода набурдааст биё аз инҳо истифода кунем, зеро баъзе асбобҳои шумо аллакай кунд шудааст. Аз он ки асбобҳои нав тез будаанд, пӯсти дастамро чукуртар гирифту хун омад. Чизе нагуфтаму баъди анҷоми вазифааш ба хона баргаштам.

Рӯзи дигар дар вақти навбатдорӣ бемореро оварданд, ки бояд таҷилан ҷарроҳӣ мекардем, мисли ҳамешагӣ ду анализи хунашро гирифтему ба ҳуҷраи амалиёти ҷарроҳии фаврӣ даровардем. Амалиёт бомуваффақият гузашт. Дар вақти амалиёт ҳангоми додугирифти асбобҳои ҷарроҳӣ, ки халандаву бурандаанд, аз рӯи дастпӯшак пӯсти дастамро сӯрох кард ва хуни аз дастам-баромада дар таги дастпӯшак панҳ шудан гирифт. Эътибор надодам ва аз байн шаш моҳ гузашт.

Баъди гузаштани муҳлати муқаррашуда ман низ аз тести ВНМО гузаштам. Баъдан, маро сардухтури беморхона ба наздаш даъват карда гуфт, ки натиҷа тести ВНМО-и шумо мусбат баромадааст, шумо дигар ҳуқуқи дар ин ҷо кор карданро надоред. Ҳамин тавр, маро аз кор озод карданд ва ман пурра ба табобат фаро гирифтам. Ҳар чизе, ки аз рӯи қоидаи тиббӣ буд, амал мекардам. Фарзандонамро эҳтиёт мекардам, ҳарчанд ёрии тиббиро мерасонидам, вале хеле дар ташвиш будам, ки мабодо касеро ба ин беморӣ гирифтор накунам.

Ба хотири он ки сабаби аз кор рафтанамро бисёр мепурсиданд, ночор хонаамро фурӯхта аз дигар минтақа хона харидам, то ки бемор будани маро нафаҳманд.

Ҳарчанд ҳама паҳлуҳои бемориро медонистам, вале боз ҳам гоҳ-гоҳ ба дилам шубҳа меафтод, ки мабодо касеро мубталои беморӣ нагардонам. Дорухоро аз рӯи гуфаҳояшон мехӯрам. Аз рӯи таҳлилҳои хунам аллакай ангезандаҳои вируси беморӣ дар баданам паст шудаанд. Барои шавҳару фарзандонам нафари бехавф ҳастам. Шавҳарам акнун мехоҳад, ки бори дигар ҳомиладор шуда, духтарчадор шавем, зеро мо ҳамагӣ ду писар дорему халос. Бо маслиҳати мутахассисон ҳомиладор шудам ва бо боварӣ гуфта метавонам, ки фарзандӣ солим ба дунё меорам. Шавҳарам ҳарчанд марди бемаълумот ҳам бошад, вале камсавод нест ва мо тасмим гирифтаем, ки таваллуд бо роҳҳи буриши қайсарӣ (кесерва) гузарад, зеро ин аллакай роҳҳои пешгирикунандаи беморӣ маҳсуб меёбад. Чанд маротиба ҳамчун коргузор ба беморхона даъват карданд, лекин рад кардам. Чунки ману шавҳарам аллакай тиҷорати худро дорем ва барои пешбурди зиндагиамон мерасад. То имрӯз намедонам, ки маро асбобҳои кошонаи ҳусн бемор кард ё бемори ҷарроҳикардаам, чунки ҳар ду ҳолат ҳамагӣ дар ду рӯз рух дода буд...

**Н.О, собиқ бемор**



# ШАКАРХАНД

## Пулчинак

Дар автобуси пуродам мусофирон якдигарро тела додаву муноқиша мекунанд. Баногаҳ аз миёнаи автобус садое баланд мешавад:

-Ҳамон аблаҳеро, ки ҳамаро тела медиҳад, аз автобус дафъ кунед!

Дар ҷавоб боз садо баланд мегардад:

-Ман аблаҳ нестам, пулчинакам.

## Гап-гапи компютер

Писарбачае ба гардани падараш овезон мешавад. Падар шӯхиомез мегӯяд:

-Бачем, падаратро буғӣ карда мекушӣ. Бе падар чӣ кор мекунӣ? Писарбача мегӯяд:

-Як илоҷ карда зиндагӣ мекунам.

Ин дам писари калонии мард садо баланд мекунад:

-Ту чиҳо мегӯй, бе падар чӣ кор мекунем?

Падар хурсанд мешавад, ки писари калонияш ӯро пуштибонӣ мекунад, вале писар суханашро давом дода мегӯяд:

-Охир пароли компютерамонро фақат падарам медонад!

## Нози арӯс

Домод арӯсашро рӯи даст бардошта, аз идораи ақди никоҳ мебарояд. Арӯс ба гӯшаш мегӯяд:

-Фарҳод, мо аллакай оиладор шудем - а?

Домод мегӯяд:

-Бале.

Арӯс дар ҷавоб:

-Биё, акнун ба гарданат баромада шинам.

## Муъҷизаи ҷарроҳӣ

Мардеро барои ҷарроҳии кӯррӯда омода месозанд. Бемор мегӯяд:

-Духтур! Ман баъди ҷарроҳӣ ғижак навохта метавонам?

Духтур мегӯяд:

-Метавонед.

Бемор боз мепурсад:

-Ба ростӣ метавонам?

Духтур:

-Метавонед, метавонед.

Бемор дар ҷавоб:

-Ин ҷарроҳии зӯр будааст-ку, пештар ғижак навохта наметавонистам, акнун метавонам!

## Хӯ аини хона

Шавҳар ба зан ҳангоми муноқиша мегӯяд:

-Ба ман чӣ кор карданамро нишон надеҳ! Ҳозир бо дӯстонам рафта арақнӯшӣ мекунам. Ба хона дер меоям. Духтарбозӣ мекунам. Боз меояму медонӣ пойфазоламро кӣ аз поям мекашад?

Зан дар ҷавоб:

-Мурдашӯйҳо мекашанд!

## Ниқоби занбӯрпарвар


Аз занбӯрпарваре мепурсанд:

-Чаро вақти ҷамъоварии асал ба сари худ халта мекашед?

Занбӯрпарвар мегӯяд:

-Агар баъдан занбӯрҳо маро шиносанд, ҳолам бад мешавад.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**




## ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!


### БА ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НУРИДДИН САИД


НУРИДДИН САИД

**Вазири муҳтарам, ҳар миллат бо ягон эҷоди таърихии худ ифтихор дорад ва онро аксари сокинон медонанд.**

Масалан, қирғизҳо бо “Манас” , гурҷиҳо бо Паҳлавони пӯсти палангпӯш” ва ғайра. Мардуми мо шоҳасари безаволи Фирдавсӣ “Шоҳнома” –ро қадр мекунанд, вале мутаассифона, ҳоло ҳатто хонандагони мактаб аз ин шоҳасар чизе намедонанд. Оё имкон надорад, ки дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дарси махсуи “Шоҳномахонӣ”таъсис дода шавад?

**Саодат ХОЛМАТОВА,**
**муаллимаи ММТУ № 67,**
**н. Фирдавсӣ, ш Душанбе**




**Хонандагон саволҳои худро метавонанд ба унвони ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба суроғаи: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 11 ё бо почтаи электронии tojikiston@pressa.tj, телефон: 238-54-51**

**Навбатдори шумора:** О.НОЗИР